ЧИСТ ИСТИҚЛОЛ, ДОНӢ? - ЗИСТАН ТОҶИКСОН,
ЧИСТ ИСТИҚЛОЛ? - ЯЪНЕ ТОҶИКИСТОН ДОШТАН!

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

Камоли одамӣ дар илм бошад

# Молия ва иқтисод

№ 7 (240) 16 сентябри соли 2026

Оғози нашр: 7. 03. 2013
www.tgfeu.tj

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

## СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ОҒОЗИ РОҲПАЙМОИИ СОКИНОНИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ БА ИФТИХОРИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ



**Ҳамватанони азиз!**

Сокинони муҳтарами пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол!

Ҳамаи шуморо бори дигар ба ифтихори ҷашни бузургу таърихӣ - 35-солагии истиқлолу озодии Ватани азизамон самимона табрик мегӯям.

Сиву панҷ сол пеш Тоҷикистони маҳбуби мо соҳиби истиқлол гардид ва халқи тоҷик имкони соҳибихтиёрӣ, муайян намудани роҳи мустақили пешрафту тараққиёт ва эҳёи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва анъанаҳои давлатдории бостониро ба даст овард.

Дар ин давра Тоҷикистон роҳи ниҳоят сахту сангин, вале пуршарафи давлатсозиро тай намуд.

Хусусан, солҳои аввали истиқлол барои мардуми мо солҳои бисёр ҳассосу тақдирсоз буданд.

Дар он айём хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба миён омада буд.

Вале бархилофи нақшаҳои шуми доираҳои манфиатҷӯй бо иродаи қавии мардуми кишвар ва талошҳои ватандӯстонаи фарзандони бонангу номуси миллат дар кишварамон сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ барқарор гардид.

Маҳз сулҳу субот ва оромии ҷомеа барои созандагиву ободонии Ватан ва пешрафти устувори давлат заминаи мустаҳкам фароҳам овард.

Муҳимтар аз ҳама, мардум ба ояндаи дурахшони Тоҷикистон эътимод пайдо карданд ва маҳз ҳамин эътимод омили тараққиёти минбаъдаи кишварамон гардид.

Имрӯз мо бо ифтихор метавонем изҳор намоем, ки Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ба шарофати заҳмати содиқона ва талошҳои ватандӯстонаи мардум ба марҳалаи нави рушд қадам гузоштааст.

Вале набояд фаромӯш кард, ки дар шароити ноорому бухронии ҷаҳони муосир ҷиҳати вусъат додани заҳмати созанда ва зиндагии арзанда барои мо сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва оромии ҷомеа неъмати аз ҳама арзишманд мебошад ва ҳифзи он вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Зеро танҳо дар фазои амну ором давлат метавонад пеш равад, иқтисод рушд кунад ва сокинони мамлакат ба заҳмати созанда машғул шаванд.

Маҳз ҷиҳати ҳифзи сулҳу оромӣ, ки хусусан солҳои охир ба масъалаи мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, чанде пештар қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, 2027-2036», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, қабул гардид.

Иқдоми мазкур саҳми кишвари соҳибистиқлоли мо дар таҳкими сулҳи ҷаҳонӣ ва албатта, мояи ифтихори мардуми он мебошад, ки ҳамагӣ чанд даҳсола қабл аз ин ҷанги даҳшатноки таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронидаанд.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Мехоҳам бо қаноатмандиву ифтихор як нуктаи муҳимро иброз намоям: ҳамаи ободиҳое, ки то имрӯз дар кишвари азизамон, аз ҷумла дар пойтахти он - шаҳри Душанбе амалӣ гардидаанд, аз баракати истиқлолу озодӣ мебошанд.

Бинобар ин, мо бояд ҳамеша шукрона кунем, ки соҳибватану соҳибдавлат ҳастем, дар Ватани озод ва давлати соҳибихтиёр зиндагӣ мекунем.

Мо бояд ба қадри неъмати бебаҳои истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ расем ва барои ҳифз кардану таҳким бахшидани пояҳои истиқлоли Ватани маҳбубамон бо иттиҳоду сарҷамъӣ саъйу талош намоем.

Ҳамчунин, мо бояд ифтихор кунем, ки ворисi яке аз тамаддунҳои қадимтарини ҷаҳон, яъне ориёӣ ҳастем ва тамаддунсозиву фарҳангофарӣ, созандагиву ободгарӣ дар ниҳоди мо аз замонҳои бисёр қадим реша давонидаaст.

Бори дигар кулли ҳамватанони гиромӣ ва ҳамаи шумо - ҳозирини ин майдони бошукӯҳро ба ифтихори ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ самимона табрик мегӯям.

Ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии пойтахти азизамон - шаҳри Душанбе ва сокинони он барои заҳмати содиқонаву ватандӯстона, ободу зебо гардонидани шаҳр ва иштироки фаъолонаашон дар чорабиниҳои ҷашнӣ миннатдорӣ баён менамоям.

Хотирнишон менамоям, ки мо бояд боз ҳам заҳмат кашем, Ватани азизамон ва пойтахти онро ободу пешрафта гардонем, то тавонем дар қатори ҷомеаи мутамаддини башарӣ ҷойгоҳи шоиста пайдо намоем.

Бигзор, истиқлоли давлатӣ ҷовидон, ваҳдати миллӣ пойдор ва Парчами давлати Тоҷикистон ҳамеша парафшон бошад!



Бигзор, Ватани азизамон боз ҳам ободу пешрафта гардад, сулҳу оромӣ дар кишвари биҳиштосоямон пойдор бошад ва дар хонадонамон файзу баракат зиёда гардад!

Ба ҳар як хонадони мамлакат саломатӣ, рӯзгори обод, саодати зиндагӣ ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидонӣ ва пешрафту ободии боз ҳам бештар орзу менамоям.

**Ҳамеша сарбаланду пирӯз бошед, ҳамдиёрони гиромӣ!**

**Ҷашни истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

**Зиндаву ҷовидон бод, Тоҷикистони соҳибистиқлол!**

# АЗ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ТО РӮЗНОМАИ ҶАҲОНИИ СУЛҲ




**Бахшида ба таҷлили 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 сентябри соли ҷорӣ дар толори конфронсии донишгоҳ ҳамоиши илмию фарҳангии ҳайати профессорону омӯзгорон таҳти унвони «Таҳкими истиқлолияти давлатӣ дар паҳнои фалсафаи сулҳи Пешвои миллат: аз Вахдати миллӣ то рӯзномаи ҷаҳонии сулҳ» доир гардид.**

Дар ҳамоиш дипломат, ходими давлатӣ, профессор Алимов Рашид Қудбиддинович иштирок ва суханронӣ намуд.

Нахуст, ректори ДДМИТ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор баромад намуда, зикр кард, ки 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро имсол дар шароите таҷлил менамоем, ки мафҳуми озодиву истиқлол, демократия, устувории давлатдории миллӣ ва ҳимояи ин арзишҳо барои шаҳрвандони мамлакат, махсусан сиёсатмадорон, зиёиён, олимону муҳаққиқон, беш аз пеш аҳамият ва афзалият пайдо намуда, ба як рисолати олии шаҳрвандиву хештаншиносӣ табдил ёфтааст.

Мушоҳида ва омӯзиши равандҳои муосири сиёсӣ ва бархӯрдҳои ҷаҳонӣ моро водор месозад, ки дар роҳи ҳифзи устувории истиқлолияти миллӣ, ки меҳвари асосии ифтихори ватандории моро фаро мегирад, бо диду ҷаҳонбинии хоси миллӣ назар намуда, нақши созандаи худро гузорем. Чун муҳимтарин ва бузургтарин дороии имрӯзу ояндаи мо ватандорӣ, инчунин, шинохту ҳимояи мафҳум ва манзалати истиқлолияти миллӣ мебошад.

Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Ватандорӣ бахти бузург аст, вале ба қадри истиқлолияти миллӣ ва давлати соҳибихтиёр расида тавонистан аз ҳама болотар. Зеро соҳибватан будан, тақдири фарзандон, тақдири миллат, забон ва иқтисоду фарҳанги хешро дар даст доштан на ба ҳар халқу миллат ба осонӣ муяссар мегардад».




Гуфта шуд, ки дар зарфи 35 соли Истиқлолияти давлатӣ таҳти сиёсати хирадмандонаву дурандешонаи Пешвои муаззами миллат кишвари мо ба дастовардҳои бузург ноил гардидааст.

Мо хуб огоҳ ҳастем, ки бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ тамоми бахшҳои хоҷагии халқи мамлакат харобу валангор гардида, иқтисоди кишвар ба ҳолати ногувор расида буд. Аммо дар зарфи 35 соли Истиқлолият бо амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии иқтисодӣ буҷети давлатӣ рушд ёфта, сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон ба таври назаррас беҳтар гардид.

Ин ҳама дастовардҳо натиҷаи мавҷудияти истиқлолияти устувор дар кишварамон мебошад. Ба таъкиди Сарвари давлат, истиқлолият Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон наздик ва қарин гардонид. Маҳз ҳамин сиёсати созанда буд, ки густариши ҳамкории байналмилалии Тоҷикистон дар қолаби «Сиёсати дарҳои боз» вусъат ёфта, ба нуфузи байналмилалии кишвари мо шукуҳу шаҳомати нав бахшид.



Натиҷаи ин дастовардҳоро метавон ҳамчун марҳилаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ дар паҳнои фалсафаи сулҳи Пешвои миллат ва қадамҳои устувор дар роҳи ташаккули рӯзномаи ҷаҳонии сулҳ арзёбӣ намуд.

Сипас, меҳмони ҳамоиш, профессор Рашид Алимов дар мавзуи «Дипломатияи сулҳи Эмомалӣ Раҳмон» суханронӣ намуда, оид ба ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳ, ташаккули дипломатияи сулҳ, хусусиятҳои хоси он ва таҷрибаи сулҳофарии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қудрату тавоноии дипломатияи сулҳи тоҷикон, меҳварҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон, рушди сиёсати хориҷӣ ва ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон баромади пурмуҳтаво намуд.

Дар маросими қадршиносӣ омӯзгорону кормандони донишгоҳ бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

Бино ба иттилои ректори ДДМИТ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор, имсол омӯзгорони донишгоҳ бо медали ҷашнии 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, унвони «Корманди шоиста» ва як нафар бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд, ки ин боиси ифтихори аҳли донишгоҳ мебошад.

Дар фарҷоми ҳамоиш аз ҷониби шуъбаи фарҳанги донишгоҳ барномаи иборат аз мусиқӣ, рақсу саҳнаҳову суруд пешкаши ҳозирин гардонида шуд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ҲАМОИШИ ИДОНА БАХШИДА БА 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Санаи 3 сентябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чорабинии сиёсӣ ба муносибати таҷлили 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ бо иштироки Нилуфар Имомзода ва Наима Солеҳзода - вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти донишгоҳ, омӯзгорону донишҷӯён доир гардид. Дар ҳамоиш доир ба аҳамияти истиқлолият, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ, нақши ҷавонон дар рушди давлат ва ҳифзи арзишҳои миллӣ андешаронӣ намуданд.

Нахуст, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов ҳозиринро ба муносибати ин ҷашни умумимиллӣ табрику муборакбод намуда, иброз дошт, ки истиқлолият барои мардуми Тоҷикистон имкон фароҳам овард, то давлатдории миллӣ таҳким ёфта, иқтисодиёт рушд кунад, сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар гардад ва барои рушди илму маориф, фарҳанг ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа заминаҳои мусоид фароҳам оварда шаванд.

Номбурда доир ба дастовардҳои Тоҷикистон дар роҳи таъмини рушди устувори кишвар суханронӣ намуда, таъкид сохт, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагии шоистаи мардум тадбирҳои пайваста амалӣ гардида, сатҳи камбизоатӣ коҳиш ёфта, инфрасохтори иҷтимоиву иқтисодии кишвар ба таври назаррас рушд кард.

С. Мирсаидов ба нақши ҷавонон дар идомаи ин раванд таваҷҷуҳ намуда, таъкид кард, ки насли ҷавон бояд аз дастовардҳои кишвар огоҳ бошад, арзиши истиқлолиятро дарк намояд ва бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ барои пешрафти Ватан саҳм гузорад.

Дар идомаи мантиқии ин суханон Нилуфар Имомзода дар бораи сулҳу суботи ҷовидона ва Истиқлоли давлатӣ ҳамчун муҳимтарин дастоварди миллати тоҷик суханронӣ кард.

Қайд гардид, ки истиқлолият барои миллати тоҷик арзиши олӣ ва заминаи асосии эҳёи давлатдории миллӣ мебошад. Маҳз дар заминаи соҳибистиқлолӣ имкон фароҳам омад, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил дар арсаи байналмилалӣ мақоми шоистаи худро пайдо намояд.




Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва ҳифзи истиқлолият муҳим арзёбӣ гардид. Таъкид шуд, ки солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои Тоҷикистон давраи ниҳоят душвор ва пур аз мушкилоту озмоишҳо буд. Дар чунин шароит ҳифзи якпорчагии кишвар, барқарор намудани сулҳу субот ва таҳкими давлатдорӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт. Маҳз тавассути талошҳои пайвастаи Роҳбари давлат ва дастгирии мардуми кишвар сулҳу субот дар ҷомеа таъмин гардида, барои рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон заминаи устувор гузошта шуд.

Ба андешаи Нилуфар Имомзода, истиқлолияти сиёсиро бе рушди иқтисодӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Рушди иқтисоди миллӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва рушди инфрасохтор аз омилҳои муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ мебошанд.

Нилуфар Имомзода ҷавононро ба дарки дурусти рисолати худ дар назди Ватан даъват намуда, таъкид кард, ки насли ҷавон бояд бо истифода аз имкониятҳои фароҳамомада дониш омӯзад, касбу ҳунар аз худ кунад ва барои ободиву пешрафти Тоҷикистон саҳми арзандаи худро гузорад.

Дар идомаи ҳамоиш Наима Солеҳзода оид ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббусҳои кишвар дар арсаи байналмилалӣ, бахусус дар масъалаи ҳифзи захираҳои об ва пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об суханронӣ намуд.

Зикр гардид, ки Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар сиёсати хориҷӣ ташаббусҳои муҳими байналмилалиро пешниҳод намуда, дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷаҳонӣ, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба обу иқлим, саҳми назаррас мегузорад.

Дар баробари ин, ба татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар, рушди захираҳои инсонӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Рушди илму маориф, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи насли наврас аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ арзёбӣ шуд.

Наима Солеҳзода изҳори боварӣ намуд, ки мардуми Тоҷикистон бо дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ минбаъд низ дар атрофи Пешвои миллат муттаҳид шуда, барои таҳкими сулҳу субот ва рушди устувори кишвар саҳми худро мегузоранд.

Дар идома муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДДМИТ Қутбиддин Муқимзода ба дастовардҳои ҷавонони тоҷик дар соҳаи илму маориф ва иштироки фаъоли онҳо дар олимпиадаву озмунҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳ намуд: "Имрӯз ҷавонони кишвар дар озмунҳои сатҳи байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, бо донишу истеъдод ва дастовардҳои худ номи Тоҷикистонро муаррифӣ мекунанд. Дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди неруи зеҳнии онҳо яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ мебошад, - гуфт баромадкунанда.

Дар ин замина, аз такя ба ҷавонон ҳамчун неруи асосии пешбарандаи ҷомеа ёдоварӣ шуда, зарурати истифодаи самараноки имкониятҳои муосири технологӣ таъкид гардид. Ҳамчунин, доир ба ташаббусҳои байналмилалӣ дар самти истифодаи зеҳни сунъӣ ва қабули қатъномаи дахлдор дар ин самт сухан гуфт.

Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии ДДМИТ Ҷамрод Бобозода бошад, аз шароити имрӯзаи илмомӯзӣ ва имкониятҳои фароҳамомада барои ҷавонон бо ифтихор ёдовар шуд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ соҳаи илму маориф пайваста рушд намуда, барои ҷавонон ҷиҳати таҳсил, омӯзиши илмҳои муосир ва рушди истеъдоду қобилиятҳои онҳо имкониятҳои нав фароҳам омадаанд.

Дар идомаи суханронӣ ба рушди қонунгузории кишвар низ таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Қайд карда шуд, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, барои танзими онҳо заминаҳои ҳуқуқии зарурӣ ташаккул ва такмил дода шуданд. Қонунгузории миллӣ ҳамчун асоси танзими муносибатҳои ҷомеа ва таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд пайваста рушд меёбад.

Ҳамчунин, зикр гардид, ки раванди созандагиву ободонӣ дар кишвар бо суръати баланд идома дошта, ҳамарӯза иншооти нави иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба истифода дода мешаванд.

Дар фарҷоми ҳамоиш таъкид гардид, ки ҷавонон ҳамчун ворисони арзандаи давлат ва миллат бояд аз таърихи навини кишвар, дастовардҳои даврони истиқлол ва арзишҳои миллӣ огоҳ бошанд. Онҳо бояд рисолати худро дар назди Ватан дарк намуда, бо дониш, меҳнат, масъулиятшиносӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ барои ободии Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзандаи худро гузоранд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

Молия ва иқтисод
Камоли одамӣ дар илм бошад
Огози нашр: 7. 03. 2013
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муассис:
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор
*Ректор*

Мирсаидов Саидакмал Аброрович
*Муовини якум, муовини ректор оид ба таълим*

Муқимзода Қутбиддин Мирзоҷон
*Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия*

Ғаффорова Шаҳноза Абдуҷабборовна
*Муовини ректор оид ба тарбия*

Ғафуров Парвиз Ҷурахонович
*Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ*

Муродзода Диловаршо Абдулхайр
*Муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагӣ*

САРДОРИ ШУЪБАИ ИТТИЛООТ ВА НАШРИЯ:
Очилдиев Маҳмадалӣ Мақсадуллоевич
m_mahmadali@mail.ru
934288855

САРМУҲАРРИР:
Ҷобиров Наврӯз Мирзомуродович
Navruz89.vahdat@mail.ru
907515243

МУҲАРРИРОН:
Савринисо Давлатова
Тағоймурод Эшов

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №502/РЗ-97 аз 12 майи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Arial Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ мутолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

www.tgfeu.tj

Телефон:
934288855,
907515243

Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.
Теъдоди нашр 3000
Нархаш шартномавӣ

# НОМВАРОНИ ДДМИТ: УСТОДОНИ ДОНИШГОҲ БО МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ САРФАРОЗ ГАРДИДАНД









Дар арафаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳ кормандони касбу кори гуногун барои хизматҳои шоиста, фаъолияти самарабахш ва саҳми арзанда дар рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардиданд.

Дар миёни соҳибони ин қадршиносии баланди давлатӣ устодону олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ қарор доранд. Сарфароз гардидани намояндагони ДДМИТ бо мукофотҳои давлатӣ аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон далели равшани саҳми арзандаи онҳо дар рушди илму маориф, иқтисод, ҳуқуқ ва тарбияи мутахассисони баландихтисос мебошад.

Дар маросимҳои тантанавие, ки ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ баргузор гардиданд, доктори илмҳои иқтисодӣ Дилмурод Ашурбек Давлатзода, профессори кафедраи иқтисоди молиявӣ ва фаъолияти биржавии ДДМИТ барои хизматҳои шоиста ва саҳми арзанда дар рушди соҳаи иқтисод ва фаъолияти илмӣ бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардонида шуд.

Дар ин радиф, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Арбоби хизматнишондодаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шавкат Исмоилов, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии ДДМИТ бо медали ҷашнии 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардид.

Ҳамчунин, барои дастовардҳои назаррас дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ дар соли 2026 сардори раёсати илм ва инноватсияи ДДМИТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Халифазода Ҷовидон Бобохон бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ сарфароз гардид. Ин ҷоиза яке аз шаклҳои муҳими дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии олимону муҳаққиқони ҷавон буда, ба рушди иқтидори илмӣ, техникӣ, технологӣ ва инноватсионии кишвар равона шудааст.

Дар идомаи силсилаи қадршиносиҳои давлатӣ Мастура Бӯризода, декани факулте-



ти фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии ДДМИТ, барои фаъолияти содиқонаю самарабахш ва саҳми арзанда дар рушди соҳа бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардид.

Инчунин, номзади илмҳои иқтисодӣ Абдукарим Муминзода, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии ДДМИТ низ барои фаъолияти чандинсола ва саҳми арзанда дар соҳаи маорифу илм бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардид.

Сарфароз гардидани устодону олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо мукофотҳои давлатӣ эътирофи фаъолияти бисёрсолаи онҳо ва ифтихори тамоми аҳли донишгоҳ мебошад. Ин қадршиносӣ собит месозад, ки заҳмати содиқона, фаъолияти самарабахши илмӣ ва омӯзгорӣ, тарбияи насли наврас ва саҳмгузорӣ дар рушди иқтисод, илм ва маорифи кишвар ҳамеша дар мадди назари давлат қарор дорад.

Раёсат, кормандон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ ҳамаи соҳибони мукофотҳои давлатиро ба ин дастоварди арзишманд самимона табрик намуда, барояшон саломатии бардавом, умри дароз, неруи тоза ва комёбиҳои нави илмию меҳнатӣ орзу менамоянд.

# ҲАМОИШ БАХШИДА БА РӮЗИ ДОНИШ




31 августи соли равон дар толори фарҳангии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи дониш ҳамоиш таҳти унвони «Нақши маориф ва илм дар ташаккули давлатдории миллӣ» баргузор гардид. Дар ҳамоиш муовини аввали Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷидӣ Юсуф Хайрулло, роҳбарияти донишгоҳ, профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён иштирок намуданд.

Нахуст, муовини аввал, муовини ректори ДДМИТ оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов ҳозиринро ба муносибати оғози соли нави таҳсили 2026-2027 ва Рӯзи дониш табрик намуда, иброз дошт, ки таҷлили ҳамасолаи Рӯзи дониш нишонаи таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди илму маориф ва эҳтироми аҳли илму маърифат мебошад.

Номбурда дар бораи нақши маориф ва илм дар рушди давлатдории миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа ва омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир андешаронӣ намуда, ба донишҷӯён дар соли нави таҳсил муваффақият ва дастовардҳои назаррас орзу кард.

Таъкид гардид, ки бо ташаббус ва талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия, рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва такмили заминаи моддию техникии муассиса таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Сипас, муовини аввали Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷидӣ Юсуф Хайрулло аз номи Ҳукумати мамлакат устодону донишҷӯёнро ба муносибати Рӯзи дониш табрик намуда, таъкид кард, ки ин сана дорои аҳамияти бузурги таърихию тарбиявӣ мебошад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар соҳаи илму маориф пайваста рушд намуда, барои таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, сиёсати сулҳҷӯёна ва маорифпарваронаи Пешвои миллат дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишвар нақши муҳим дорад.

Дар идомаи ҳамоиш профессори ДДМИТ Рустам Раҳматзода баромад намуда, оид ба нақши маориф ва илм дар рушди давлатдорӣ, аҳамияти сулҳу ваҳдати миллӣ ва зарурати омодасозии мутахассисони соҳибкасб андешаронӣ кард. Р. Раҳматзода дар идома зикр намуд, ки барои рушди соҳаи маориф маблағҳои назарраси буҷети давлатӣ равона гардида, ин иқдом ба баланд бардоштани сифати таҳсил ва фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои ҷавонон мусоидат менамояд.

Дар фарҷоми ҳамоиш таъкид гардид, ки сулҳу субот, истиқлолияти давлатӣ, рушди илму маориф ва омодасозии кадрҳои баландихтисос аз омилҳои муҳими таҳкими давлатдории миллӣ ва таъмини ояндаи неки Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

# ҲИМОЯИ БОМУВАФФАҚИЯТИ РИСОЛАҲОИ НОМЗАДӢ







Дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ) ба рушди фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди илмӣ-педагогӣ таваҷҷуҳи пайваста зоҳир мегардад. Натиҷаи чунин дастгирӣ ва талошҳои устодону муҳаққиқонро метавон дар ҳимояи бомуваффақияти як қатор рисолаҳои номзадӣ арзёбӣ намуд.

Яке аз чунин дастовардҳои арзандаи илмӣ ҳимояи рисолаи Шералӣ Сайдалӣ, омӯзгори ДДМИТ мебошад, ки рӯзи 5-уми сентябри соли равон дар Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон баргузор гардид.

Шералӣ Сайдалӣ таҳти роҳбарии Абдулхайл Қурбонов, доктори илмҳои иқтисодӣ, рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 - иқтисоди меҳнат ва демография ҳимоя намуд.

Дастоварди дигари илмии омӯзгорони ДДМИТ ба Мирзозода Акрам Рустам, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии донишгоҳ тааллуқ дорад. Санаи 19 июни соли 2026 дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҳимояи муваффақи диссертатсияи ӯ доир гардид.

Мирзозода Акрам Рустам рисолаи илмии худро дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои



дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 - назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) таҳти роҳбарии Гулшан Наврӯзова, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони русии ДДМИТ бомуваффақият ҳимоя намуд.

Дастоварди дигари назарраси илмии донишгоҳ ҳимояи рисолаи Самадзода Фардиса Ҳомиддухт, ассистенти кафедраи низоми иттилоотӣ-инноватсионӣ дар иқтисодиёти факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии ДДМИТ мебошад.

Рӯзи 9-уми июли соли 2026 дар Шурои муштараки диссертатсионии 99.2.101.02, ки дар заминаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия» фаъолият менамояд, ҳимояи рисолаи номзадии ӯ баргузор шуд.

Самадзода Фардиса Ҳомиддухт таҳти роҳбарии Низомов Самариддин Фахриевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор рисолаи худро дар мавзуи «Ташаккули асосҳои инфрасохтории рушди инноватсионии сохторҳои соҳибкорӣ дар низоми саноатии минтақа (дар мисоли саноати коркардии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.3 - иқтисодиёти минтақавӣ ва соҳавӣ (иқтисодиёти минтақавӣ) бомуваффақият ҳимоя намуд.

Раёсат ва ҳайати омӯзгорону кормандони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирзозода Акрам Рустам, Самадзода Фардиса Ҳомиддухт, Шералӣ Сайдалӣ ва Ҷаъфар Қодиров ро ба муносибати ҳимояи бомуваффақияти рисолаҳои номзадӣ самимона табрик намуда, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва омӯзгорӣ муваффақиятҳои бештар, саломатии бардавом, неруи тоза ва дастовардҳои нави илмӣ орзу менамоянд.

Инчунин, 29-уми августи соли равон сармутахассиси ШИМ-и ректорати ДДМИТ Ҷаъфар Қодиров рисолаи номзадии худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дар мавзуи «Асосҳои педагогии омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба донишҷӯён-мутахассисони ояндаи равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 5.3.10 - назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3 - назария ва технологияи таълими информатика) бомуваффақият ҳимоя намуд.

Ҳимояи рисола таҳти роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Абдулазиз Мирзоев доир гардид.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

Молия ва иқтисод
№ 7 (240) 16.09.26


**Рӯзи 7-уми августи соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маросими супоридани дипломҳои аъло ба хатмкунандагони зинаи бакалавриат ва магистратура бо иштироки роҳбарият, ҳайати профессорону устодон ва волидони хатмкунандагон таҳти унвони "Ҳар заҳматеро шарафест!" доир гардид.**

# ҲАР ЗАҲМАТЕРО ШАРАФЕСТ!




Нахуст, ректори ДДМИТ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ҷавонони лаёқатмандеро, ки бо меҳнати содиқона, донишандӯзии пайваста ва масъулияти баланд таҳсили худро бо дипломи аъло анҷом додаанд, табрик намуда, иброз дошт, ки ин диплом рамзи заҳмати пайгирона, иродаи устувор, фарҳанги баланди омӯзиш, масъулиятшиносӣ ва талош барои расидан ба қуллаҳои илму маърифат мебошад. Ҳамзамон, он самараи муҳаббати падару модарон, роҳнамоии устодон ва муҳити солими илмии донишгоҳ аст.

Бо мақсади мутобиқ намудани таҳсилот ба талаботи бозори меҳнат, нақшаҳои нави таълимӣ таҳия гардида, ихтисосҳои нав, аз ҷумла иқтисоди сабз, иқтисоди рақамӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок роҳандозӣ шудаанд. Бо иси сарфарозист, ки имрӯз ДДМИТ бо 170 муассисаи илмӣ ва таълимии хориҷӣ ва 137 вазорату идора, бонк ва корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамкорӣ намуда, барои донишҷӯён имконияти васеи таҷрибаомӯзӣ ва омӯзиши таҷрибаи пешқадамро фароҳам овардааст.

Ин ҳама тадбирҳо ба хотири онанд, ки хатмкунандагони мо на танҳо соҳиби диплом, балки соҳиби дониш, малака, ҷаҳонбинии васеъ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои мураккаби иқтисодӣ бошанд, - афзуд ректор.

Ректори муассиса, инчунин қайд намуд, ки имрӯз ҷомеа ба мутахассисоне ниёз дорад, ки донишманд, ватандӯст, поквиҷдон, масъулиятшинос ва соҳибахлоқ бошанд. Аз ин рӯ, вазифаи муқаддаси мо тарбия намудани инсони комил ва шаҳрванди масъул мебошад.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассисоне эҳтиёҷ дорад, ки дар татбиқи иқтисоди рақамӣ, иқтисоди «сабз», рушди низоми молиявӣ, идоракунии самаранок ва соҳибкории муосир саҳми арзанда гузошта тавонанд. Ман боварии комил дорам, ки шумо ба ин масъулияти бузург сарбаландона ҷавоб хоҳед дод.

Ректор дар идомаи суханронии хеш илова кард, ки мо дар остонаи таҷлили шоиста аз ҷашни бузургу таърихии 35-солагии Истиқлоли давлатии кишвари маҳбубамон ва 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон қарор дорем. Донишгоҳ ба сифати боргоҳи илму маърифати зодаи замони истиқлол буда, тайи се даҳсола мактаби бузурги омодасозии кадрҳои баландихтисос, рушди илм ва тарбияи ҳазорон мутахассиси варзида барои иқтисоди миллии кишвар гардид.

Мо бо такя ба сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, имкониятҳои фароҳамовардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва неруи бузурги ҳайати профессорону омӯзгорон минбаъд низ барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди илм, тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ ва тарбияи мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи асри XXI тамоми имкониятҳои худро сафарбар хоҳем сохт.

Бобоҷон Сатторзода дар охир бори дигар ҳамаи хатмкунандагонро бо хатми муваффақонаи донишгоҳ ва соҳиб шудан ба дипломи аъло самимона муборакбод гуфта, таманно карда, ба онҳо саломатии бардавом, рӯзгори обод, иродаи қавӣ, фаъолияти пурмаҳсул ва дастовардҳои бузург ба хотири шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол орзу намуд.

Аз номи хатмкунандагон бошад, Лоиқзода Муртазои Мустафо, Шукрона Раҳмонова ва Моҳира Исмоилова баромад намуда, ба роҳбарият ва коллективи меҳнатии донишгоҳ барои рушди шахсият ва дарёфти маҳорату малакаи баланди касбӣ изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

Дар фарҷом дар шароити тантанавӣ ба 83 нафар хатмкунандагоне, ки донишгоҳро соли таҳсили 2025-2026 бомуваффақият хатм намуданд, дипломи аъло тақдим карда шуд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

---

**Ман аз он қаноатмандам ва ифтихор дорам, ки аҳли маорифи мамлакат, устодону омӯзгорон ва хонандагону донишҷӯёни мо ҳамеша дар сафи пеши ҳимояи манфиатҳои миллӣ қарор доранд ва ин мавқеи онҳо устувору пойдор аст.**

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

# ПОЯИ ДАВЛАТ НАБОШАД БЕ МАОРИФ УСТУВОР...





Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар бораи рушди соҳаи маориф, таҳкими сулҳу ваҳдат дар кишвар, тарбияи насли наврасу ҷавон, омодасозии кадрҳои ҷавобгӯи талаботи замони муосир ва масъулияти ҳар фарди ҷомеа дар наздиояндаи давлату миллат изҳори андеша намуданд.

Ҳамин тавр, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастовардҳои соҳаи маорифро дар даврони соҳибистиқлолӣ, масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, рушди таҳсилоти касбӣ, интихоби дурусти касб, истифодаи оқилонаи технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ, инчунин, нақши омӯзгорону падару модаронро дар тарбияи насли наврас мавриди таваҷҷуҳ қарор доданд.

Дар ин мулоқот масъалаҳои муҳими соҳаи маориф бо воқеиятҳои ҷаҳони муосир пайваст карда шуданд. Ба он хотир ки рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни сунъӣ ҳамарӯза ба ҳаёти инсон таъсир мерасонад.

Дар суханронӣ бо таъкид ба ин масъала гуфта шуд: «Зеро зарар ё фоидаи технологияҳои нав аз он вобаста аст, ки мо онҳоро чӣ гуна истифода мебарем». Ин андеша барои замони муосир аҳаммияти махсус дорад. Технология метавонад воситаи муассири донишандӯзӣ, рушди қобилият ва эҷодкорӣ бошад, вале истифодаи нодуруст ва беназорати он метавонад ба вақти таҳсил, саломатии равонӣ ва ташаккули ҷаҳонбинӣ таъсири манфӣ расонад.

Ҷанбаи дигари муҳими суханронӣ ба масъалаи дониш ва рушди сармояи инсонӣ вобаста буд. Ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки давлатҳо бо сатҳи дониш, малака ва қобилияти шаҳрвандонашон рақобат мекунанд. Дар ин ҷода, таваҷҷуҳ ба илм, технология, забонҳои хориҷӣ, касбу ҳунар ва малакаҳои муосир талаботи замон мебошад.

Дар ин мулоқоти судманд Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври возеҳ таъкид намуданд: «Соҳиби илму дониш будан, махсусан, дар замони мо, ки марҳалаи рушду такомули бесобиқаи техникаву технологияҳо ва густариши зеҳни сунъӣ маҳсуб меёбад, аҳаммияти зиёд пайдо кардааст».

Дар ин замина, масъалаи интихоби касб низ аҳаммияти махсус дорад. Агар он бар асоси қобилият, истеъдод ва шавқу рағбати шахс сурат гирад, метавонад роҳи зиндагии ӯро ба сӯйи муваффақият равона созад. Баръакс, интихоби нодуруст метавонад боиси ноқаноатмандӣ ва саргардонии инсон гардад.

Яке аз нуктаҳои пурҳикмати Роҳбари давлат ин буд, ки: «Инсон бояд дар интихоби касб хато накунад, вагарна то охири умр сарсону саргардон мешавад ва орзуҳои худро амалӣ карда наметавонад.

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи мо зимни интихоби касб тамоюли зоҳирпарастӣ, тақлид ба дигарон ва интихоби бемавриду бемантиқ ҷой дорад».

Ин масъала имрӯз махсусан муҳим аст, зеро бозори меҳнат босуръат тағйир меёбад. Касбҳои нав ба вуҷуд меоянд ва ба баъзе касбҳои анъанавӣ талаботи нав пешниҳод мегардад. Аз ин рӯ, инсоният бояд ба самтҳои ояндадори иқтисоди рақамӣ таваҷҷуҳ намоянд.

Дар баробари ин, яке аз масъалаҳои муҳими дигаре, ки ба таври равшан баён шуд, фарқи байни диплом ва касб маҳсуб меёфт. Имрӯз доштани диплом худ ба худ кафолати муваффақият нест. Ҷомеа ба мутахассиси воқеӣ, дорои дониш, малака ва таҷриба ниёз дорад. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки: «Ба мо, пеш аз ҳама, мутахассис зарур аст, на ҷавоне, ки танҳо соҳиби диплом аст».

Масъалаи тарбияи ахлоқӣ низ дар суханронӣ мавқеи муҳимро касб кард. Таълим бе тарбия наметавонад шахсияти комилро ба вуҷуд оварад. Дониш бояд бо одоб, масъулиятшиносӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба дигарон ҳамроҳ бошад. Дар суханронӣ гуфта шуд, ки: «Тарбияи ахлоқӣ бояд аз оила оғоз шуда, дар муассисаҳои таълимӣ пайваста идома ёбад».

Ба андешаи инҷониб, мулоқоти Пешвои миллат ба кормандони соҳаи маориф ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳро метавон муроҷиати муҳим ба омӯзгорон, падару модарон ва ҷавонон арзёбӣ кард. Дар он масъалаҳои имрӯз ва вазифаҳои фардо бо ҳам инъикос гардиданд. Аз як тараф, дастовардҳои даврони истиқлол ва рушди инфрасохтори маориф нишон дода шуданд, аз ҷониби дигар, вазифаҳои нави марбут ба сифати таҳсилот, технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, интихоби касб, тарбияи ахлоқӣ ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир муайян гардиданд.

Барои таҳияи барномаҳо ва хулосабарорӣ вобаста ба баъзе машваратҳо, масъалаҳо ва андешаҳои пешниҳодшуда муҳлат дода шуд, то пешниҳодҳои мазкур мавриди омӯзиш ва баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, роҳҳои муассири рушди соҳаи маориф ва пешрафти ҷомеа муайян карда шаванд.

Дар асоси ин масъалаҳо, машваратҳо ва андешаҳои пешниҳодшуда, аҳли коллективи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, такмили раванди таълим ва омода намудани мутахассисони рақобатпазир аллакай нақшаи чорабиниҳои заруриро таҳия намудаанд.

Ба андешаи мо, дар сурати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат, мо метавонем ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, рушди қобилияти эҷодӣ ва омодасозии мутахассиси воқеан рақобатпазир комёб гардем.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА,**
**сармуҳаррири рӯзномаи «Молия ва иқтисод»-и ДДМИТ**




**Санаи 31-уми июли соли равон дар маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон нишасти матбуотӣ баргузор шуд, ки дар он намояндагони рӯзномаю маҷаллаҳо, шабакаҳои иттилоотӣ, телевизион ва радио, аз ҷумла "Синамо", "Баҳористон", "Сафина", "Илм ва табиат", "Радиои «Тоҷикистон», АМИТ "Ховар", "Овози тоҷик", "Ҳамсадо", "Имрӯз", "Садои Душанбе", "Ҷумҳурият", "Садои мардум", "Мароми пойтахт", "Фарах", "Омӯзгор", "Оила.tj", "Время и деньги", "Ба қуллаҳои дониш", "Истиқлол", "Халқ овози", "Авесто", "Навид", "Молия ва ҳисобдорӣ", "Народная газета", "СССР", "Ҷавонони Тоҷикистон" ва рӯзноманигорони мустақил, ҷамъ 46 нафар намояндагони воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд.**

# ФАЪОЛИЯТИ ШАШМОҲАИ ДДМИТ ДАР НИШАСТИ МАТБУОТӢ




Ректори ДДМИТ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор аз ҳамкорӣ бо намояндагони васоити ахбори омма ҷиҳати амалисозии сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати мамлакат арзи сипос намуда, бо боварии том иброз дошт, ки ҳамкориҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо намояндагони васоити ахбори омма дар оянда низ идома ёфта, ҷиҳати ноил гардидани донишгоҳ ба дастовардҳои сазовор дар самти омода намудани мутахассисони дорои малакаю маҳорати касбӣ мусоидат менамояд.

Бобоҷон Сатторзода, инчунин зикр кард, ки ДДМИТ дастуру супоришҳои Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро сармашқи фаъолияти хеш қарор дода, дар шашмоҳаи аввали соли 2026 дар самтҳои таълим, фаъолияти илмию инноватсионӣ, робитаҳои байналмилалӣ, ташкилию тарбиявӣ, маъмурию хоҷагӣ ва тавсеаи базаи моддию техникӣ корҳои муайянеро ба сомон расонида, дастовардҳои назаррасро ноил гардидааст.

- Мақсадҳои стратегӣ ва рафти иҷрои индикаторҳои стратегияи рушди донишгоҳ пайваста дар ҷаласаҳои шурои олимон, раёсат ва ҳисоботҳои солонаи ректори донишгоҳ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода мешаванд. Ин аст, ки хайати профессориву омӯзгории донишгоҳ афзалиятхо ва самтҳои рушди касбии худро амиқтар ва вазифаҳои нави рушди муассисаро барои солҳои 2025-2030 дақиқтар намуда истодаанд, - гуфт ректор.

Гуфта шуд, ки робитаҳои байналмилалӣ низ тавсеа ёфтанд: донишгоҳ бо зиёда аз 160 муассиса ва ташкилоти хориҷӣ ва дохилӣ ҳамкорӣ дорад, ки аз ин шумора 8 шартнома соли 2025 ба имзо расидааст. Дар ин давра, 15 устод дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ширкат варзиданд, 18 донишҷӯ барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода шуданд ва 15 устоди хориҷӣ дар доираи барномаи «Профессори даъватӣ» ба донишҷӯёни ДДМИТ лексия пешниҳод намуданд.

Гуфта шуд, ки бо воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии таҳсилот дар донишгоҳ раванди таълим фаъол, ахбороти зарурӣ ғанӣ гардида, мазмуну мундариҷаи таҳсилот мукаммал шуда истодааст.

Зимнан, дастовардҳои зеринро, ки натиҷаи фаъолияти босамари ҳайати профессориву омӯзгорӣ ва кормандони донишгоҳ дар шашмоҳаи аввали соли 2026 мебошанд, номбар кард:

-бо мақсади ташкили раванди таълим ва таъмини методии ҷараёни таълим дар соли таҳсили 2025-2026 барои 15 ихтисоси бакалаври шакли таҳсили рӯзона, 7 ихтисоси таҳсилоти фосилавӣ, 5 ихтисоси магистратура ва 2 ихтисоси докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) нақшаи нави таълим ва барномаҳои нави таҳсилотии ба талаботҳои стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ таҳия гардида, аз оғози соли таҳсили 2026-2027 мавриди истифода қарор мегиранд;

-дар заминаи факултети навтаъсиси фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ кафедраи иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳамзамон, дар заминаи кафедраи фанҳои гуманитарӣ кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ таъсис дода шуд;

- ба мақсади ҳамоҳангсозии корҳои илмию тадқиқотӣ ба самтҳои афзалиятноки илм маҷаллаи байналмилалии илмӣ аз рӯи равияҳои иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз таъсис дода шуд;

- дар доираи Шартномаи ҳамкорӣ миёни донишгоҳ ва Донишкадаи Конфутсийи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар донишгоҳ маркази омӯзиши забони хитоӣ ташкил гардида, фаъолияти самаранокро ба роҳ мондааст.

- боиси ифтихор аст, ки 5 нафар донишҷӯи донишгоҳ барандаи стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 нафар донишҷӯ ва 1 нафар омӯзгор барандаи стипендияи Раиси шаҳри Душанбе мебошанд;

- бори аввал дар донишгоҳ Форуми байналмилалии Донишкадаи байналмилалии шабакавӣ дар соҳаи муқовимат бо маблағҳои бо роҳи ҷиноят ва маблағгузорӣ ба экстремизм ва терроризм бадастовардашуда доир гардид, ки дар он намояндагони 15 муассисаи таҳсилоти олии хориҷӣ ширкат варзиданд;

- дар нимсолаи якуми соли 2026 донишгоҳ барандаи 6 ҷой дар Олимпиадаи фаннӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар гардида, мақоми 4-умро ишғол намуд;

- дар даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» 13 нафар донишҷӯ ва 1 нафар омӯзгор сазовори ҷойҳои аввал гардида, ба даври шаҳрии озмун роҳ ёфтанд;

- дар даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доной китоб аст" 2 нафар донишҷӯ сазовори ҷойҳои аввал гардида, ба даври шаҳрӣ роҳ ёфтанд;

- китобхонаи илмии донишгоҳ дар озмуни шаҳрии "Китобхонаи беҳтарин" ширкат варзида, аз рӯи номинатсияи китобхонаи илмӣ-соҳавӣ сазовори ҷои сеюм гардид;

- маҷаллаи илмии "Паёми молия ва иқтисод" дар се бахш (иқтисодиёт, ҳуқуқ ва математика), ки ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил аст, барои нашри мақолаҳои илмии олимону муҳаққиқон мусоид мебошад;

- дар шаш моҳи соли 2026 тавассути фароҳам овардани шароити мусоид 10 нафар рисолаи номзадӣ ва 1 нафар устод рисолаи докторӣ дифоъ намуданд;

- дар шаш моҳи соли 2026 дар донишгоҳ ду маротиба ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ бо иштироки 34 муассисаи ба кор таъминкунанда доир карда шуд;

- давоми нимсолаи якуми соли 2026 бо мақсади дар сатҳи баланди илмию амалӣ баргузор гардидани машғулиятҳои таълимӣ толори таълимӣ-таҷрибавии мурофиавии судӣ ташкил карда шуд;

- аз оғози соли таҳсили 2025-2026 музди маоши устодони дар гурӯҳҳои русӣ ва англисӣ дарсдиҳанда аз ҳисоби суратҳисоби махсус ба андозаи 10% баланд бардошта шуд;

- дастаи футзалбозони ДДМИТ дар мусобиқаи футболи хурд миёни дастаҳои варзишии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бори сеюм аст, ки сазовори ҷойҳои аввал мегардад.

Дар идома, ректор ба саволҳои намояндагони ВАО дар мавриди мақоми омӯзгор, шароити таҳсили донишҷӯёни хориҷӣ, имтиёзҳои таҳсил, хавасмандгардонии донишҷӯёни фаъол, шароити моддию маишии омӯзгорон ва ҷобаҷогузории хатмкунандагон ҷавобҳои мушаххас пешниҳод кард.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

# СУЛҲ, ДОНИШ ВА ОЯНДАИ МИЛЛАТ

*Мусоҳибаи сардори шуъбаи иттилоот ва нашри Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Муҳаммадалӣ Очилдиев бо ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳтарам Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ба ифтихори ҷашни фархундаи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии ДДМИТ*

*Истиқлоли давлатӣ барои миллати тоҷик танҳо оғози марҳилаи нави давлатдорӣ набуд, балки оғози бозгашт ба худ, таърих, ҳувият ва масъулияти сарнавиштсоз дар назди оянда гардид. Аммо роҳи истиқлол барои Тоҷикистони навин осон набуд. Миллати тоҷик рӯзҳои пурошӯбро аз сар гузаронд, аз имтиҳонҳои сангини таърих гузашт ва танҳо баъди расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ тавонист роҳи бунёдкорӣ, созандагӣ ва рушди устуворро пеш гирад.*

*Имрӯз, ки Тоҷикистон 35-солагии Истиқлоли давлатии худро ҷашн мегирад, ҷомеаи мо бо эҳсоси ифтихор ба роҳи тайшуда назар мекунад. Ин сию панҷ сол на танҳо солҳои бунёди роҳҳо, неругоҳҳо, корхонаҳо, шаҳру деҳоти нав, балки солҳои таҳкими давлатдорӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ, рушди маорифу илм ва ташаккули насли нави соҳибмаърифату ватандӯст мебошанд.*

*Дар ҳамин соли таърихӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ 30-солагии таъсисёбии худро таҷлил мекунад. Ин муассисаи олии таълимӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июли соли 1996 таъсис ёфта, имрӯз ба яке аз марказҳои муҳими омодасозии кадрҳои соҳавӣ ва рушди афкори иқтисодиву молиявии кишвар табдил ёфтааст.*

*Ҳамзамон, соли 2026 дар ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон дар партави ғояҳои сулҳ, дониш, худшиносӣ ва созандагӣ аҳамияти махсус касб мекунад. Дар ҳамин замина, Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ низ танҳо анъанаи оғози соли таҳсил набуда, ҳамчун рамзи пайванди амиқи сулҳ, дониш, худшиносӣ ва ояндасозӣ арзёбӣ мешаванд. Зеро сулҳ муҳити дониш аст ва дониш неруи пойдории сулҳ.*

*Маҳз ҳамин масъалаҳо: пайванди сулҳу дониш, нақши маорифу илм дар таҳкими давлатдорӣ, фарҳанги сулҳофарӣ, рисолати донишгоҳ ва вазифаҳои насли ҷавон дар арафаи ду санаи бузурги таърихӣ, яъне 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон меҳвари суҳбати мо бо ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳтарам Бобоҷон Сатторзода гардид.*

**-Муҳтарам Бобоҷон Абдуҷаббор! Тоҷикистон имрӯз 35-солагии Истиқлоли давлатиро таҷлил мекунад. Ба андешаи Шумо, муҳимтарин сабақе, ки миллат аз роҳи тайкардаи соҳибистиқлолӣ омӯхт, кадом аст?**

-Ба назари ман, муҳимтарин сабақи сию панҷ соли соҳибистиқлолӣ дар он таҷассум меёбад, ки миллат арзиши давлат, сулҳ, ваҳдат ва масъулияти шаҳрвандиро амиқтар дарк кард.

Истиқлол ба мо имконият дод, ки сарнавишти давлатдории худро мустақилона муайян кунем, сиёсати миллӣ ва самтҳои рушди худро бо дарназардошти манфиатҳои мардум ба роҳ монем, арзишҳои таърихиву фарҳангии худро эҳё созем ва дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёр мавқеи худро пайдо намоем. Вале бояд эътироф кард, ки роҳи истиқлол барои мо роҳи ҳамвор набуд. Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо имтиҳонҳои бисёр сахт рӯ ба рӯ гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ давлат ва ҷомеаро дар назди хатари воқеии аз байн рафтани ҳастии миллӣ қарор дод. Дар ҳамин марҳилаи бисёр ҳассос масъалаи сулҳу оштии миллӣ ба масъалаи тақдирсоз табдил ёфт.

Бузургтарин сабақи таърихӣ ҳамин аст, ки давлатдорӣ бе ваҳдат пойдор намемонад, рушд бе сулҳ имконнопазир аст ва ояндаи миллат бе худшиносӣ ва дониш таъмин намегардад.

Дар ҳамин ҷо мехоҳам махсус таъкид намоям, ки нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи давлатдории миллӣ, расидан ба сулҳу субот ва таҳкими Ваҳдати миллӣ бисёр бузург ва таърихӣ мебошад. Маҳз сиёсати хирадмандона, иродаи устувор ва талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат барои муттаҳид сохтани ҷомеа ва ба роҳ мондани раванди сулҳ заминаи асосии гузариши кишвар аз солҳои душвори низоъ ба марҳилаи созандагиву пешрафт гардид.

Имрӯз мо ба гузашта танҳо ҳамчун таърих нигоҳ намекунем, балки аз он сабақ меомӯзем. Муҳимтарин дарси таърихи соҳибистиқлолии мо ҳамин аст: Сулҳу субот неъмати худ аз худ бадастомада нест. Он арзишест, ки бояд ҳамеша ҳифз карда шавад.

Маҳз ҳамин аст, ки дар арафаи 35-солагии Истиқлол ҳар як шаҳрванди кишвар, махсусан ҷавонон, бояд дар назди худ савол гузоранд: ман барои ҳифзи давлат, сулҳ, ваҳдат ва рушди Ватан чӣ саҳм гузоштаам ва ё мегузорам.

**-Шумо аз сулҳ ҳамчун яке аз дастовардҳои бузурги миллӣ ёд кардед. Имрӯз «Дарси сулҳ»-ро чӣ гуна бояд фаҳмид? Оё он танҳо ёдоварии воқеаҳои гузашта аст?**

-Албатта, не. Агар мо «Дарси сулҳ»-ро танҳо ба нақли рӯйдодҳои гузашта маҳдуд созем, ба моҳияти аслии он намерасем.

«Дарси сулҳ» пеш аз ҳама дарси шинохти арзиши зиндагии осоишта аст.

Сулҳ барои мо танҳо набудани ҷанг нест.

Сулҳ имкони ба мактаб рафтани кӯдак аст.

Сулҳ имкони донишҷӯ шудани ҷавон аст.

Сулҳ фаъолияти озоди омӯзгор, олим ва муҳаққиқ аст.

Сулҳ сохтани мактаб, донишгоҳ, корхона, китобхона ва марказҳои илмӣ мебошад.



Сулҳ имкони андешидан дар бораи фардо аст.

Бинобар ин, вақте мо дар бораи «Дарси сулҳ» ҳарф мезанем, бояд ҷавононро ба дарки ҳамин ҳақиқат расонем, ки сулҳ танҳо мероси гузашта нест, балки масъулияти имрӯз ва вазифаи фардо мебошад.

Мавқеи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар масъалаи Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ аз ҳамин ҷаҳонбинии амиқ сарчашма мегирад. Дар суханрониҳои Сарвари давлат дониш ҳамчун омили муҳими рушди устувор ва зиндагии осудаи инсон арзёбӣ мешавад. Яъне, сулҳ ва дониш ҳамчун ду арзиши ба ҳам пайвандида дар сиёсати давлатӣ ҷойгоҳи муҳим доранд.

Ин, ба назари ман, масъалаи бисёр муҳим аст. Зеро сулҳ муҳити дониш аст ва дониш фарҳанги сулҳро пойдор месозад.

Дар ҷомеаи бесубот рушди маориф ва илм мушкил мегардад. Аммо ҷомеаи донишмеҳвар низ худ метавонад яке аз сипарҳои муҳими сулҳу субот бошад. Чун инсон ҳар қадар босаводтар, ҷаҳонбиниаш васеътар ва тафаккураш солимтар бошад, ҳамон қадар ба ҷаҳолат, таассуб, хушунат ва андешаҳои харобиовар камтар роҳ медиҳад.

Аз ҳамин рӯ, «Дарси сулҳ» бояд ҳамзамон дарси маърифат, таҳаммул, муколама ва масъулияти шаҳрвандӣ бошад.

**-Муҳтарам Сатторзода, дар суханронии имсолаи худ ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба масъалаи пайванди истиқлол, сулҳу субот ва рушди маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳамзамон ҷавононро ба донишандӯзӣ, касбу ҳунаромӯзӣ, истифодаи дурусти технологияҳои муосир ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳидоят карданд. Ба андешаи Шумо, муҳимтарин паём ва дарси ин суханронӣ барои ҷомеаи донишгоҳӣ, махсусан донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, дар чӣ ифода меёбад?**

-Ба андешаи ман, суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ танҳо як мурoҷиати анъанавӣ ба аҳли маориф набуда, балки барномаи фарогири андеша ва амал барои тарбияи насли нави Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Дар меҳвари ин суханронӣ як ҳақиқати бисёр муҳим қарор дорад: ояндаи давлат пеш аз ҳама ба сифати инсон, сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маърифат ва масъулияти шаҳрвандони он вобаста аст.

Пешвои миллат дар суханронии худ бори дигар бо далелҳои мушаххас нишон доданд, ки ҳамаи дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз ҷумла, пешрафтҳои бузурги соҳаи маориф, маҳз самараи истиқлол, сулҳу суботи сиёсӣ ва Ваҳдати миллӣ мебошанд. Аммо муҳимтар аз сохтмони биноҳо, ба назари ман, сохтани инсон аст.

Мактаб бунёд кардан муҳим аст, вале дар он ба камол расонидани инсони донишманду соҳибмаърифат муҳимтар мебошад.

Донишгоҳ сохтан зарур аст, вале муҳим он аст, ки донишгоҳ тавонад насли навро барои зиндагӣ ва фаъолияти созанда дар ҷаҳони пуртағйиру пуррақобати имрӯз омода созад. Маҳз ҳамин нуқтаи назар суханронии Пешвои миллатро барои ҷомеаи донишгоҳӣ бисёр муҳим ва саривақтӣ мегардонад.

Имрӯз ҷаҳони муосир ба марҳилаи нави рушди илму технология ворид шудааст. Рақамикунонӣ, технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, иқтисоди рақамӣ ва навоварӣ ба қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ҷомеа табдил ёфтаанд. Пешвои миллат низ дар суханронии худ ба ҷавонон тавсия доданд, ки донишҳои муосир, технологияҳои нав, забонҳои хориҷӣ ва касбу ҳунарҳои замонро ҳамаҷониба аз худ намоянд. Барои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ин масъала аҳамияти махсус дорад. Зеро иқтисодиёти ҷаҳонӣ имрӯз бо суръати бесобиқа тағйир меёбад. Мутахассиси молия, иқтисодчӣ, муҳосиб, менеҷер ва соҳибкор дигар танҳо бо донишҳои анъанавӣ наметавонад ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад. Ӯ бояд иқтисоди рақамиро донад, бо технологияҳои муосир кор карда тавонад, тафаккури таҳлилӣ дошта бошад, аз равандҳои ҷаҳонӣ огоҳ бошад ва муҳимтар аз ҳама, донишро ба ҳалли масъалаҳои воқеӣ табдил дода тавонад. Аммо суханронии Пешвои миллат танҳо ба масъалаи донишҳои касбӣ маҳдуд намешавад. Дар он масъалаи бисёр муҳим: масъулияти маънавии насли ҷавон низ ҷойгоҳи марказӣ дорад. Яъне ҷавони имрӯз бояд на танҳо донишманд, балки соҳибфарҳанг, ватандӯст, дорои ахлоқи ҳамида ва эҳсоси баланди масъулият бошад.

Пешвои миллат махсусан ба масъалаи истифодаи дурусти телефонҳои ҳушманд, шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет ва зеҳни сунъӣ таваҷҷуҳ карданд. Ин масъала воқеан аз муҳимтарин масъалаҳои замони мост. Зеро технология худ ба худ на хуб асту на бад. Ҳама чиз аз он вобаста мебошад, ки инсон онро чӣ гуна истифода мекунад. Агар интернет барои донишандӯзӣ, мутолиа, тадқиқот ва рушди малака истифода шавад, он метавонад ба яке аз абзорҳои муҳими пешрафти шахсият табдил ёбад. Аммо агар инсон вақти худро беназорат дар фазои маҷозӣ сарф кунад, аз мутолиа дур шавад ва ба таъсири иттилооти бардурӯғу ғаразнок қарор гирад, технология метавонад ба монеаи рушди маънавӣ ва зеҳнии ӯ табдил ёбад. Аз ҳамин рӯ, ба назари ман, яке аз муҳимтарин паёмҳои суханронии Пешвои миллат барои ҷавонон чунин аст:

- Дар ҷаҳони технологияҳо танҳо истифодабарандаи технология набошед, соҳиби дониш ва фарҳанги истифодаи технология бошед.Яъне ҷавонон бояд тавонанд иттилоотро таҳлил кунанд, хабарҳои воқеиро аз иттилооти бардурӯғ фарқ намоянд, дар муқобили ғояҳои харобиовар масунияти маънавӣ дошта бошанд ва аз технология барои омӯзишу созандагӣ истифода баранд.

Дар ҳамин ҷо боз ба масъалаи «Дарси сулҳ» бармегардем.

Ба андешаи ман, имрӯз Дарси сулҳ танҳо дарси таърих нест. Он дарси зиндагӣ дар ҷаҳони пуртаҳаввул ва пурихтилофи имрӯз мебошад.

Чунки дар шароите, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ҷангу низоъҳо идома доранд, вақте ҳазорон инсон ҷони худро аз даст медиҳанд ва миллионҳо нафар маҷбур мешаванд манзили худро тарк намоянд, қадри сулҳу суботро бештар бояд дарк кард. Маҳз ба ҳамин маъно таъкидҳои Пешвои миллат дар бораи ҳифзи истиқлол, сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои давлатдорӣ барои ҳар як ҷавони тоҷик бояд ҳамчун дарси масъулияти шаҳрвандӣ қабул гарданд.

Имрӯз аз ҳар донишҷӯ танҳо пурсидан кифоя нест, ки «чӣ мехонӣ?». Саволи муҳимтар ин аст:

Барои чӣ мехонӣ ва дониши худро ба нафъи кӣ истифода мекунӣ?

Агар ҷавон дониши худро бо эҳсоси масъулият дар назди Ватан, ҷомеа ва миллат пайванд диҳад, дониш ба неруи воқеии созанда табдил меёбад.

Ба андешаи ман, маҳз ҳамин андеша барои ҷомеаи донишгоҳии мо аҳамияти махсус дорад. Мо бояд донишҷӯеро тарбия кунем, ки танҳо барои гирифтани диплом таҳсил намекунад. Ӯ бояд барои соҳибкасб шудан, соҳибфикр шудан, ба ҷомеа нафъ расондан ва дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳм гузоштан омӯзад.

Дар умум, суханронии Пешвои миллат дар остонаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бори дигар ба мо ёдрас мекунад, ки истиқлол танҳо мероси насли гузашта нест. Истиқлол масъулияти ҳар як насли имрӯз ва фардо мебошад.

Мантиқан андешем, мо сулҳро ба мерос гирифтем, бояд онро ҳифз кунем;

-Мо давлатро соҳиб шудем, вале бояд онро боз ҳам қавӣ гардонем.

-Мо имкони таҳсил дорем, вале бояд онро ба дониш ва донишро ба созандагӣ табдил диҳем.

Аз ин рӯ, агар мо бихоҳем паёми асосии суханронии Пешвои миллатро барои ҷомеаи донишгоҳӣ дар як ҷумла ҷамъбаст намоем, метавон гуфт:

-Сулҳро ҳифз кунед, дониш омӯзед, технологияро бо фарҳанг истифода баред, соҳибкасб шавед ва тамоми донишу тавони худро барои ободӣ ва пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол равона созед.

Аз ҳамин зовия, ба назари ман, имрӯз маҳз чунин ҷавон, ҷавони донишманду соҳибкасб, худшиносу ватандӯст, дорои фарҳанги баланди иттилоотӣ ва эҳсоси масъулияти миллӣ - метавонад воқеан ворисi сазовори Истиқлол ва идомадиҳандаи роҳи созандагии давлату миллат бошад.

**-Пас, метавон гуфт, ки миёни «Рӯзи дониш» ва «Дарси сулҳ» пайванди амиқ вуҷуд дорад?**

-Бешубҳа. Ман ҳатто мегӯям, ки ин ду мафҳумро аз ҳам ҷудо тасаввур кардан душвор аст.

Зеро сулҳ муҳити дониш аст ва дониш неруи маънавии пойдории сулҳ. Дар муҳити сулҳу субот инсон меомӯзад, меандешад, тадқиқ мекунад ва месозад. Аммо дониш ба инсон қудрати шинохти воқеият, таҳлили масъалаҳо, эҳтироми андешаи дигар ва интихоби роҳи созандаро медиҳад. Бинобар ин, пайванди сулҳ ва дониш тасодуфӣ нест.

Маҳз ҳамин ҷо моҳияти аслии донишмеҳварӣ ошкор мегардад. Ҷомеаи донишмеҳвар танҳо ҷомеае нест, ки дар он шумораи муассисаҳои таълимӣ зиёд бошад. Ҷомеаи донишмеҳвар ҷомеаест, ки дар он ақл, далел, таҳлил, таҳаммул ва фарҳанги муколама ҷойгоҳи баланд дошта бошад. Аз ин рӯ, Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар амиқи маъно як паёми бузург доранд: бе сулҳ рушди воқеии дониш имконнопазир аст ва бе дониш фарҳанги пойдори сулҳ ташаккул намеёбад.

**-Дар ин раванд нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар рушди маориф, илм ва ташаккули ҷомеаи донишмеҳвар чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

-Ин масъала аз муҳимтарин масъалаҳои рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад.

Дар сиёсати давлатӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маориф ва илм ҳамчун заминаи асосии рушди инсон, таҳкими давлатдорӣ ва таъмини ояндаи кишвар мавқеи меҳварӣ пайдо намудаанд.

Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки дар асри технология ва рақобати шадид сарвати асосии давлат на танҳо захираҳои табиӣ, балки пеш аз ҳама инсони донишманд мебошад. Аз ҳамин рӯ, таваҷҷуҳи доимии давлат ба рушди маориф, бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, беҳтар намудани шароити таҳсил, омода кардани кадрҳои баландихтисос, дастгирии ҷавонони боистеъдод, рушди илмҳои дақиқу табиатшиносӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ сиёсати дорои аҳамияти стратегӣ мебошад.

Маҳз ҳамин ҷаҳонбинӣ имрӯз ба сиёсати рушди миллии Тоҷикистон рӯҳу мазмуни тоза мебахшад.

Вазифаи мост, ки ин сиёсатро дар амал бо тарбияи ҷавонони соҳибдониш, соҳибкасб, худшинос ва ватандӯст идома диҳем.



# ҲАМОВОЗӢ АЗ ТАШАББУСИ НАВБАТИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



26-уми июни соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳамоиши ғоявӣ-сиёсии ҳайати профессорию омӯзгории донишгоҳ ҷиҳати ҳамовозӣ аз ташаббуси навбатии байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери унвони "Қатъномаи СММ дар бораи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» васила муассири ташаккули имиҷи ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон" доир гардид. Дар кори ҳамоиш аъзои раёсат, Шурои олимон, ҳайати профессорию омӯзгории донишгоҳ ширкат варзиданд.

Ҳамоишро муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Муқимзода Қутбиддин ифтитоҳ намуда, онро рамзи ҳамовозии ҳайати профессорию омӯзгории донишгоҳ аз ташаббуси навбатии байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қабули Қатъномаи СММ унвон намуд.

Сипас ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор доир ба моҳияти ташаббуси навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан намуда, иброз дошт, ки дар ҷаҳони имрӯз, ки раванди низову моҷароҳои сиёсӣ то рафт шиддат гирифта, ҷуғрофияҳои ҷангҳо беш аз пеш васеъ гардида истодаанд, масъалаи ҳифзу таҳкими сулҳу ваҳдат барои ҳама миллату давлатҳо беш аз пеш хусусияти мубрамиятро гирифтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати дохилию хориҷии худ ҳифзи сулҳу суботи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалиро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ҳалли мусолиҳатомези ҳама бархурду моҷарро ва низоҳоро муҳимтар арзёбӣ менамояд.

Сатторзода Бобоҷон таъкид дошт, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, ки ҳеҷ як кишвар дар алоҳидагӣ наметавонад бо мушкилот ва таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир мубориза барад. Бартараф намудани моҷароҳои сиёсӣ, пешгирии пайомадҳои мусаллаҳшавии бошитоб, терроризму экстремизми байналмилалӣ ва дигар ҷиноятҳои трансмиллӣ ҳамкориҳо ва муттаҳидии кулли давлатҳои ҷаҳонро талаб менамояд.

Ректори донишгоҳ иброз дошт, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши Созмони Милали Муттаҳидро ба сифати ташкилоти бонуфузи ҷаҳонӣ дар ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ муҳим арзёбӣ намуда, зикр намудаанд, ки "фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба таҳаввулоти босуръати вазъ дар арсаи байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳад, ки аксари кишварҳои дунё ба таҳкими муносибатҳои бисёрҷониба ниёз доранд".

Бо инобат гирифтани нуфузи ҷаҳонии Созмони Миллали Муттаҳид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24-уми сентябри соли 2024 зимни баргузории Иҷлоси 79-уми Маҷмаи Умумии ин Созмон пешниҳод намуданд, ки Қатъномаи ҷаҳонӣ таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027 - 2036» қабул карда шавад. Пешниҳоди мазкур дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамовозии хоси худро пайдо намуд.

Сатторзода Бобоҷон иброз дошт, ки барои ҷомеаи Тоҷикистон боиси ифтихору хушнудӣ аст, ки 25-уми июни соли 2026 дар арафаи таҷлили 29 солагии Рузи ваҳдати миллӣ Созмони Миллали Муттаҳид ташаббуси ҷаҳонию башардустонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба инобат гирифта, дар доираи он Қатъномаи умумии Созмони Миллали Муттаҳидро таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» қабул намуд.

Қабули ин қатънома имконеро фароҳам меоварад, ки ҷомеаи ҷаҳони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба унвони муаллифи формулаи таҳкими сулҳ ба хотири муҳайё намудани зиндагонии шоистаи башарият ва бунёди як ҷаҳони бидуни ҷангу низоъ эътироф намоянд.

Дар идомаи ҳамоиш сиёсатшинос, профессор Сайфулло Сафаров сухан намуда, иброз дошт, ки қабули Қатъномаи СММ таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027 - 2036» нақш ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари пешҳанги ҳикмату фалсафаи сулҳовариниш дар арсаи ҷаҳонӣ ба маротиб боло хоҳад бурд.

Ба таъкиди профессор Сайфулло Сафаров ҷаҳон давоми даҳ соли оянда дар ҳавзаи ҷаҳонбинии маънавию ахлоқӣ ва фалсафии сулҳбунёди миллати тоҷик, ки аз замири хирадсолоронаи Пешвои муаззами ин миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, зиндагонӣ хоҳад кард.

Сайфулло Сафаров таъкид доштанд, ки башарият бояд аз ҳикмату фалсафаи ваҳдатофаринию сулҳҷӯии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯхта, онро барои бақои зиндагонии шоистаи имрӯзуояндаи насли хеш чун хазинаи бузурги меъроси маънавию ахлоқӣ ва башардӯстӣ аз насл ба насл истифода намоянд.

Дар фарҷоми ҳамоиш дастур дода шуд, ки моҳияти Қатъномаи мазкур ва дигар ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бояд зимни пешбурди корҳои илмии ҳайати профессорию омӯзгории донишгоҳ мавриди пажуҳиши васеъ қарор гирад.

# ТАКМИЛИ МАЛАКАЮ МАҲОРАТИ ПЕДАГОГИИ ОМӮЗГОРОН




Тарзу восита ва роҳу усулҳои болобурди сатҳу сифати таълим ва беҳтар гардонидани ҷараёни таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки мутахассисони соҳибмаълумоти ҷавобгӯи талаботи замони имрӯзро тайёр месозанд, аз устодони дорои ҷаҳонбинии илмӣ, дониши васеъ, маҳорат ва малакаи касбӣ вобастагии зиёд дорад. Ҳамчунин, оид ба зарурати такмили ихтисоси омӯзгорон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии мамлакат ва дар ҳар як баромадҳояшон бо аҳли илму маориф пайваста таъкид месозанд.

Вобаста ба ин, раёсати ДДМИТ ҳамасола курсҳои такмили ихтисоси маҳорати педагогиро ташкил мекунад, ки дар он омӯзгорони ҷавон иштирок менамоянд. Ин навбат тибқи нақшаи кории шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим бо мақсади сайқал додани савияи дониши устодон, алалхусус омӯзгорони ҷавон ва дар ин замина, таъмин намудани сифати таълим бо фармоиши ректори донишгоҳ аз 4.06.2026 таҳти №69/4 аз 4-ум то 13-уми июни соли равон курси омӯзишии «Маҳорати педагогӣ» ташкил карда шуд.

Дар курси омӯзишии такмили маҳорати педагогии омӯзгорон доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ Саъдулло Носиров ба устодони ҷавони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ нозукиҳои касби омӯзгорӣ, махз методҳои нави фаъоли таълиму тарбия, инноватсияи таълим, психологияи таълим, хусусиятҳои хоси синнусолӣ, инфиродӣ ва тафаккури шахс дар раванди таҳсилро омӯзонд.

Зимни баргузории курси омӯзишӣ мубоҳиса ва саволу ҷавобҳо перомуни мавзуъҳои актуалии педагогика бештар доир шуда, дар такя ба талаботи замони имрӯз барномаи курсҳои омӯзишии мазкур роҳандозӣ гардид.

Дар ҷамъбасти курси "Маҳорати педагогӣ" муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов иштирокчиёнро ба муносибати бомуваффақият хатм намудани курс табрик намуда, таъкид кард, ки омӯзгор дар раванди таълим нақши асосӣ дошта, бояд тавонад таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба дарс ҷалб намояд. Омӯзгор то андозае ба ҳунарманде шабоҳат дорад, ки бо истифода аз қобилият, маҳорати касбӣ ва усулҳои муосири таълимӣ шавқу рағбати донишҷӯёнро бедор месозад.

Баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва мутобиқ намудани раванди таълим ба талаботи замони муосир аз ҳадафҳои асосии ин курс ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, натиҷаҳои воқеии омӯзиш ва самаранокии курс аз оғози соли таҳсили нав, яъне аз моҳи сентябр дар фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгорон бештар эҳсос хоҳанд шуд.

Дар идома С. Мирсаидов иброз дошт, ки такмили фаъолияти педагогӣ ва мутобиқ намудани он ба меъёрҳои муосир барои гузаштани аккредитатсия ва арзёбиҳои соҳавӣ аҳамияти муҳим дошта, ҳар як омӯзгор бояд пайваста барои рушди касбии худ кӯшиш намояд.

Сипас, сардори ШМИС Кӯҳзод Шодиев иштирокчиёнро бо анҷоми муваффақонаи курс табрик намуда, баргузории чунин омӯзишҳоро барои нафароне, ки ба фаъолияти омӯзгорӣ рӯ овардаанд, хеле муҳим ва муфид арзёбӣ кард.

Курс ба иштирокчиён имкон фароҳам овард, ки бо асосҳои педагогика, психологияи таълим, методикаи тадрис ва технологияҳои нави омӯзиш ошно гардида, малакаҳои амалии худро такмил диҳанд. Дар фаъолияти омӯзгорӣ маҳорати муошират, тарзи дурусти пешниҳоди мавод, идоракунии аудитория ва дарки хусусиятҳои равонии донишҷӯён аз омилҳои муҳими муваффақият ба шумор мераванд.

Дар анҷом масъулин ба иштирокчиён барои иштироки фаъолона арзи сипос намуда, изҳори боварӣ карданд, ки дониш ва таҷрибаи андӯхтаашон дар рушди фаъолияти омӯзгорӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи мутахассисони рақобатпазир саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Бояд таъкид кард, ки бо таваҷҷуҳи зиёд ба ин курсҳо омӯзгорони ҷавони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ шомил шуда, майлу рағбати бештар зоҳир намуданд. Инчунин, хоҳишмандон аз ҳисоби устодони собиқадор низ ба ин курсҳо марoқ зоҳир намуда, фаъолона иштирок доранд.

Баргузории курсҳои такмили ихтисос ва иштироки фаъолонаи омӯзгорон метавонад ба боло бурдани савияи дониш ва тарбияи ҳамаҷонибаи мутахассисони оянда ва баландшавии сифати таълим таъсири мусбат расонад.

# МАРОСИМИ БОТАНТАНАИ ТАҚДИМИ ДИПЛОМҲОИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС




Тибқи нақшаи дурнамои гузаронидани устодони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз курсҳои такмили ихтисоси тахассусӣ барои соли 2026 аз санаи 25-уми май то 10-уми июни соли равон давом кард ва мақсад баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбии омӯзгорон буд.

11-уми июни соли равон дар толори конфронсии донишгоҳ маросими ботантанаи тақдими дипломҳои курси такмили ихтисос доир гардид.

Нахуст, муовини якум, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов хатмкунандагонро ба ин муносибат табрик гуфта, ба онҳо барору муваффақият таманно намуда, бо боварӣ иброз дошт, ки вазифаи ҳар як омӯзгор аст, ки аз чунин курсҳо гузарад, зеро дониши аз ин машғулиятҳо азбарнамуда дар фаъолияти ояндаашон мусоидат менамояд.

Номбурда миннатдории худро ҷиҳати ҳамкориҳои судманд ба роҳбарияти Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди ДМТ расонида, афзуд, ки мақсад баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбии омӯзгорон буда, дарсҳо бомуваффақият гузаронида шуданд.

Сипас, директори Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди ДМТ Файзалӣ Маҳмадизода иброз дошт, ки коллективи бисёрнафараи ДДМИТ дар ҳамбастагӣ ва бо дастгирии раёсат пайваста аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида мешаванд. Соли гузашта низ омӯзгорони ДДМИТ аз курси такмили ихтисоси равияи педагогика ва психология гузашта, соҳиби диплом гардида буданд. Чун анъана имрӯз ба 73 нафар омӯзгорону кормандоне, ки курси такмили ихтисосро аз рӯйи равияи иқтисодиёт гузаштанд, дипломҳо тақдим мегардад.

Ёдовар мешавем, ки курси мазкур муддати 16 рӯз идома ёфта, ба шунавандагоне, ки барномаи таълимиро пурра аз худ намуданд, дар вазъияти тантанавӣ дипломҳо тақдим гардид.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ - ПУЛЕ МИЁНИ

**Мусоҳибаи ихтисосии сардори шуъбаи иттилоот ва нашрия Муҳаммадалӣ Очилдиев бо муовини ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба робитаҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Парвиз Ғафуров ба ифтихори 35-умин солгарди таҷлили ҷашни пуршукуҳи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Истиқлолияти давлатӣ барои Тоҷикистон на танҳо соҳибихтиёрии сиёсиву ҳуқуқӣ, балки имкони мустақилона ворид шудан ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ, истифода аз таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва муаррифии дастовардҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ гардид. Дар ин раванд маориф ва илм аз ҷумлаи соҳаҳое мебошанд, ки пайванди онҳо бо ҷаҳони беруна бевосита ба сифати рушди миллӣ таъсир мерасонад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ донишгоҳ дигар танҳо макони таълим нест. Он бояд ҳамзамон маркази тавлиди дониш, муҳити рушди андешаи илмӣ, майдони табодули таҷриба ва яке аз василаҳои пайвастани кишвар ба фазои байналмилалӣ бошад. Аз ин нуқтаи назар, робитаҳои байналмилалӣ барои муассисаи таҳсилоти олӣ як самти ёрирасон не, балки бахши муҳими сиёсати рушди он ба ҳисоб меравад.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар остонаи ду санаи бузург: 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии донишгоҳ ба марҳилаи нави рушди худ ворид мегардад. Дар се даҳсола донишгоҳ ҳамчун яке аз марказҳои муҳими омодасозии кадрҳои соҳаи иқтисод, молия, идоракунӣ, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва дигар самтҳои марбут ба рушди иқтисоди миллӣ ташаккул ёфт.

Яке аз самтҳои муҳими ин раванд фаъолияти робитаҳои байналмилалӣ мебошад. Тибқи маълумоти Шуъбаи робитаҳои байналмилалии ДДМИТ, донишгоҳ аз давраи таъсисёбӣ бо зиёда аз 160 донишгоҳ ва ташкилоти дохиливу хориҷӣ шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида, дар самтҳои гуногуни ҳамкориҳои илмӣ, таълимӣ ва академӣ фаъолият дорад.

Дар остонаи 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ин масъала аҳамияти бештар пайдо мекунад. Зеро барои донишгоҳе, ки рисолати асосиаш омода намудани мутахассисони соҳаҳои молия, иқтисод, идоракунӣ, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, технологияҳои рақамӣ, ҳисобдорӣ, андоз ва дигар самтҳои муҳими иқтисоди миллӣ мебошад, робитаҳои байналмилалӣ танҳо як бахши ёрирасони фаъолияти маъмурӣ нест. Он бояд ба яке аз абзорҳои муҳими баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди илм, рақобатпазирии хатмкунандагон ва нуфузи байналмилалии донишгоҳ табдил ёбад.

Имрӯз ДДМИТ бо зиёда аз 160 донишгоҳ ва ташкилоти дохиливу хориҷӣ ҳамкорӣ дорад. Дар соли таҳсили 2025-2026 боз 9 созишномаи нави ҳамкорӣ ба имзо расида, барномаҳои табодули донишҷӯён, такмили ихтисоси омӯзгорон, фаъолияти «Профессори даъватӣ», ҷалби грантҳо, аккредитатсияи байналмилалӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва қабули донишҷӯёни хориҷӣ тавсеа ёфтаанд. Аммо имрӯз масъала танҳо дар шумораи созишномаҳо ё ҷуғрофияи ҳамкориҳо нест. Саволи муҳимтар ин аст: ин ҳамкориҳо ба донишгоҳ чӣ медиҳанд, чӣ гуна ба сифати таҳсилот ва илм таъсир мерасонанд ва то кадом андоза метавонанд ба рушди сармояи инсонӣ ва иқтисоди миллӣ мусоидат намоянд? Зеро рақамҳо танҳо вақте арзишманданд, ки ба натиҷаи воқеӣ табдил ёбанд.

Масъалаи асосӣ ин аст, ки чӣ гуна ин робитаҳо ба сифати таҳсилот, таҳқиқоти илмӣ, омодасозии мутахассиси рақобатпазир ва дар маҷмуъ ба рушди донишгоҳ таъсир мерасонанд.

Перомуни натиҷаҳои фаъолияти байналмилалии донишгоҳ, таҷрибаи андӯхташуда, аккредитатсияи байналмилалӣ, барномаҳои мубодилаи донишҷӯёну устодон, ҷалби лоиҳаҳои грантӣ, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, қабули донишҷӯёни хориҷӣ ва нақшаҳои минбаъда мусоҳибаи сардори шуъбаи иттилоот ва нашрия Муҳаммадалӣ Очилдиев бо муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Парвиз Ғафуров манзури қазовати хонандагон мегардад.

**- Муҳтарам Парвиз Ҷурахонович, пеш аз ҳама, мехостем суҳбатро аз мафҳуме оғоз намоем, ки имрӯз дар фаъолияти ҳар як донишгоҳи муосир аҳамияти стратегӣ пайдо кардааст. Робитаҳои байналмилалӣ барои ДДМИТ чӣ маъно дорад ва чаро ин самт дар сиёсати рушди донишгоҳ чунин ҷойгоҳи муҳим пайдо кардааст?**

- Саволи бисёр муҳим аст. Ба назари ман, пеш аз ҳама, бояд робитаҳои байналмилалиро аз доираи маъмулии «сафар ба хориҷ», «имзои шартнома» ё «иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ» берунтар баррасӣ кунем. Барои донишгоҳи муосир робитаҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, низоми пайвастани имкониятҳои дохилии донишгоҳ бо захираҳои зеҳнӣ, илмӣ, технологӣ ва таълимии ҷаҳонӣ мебошад.

Имрӯз илм сарҳад намедонад, технология сарҳад намедонад ва иқтисод низ торафт бештар хусусияти байналмилалӣ пайдо мекунад. Аз ин рӯ, донишгоҳе, ки мехоҳад мутахассиси рақобатпазир омода намояд, худ низ бояд дар муҳити рақобатпазири байналмилалӣ қарор дошта бошад.

Фаъолияти робитаҳои байналмилалии ДДМИТ низ маҳз бо ҳамин ҳадаф ба роҳ монда шудааст: ворид намудани донишгоҳ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ва илм, ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, такмили сифати таълим, омодагӣ ва гузариш ба аккредитатсияи байналмилалӣ, ҷалби лоиҳаҳои грантӣ, рушди табодули академӣ, густариши ҳамкориҳои илмӣ, ҷалби профессорону коршиносони хориҷӣ, ташкили омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва баланд бардоштани нуфузи донишгоҳ дар арсаи байналмилалӣ. Аз ин рӯ, имрӯз робитаҳои байналмилалӣ амалан ба тамоми самтҳои фаъолияти донишгоҳ пайвастагӣ дорад.

Вале агар ба фаъолияти робитаҳои байналмилалӣ назар андозем, мебинем, ки имрӯз ин самт амалан тамоми фаъолияти донишгоҳро фаро мегирад. Мо онро шартан ба шаш самти асосӣ: шартномаҳои ҳамкорӣ, такмили ихтисоси устодон ва кормандон, ташрифи намояндагони муассисаҳои хориҷӣ, татбиқи лоиҳаҳои грантӣ, аккредитатсияи байналмилалӣ ва барномаи мубодилаи донишҷӯён тақсим намуда, ҳамзамон, дар самтҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, қабули донишҷӯёни хориҷӣ ва профессорони даъватӣ низ фаъолият мебарем.

**- Вале агар ба мафҳуми робитаҳои байналмилалӣ фаротар назар кунем, он имрӯз дар фаъолияти ҳар як донишгоҳи муосир аҳамияти стратегӣ пайдо кардааст. Лутфан бигӯед, ки дар зарфи 30 соли фаъолияти ДДМИТ кадом марҳилаҳои ташаккул ва рушди робитаҳои байналмилалии донишгоҳро метавон номбар кард?**

- Агар ба таърихи фаъолияти донишгоҳ назар намоем, робитаҳои байналмилалӣ тадриҷан аз шакли муносибатҳои алоҳида ба низоми муназзами ҳамкорӣ табдил ёфтаанд. Имрӯз донишгоҳ бо зиёда аз 160 донишгоҳ ва ташкилоти дохиливу хориҷӣ шартномаҳои ҳамкорӣ дорад. Аммо барои мо танҳо шумораи шартномаҳо аҳамият надоранд. Муҳимтар аз ҳама, самаранокии онҳо ва ба натиҷаи мушаххас табдил ёфтани ин ҳамкориҳост.

Шартнома бояд барои донишҷӯ имкони табодули академӣ фароҳам оварад, барои омӯзгор имкони такмили ихтисос ва тадқиқоти муштарак диҳад, барои кафедра имкони таҳияи барномаи муштараки таълимӣ ё лоиҳаи илмӣ фароҳам созад ва барои донишгоҳ дар маҷмуъ, имкони боло бурдани сифати таҳсилот ва мавқеи байналмилалиро таъмин намояд.

Дар соли таҳсили 2025-2026 низ ин раванд идома ёфт. Аз ҷониби шуъба 9 созишномаи нави ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд. Ин ҳамкориҳо бо Институти Конфутсии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Варнаи Ҷумҳурии Булғористон, Донишгоҳи байналмилалии Қирғизистон-Ӯзбекистон, Донишгоҳи инноватсионӣ-технологии Қазоқистони Ғарбӣ, Донишгоҳи давлатии Термез, Донишгоҳи давлатии Наманган, Донишгоҳи давлатии технологии Фарғона, Донишгоҳи миллии Қазоқистон ба номи Ал Форобӣ ва Донишгоҳи технологии Ӯш ба номи М. М. Адишев мебошанд.

Ҷуғрофияи ин ҳамкориҳо худ аз он шаҳодат медиҳанд, ки донишгоҳ кӯшиш дорад, робитаҳои худро ҳам дар фазои Осиёи Марказӣ ва ҳам берун аз он васеъ намояд.



**- Аз миёни ин ҳамкориҳо кадом самтҳоро бароиояндаи ДДМИТ муҳимтар меҳисобед?**

- Фаъолияти байналмилалӣ яке аз самтҳои калидии фаъолияти мост. Сифати таҳсилот аз сифати омӯзгор оғоз мешавад. Агар омӯзгор бо равандҳои нави илмӣ, технологияҳои муосири таълим ва таҷрибаи байналмилалӣ шинос набошад, мо наметавонем аз донишҷӯ омодагии рақобатпазирро интизор шавем.

Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар маҷмӯъ 180 нафар омӯзгорони донишгоҳ дар чорабиниҳо ва барномаҳои гуногун иштирок намудаанд. Танҳо дар давраи ҳисоботӣ 11 нафар устодон дар форумҳо, семинарҳо ва курсҳои такмили ихтисоси байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Ҳамчунин, намояндагони донишгоҳ дар барномаҳои марбут ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм, бехатарии иқтисодӣ, андозбандии байналмилалӣ, рушди устувор ва дигар масъалаҳои соҳавӣ иштирок карданд. Аммо як масъала барои мо хеле муҳим аст: сафари омӯзгор набояд дар гирифтани сертификат ба анҷом расад. Натиҷаи воқеии сафар бояд баъд аз бозгашт оғоз шавад: омӯзгор таҷрибаи гирифтаашро ба ҳамкорон расонад, семинар гузаронад, методи нави таълимро ҷорӣ кунад, маводи таълимиро такмил диҳад ё таҳқиқоти муштаракро оғоз намояд.

Мо, пеш аз ҳама, ба он ҳамкориҳое таваҷҷуҳ дорем, ки натиҷаашон бевосита дар сифати таҳсилот, илм ва омодасозии кадрҳо инъикос меёбад. Масалан, ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Термези Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар марҳилаи музокирот барои таҳияи барномаҳои муштараки таълимӣ қарор дорад. Рӯзҳои 20-21 майи соли 2026 намояндагони ин донишгоҳ ба ДДМИТ ташриф оварда, масъалаи таҳияи барномаҳои муштараки таълимиро аз рӯи ихтисосҳои «Баҳисобгирии муҳосибӣ» ва «Молия» дар зинаҳои бакалавриат ва магистратура баррасӣ намуданд. Татбиқи амалии ин барномаҳо аз соли таҳсили 2026-2027 дар назар дошта шудааст. Ин барои мо танҳо як созишнома нест. Агар барномаи муштарак таҳия ва татбиқ шавад, он ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки дар ду муҳити таълимӣ таҷриба андӯзад, бо методологияҳои гуногуни таълимӣ шинос шавад ва донишҳои худро васеъ намояд. Ҳамин гуна ҳамкориҳои натиҷадорро мо бо дигар донишгоҳҳо низ ба роҳ мондан мехоҳем.

**- Яъне натиҷаи воқеии ҳамкории байналмилалӣ бояд баъд аз худи мулоқот оғоз шавад?**

- Бале, комилан дуруст. Мулоқот худ ҳадаф нест. Созишнома низ ҳадафи ниҳоӣ нест. Ҳадаф натиҷа аст. Масалан, мулоқот бо намояндагони ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ метавонад имкониятҳои нави ҳамкориро дар соҳаҳои иқтисод, молия, рушди инсонӣ ва технология ба миён оварад. Аммо арзиши воқеии ин мулоқот вақте муайян мешавад, ки баъд аз он лоиҳа, барномаи муштарак, таҳқиқоти илмӣ, омӯзиши кадрҳо ё механизми дигари ҳамкорӣ ба вуҷуд меояд. Дар фаъолияти байналмилалӣ бояд ба ҳамин фарҳанги натиҷагирӣ гузарем.

**- Дар самти ҳамкории илмӣ чӣ гуна имкониятҳоро бештар мебинед?**

- Ман илмро яке аз меҳварҳои асосии байналмилалӣ шудани донишгоҳ медонам.

Мо бояд аз иштироки одӣ дар конференсияҳо ба таҳқиқоти муштарак гузарем. Конференсия хуб аст, аммо агар баъд аз он мақолаи муштарак, лоиҳаи илмӣ, тадқиқоти муқоисавӣ, монография ё китоб омода шавад, натиҷа хеле арзишмандтар мегардад.

Дар ин самт ҳамкории кафедраҳо бо шарикони хориҷӣ бояд ба таври назаррас тақвият ёбад.

Имрӯз барои ДДМИТ самтҳои зиёди таҳқиқоти муштарак вуҷуд доранд: иқтисоди рақамӣ, молияи муосир, рушди «сабз», логистика, бехатарии иқтисодӣ, андозбандии байналмилалӣ, муносибатҳои иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳисоботи молиявӣ ва дигар масъалаҳои мубрами иқтисодӣ.

Иштироки 10 нафар омӯзгорони ДДМИТ дар конференсияи байналмилалии Деҳнав ва нашри мақолаҳои онҳо дар маҷаллаи «Академияи инноватсионӣ» як мисоли хуб аст. Аммо мо бояд ба марҳилаи дигар бирасем: мақолаҳои муштарак бо олимони хориҷӣ, лоиҳаҳои муштарак, таҳқиқоти байнидонишгоҳӣ ва истифодаи фаъоли пойгоҳҳои байналмилалии илмӣ. Ин аст сатҳи навбатии байналмилалӣ шудани илм.

**- Ба андешаи Шумо, барои ворид шудани ДДМИТ ба фазои воқеан байналмилалии таҳсилот чӣ шарт муҳимтар аст?**

- Шарти асосӣ сифати дохилӣ мебошад. Мо наметавонем танҳо бо шиори «байналмилалӣ шудан» донишгоҳи байналмилалӣ гардем. Агар барномаҳои таълимӣ рақобатпазир набошанд, таҳқиқоти илмӣ сатҳи заруриро надошта бошад, омӯзгорон ба равандҳои нави илмӣ дастрасӣ надошта бошанд ва донишҷӯ малакаҳои зарурии бозори меҳнатро соҳиб нашавад, ҳеҷ як шартномаи байналмилалӣ ин камбудиро пӯшонида наметавонад. Аз ин рӯ, байналмилалишавӣ бояд аз дохили донишгоҳ оғоз шавад.

Ин маънои онро дорад, ки мо барномаҳои таълимиро пайваста нав кунем, забонҳои хориҷиро омӯзонем, технологияҳои рақамиро истифода барем, таҳқиқоти амалиро густариш диҳем, сифати идоракунии донишгоҳро баланд бардорем ва робитаи «донишгоҳ-илм-саноат»-ро мустаҳкам намоем.

**- Дурнамои барномаи дудиплома ва таҳсилоти фосилавиро чӣ гуна мебинед?**

- Ин ду самт метавонанд ба таври назаррас рақобатпазирии донишгоҳро баланд бардоранд.

Барномаи дудиплома ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки таҳсилоти худро дар ду муҳити академӣ ба роҳ монад. Аммо барои татбиқи он бояд барномаҳои таълимӣ, талаботи академӣ, низоми баҳодиҳӣ ва ҳуҷҷатҳои дахлдор ҳамоҳанг карда шаванд.

# ДДМИТ ВА ФАЗОИ ҶАҲОНИИ ИЛМУ ТАҲСИЛОТ

Таҳсилоти фосилавӣ бошад, имкони фарогирии гурӯҳҳои нави донишҷӯёнро фароҳам меорад. Он махсусан барои донишҷӯёни хориҷӣ ва шахсоне, ки имкони ҳузури доимӣ надоранд, муҳим аст. Мо дар ин самт корро идома дода истодаем.

**- Ва оё рақамикунонӣ дар ин раванд ҷойгоҳи ҳалкунанда дошта метавонад?**

- Бе шакк. Имрӯз ҳамкории байналмилалӣ бе технологияҳои рақамӣ тасаввурнопазир аст. Конференсияи маҷозӣ, лексияи онлайн, табодули электронии маводи таълимӣ, таҳқиқоти муштараки рақамӣ, курсҳои фосилавӣ ва таҳлили маълумоти калон - ҳамаи ин чузъи муҳити муосири донишгоҳанд. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои лоиҳаи мо низ ба рақамикунонӣ алоқаманд аст.

Ҳамзамон, мо бояд ба масъалаи зеҳни сунъӣ низ ҷиддӣ муносибат кунем. Дар Конфронси «Зеҳни сунъӣ дар таҳсилоти олӣ», ки моҳи майи соли 2026 дар Донишгоҳи Сейфуллини Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, масъалаҳои марбут ба истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳсилоти олӣ баррасӣ шуданд. Ин мавзӯъ барои мо низ аҳамияти калон дорад. Зеро донишгоҳи оянда бояд на танҳо истифодабарандаи технология, балки тавлидкунандаи дониш ва малакаҳои вобаста ба технология бошад.

**- Мавзуи рушди «сабз» ва рушди устувор низ дар фаъолияти байналмилалии ДДМИТ бештар ба назар мерасад. Ин самт барои донишгоҳ чӣ аҳамият дорад?**

- Барои донишгоҳи иқтисодӣ рушди устувор набояд мавзӯи мавсимӣ бошад. Он бояд ба як қисми муҳими таҳсил, тадқиқот ва тафаккури иқтисодӣ табдил ёбад. Зеро иқтисоди муосир дигар танҳо масъалаи афзоиши истеҳсолот нест. Мо бояд истифодаи самараноки захираҳо, ҳифзи муҳити зист, технологияҳои сабз, рушди минтақаҳо, шуғл, сатҳи зиндагӣ ва устувории иқтисодиро низ ба назар гирем. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи барномаҳои нави таълимӣ, махсусан дар самтҳои технологияҳои рақамӣ, логистика ва идоракунии иқтисодӣ, масъалаҳои рушди «сабз» низ бояд ба таври ҷиддӣ инъикос шаванд.

Лоиҳаи LOGIT-CA низ аз ҳамин нуқтаи назар муҳим аст, зеро он имконият медиҳад, ки иқтисоди рақамӣ ва рушди «сабз» дар доираи як равиши ягона баррасӣ шаванд.

**- Зеҳни сунъӣ низ ба муҳокимаҳои байналмилалии донишгоҳ ворид шудааст. Оё ин самт ба робитаҳои байналмилалӣ иртибот дорад?**

- Бевосита. Моҳи майи соли 2026 намояндаи Шуъбаи робитаҳои байналмилалии ДДМИТ дар Рӯзи иттилоотии Erasmus+ ва конференсияи «Зеҳни сунъӣ дар таҳсилоти олӣ» дар Донишгоҳи Сейфуллини Қазоқистон иштирок намуд. Чунки зеҳни сунъӣ дигар танҳо масъалаи технология нест. Он ба таҳсил, илм, идоракунӣ, бозори меҳнат ва ҳатто ба тарзи таҳияи барномаҳои таълимӣ таъсир мерасонад. Донишгоҳи иқтисодӣ бояд ин тағйиротро ҷиддӣ омӯзад. Мутахассиси оянда бояд на танҳо аз технология истифода бурда тавонад, балки таъсири иқтисодӣ, ичтимоӣ ва ахлоқии онро низ дарк кунад.

Ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт аҳамияти махсус дорад, зеро таҷрибаи кишварҳо гуногун аст. Омӯзиши ин таҷрибаҳо ба мо имконият медиҳад, ки барои шароити Тоҷикистон роҳҳои мувофиқтарро интихоб намоем.

**- Дар ин замина омӯзиши забонҳои хориҷӣ то чӣ андоза муҳим аст?**

- Забон яке аз калидҳои асосии байналмилалӣ шудани донишгоҳ аст. Имрӯз иштироки донишҷӯ дар барномаи мубодила, таҳияи мақолаи муштарак, истифодаи пойгоҳҳои илмии байналмилалӣ, иштирок дар конференсия ё муошират бо профессори хориҷӣ бидуни донистани забони хориҷӣ хеле маҳдуд мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши забонҳои англисӣ ва чинӣ дар донишгоҳ аҳамияти стратегӣ пайдо кардааст. Аммо мо бояд забонро танҳо ҳамчун фанни таълимӣ набинем. Забон бояд воситаи дастрасӣ ба дониш бошад. Ва донишҷӯ бояд бо забони хориҷӣ мақолаи илмӣ хонда тавонад, манбаи байналмилалиро таҳлил кунад, дар конференсия баромад кунад ва бо ҳамтои хориҷӣ тадқиқоти муштарак анҷом диҳад.

**- Дар бораи барномаҳои мубодилаи академӣ чӣ гуфта метавонед?**

- Ҳаракати академӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми байналмилалӣ шудани донишгоҳ мебошад. Тибқи нишондиҳандаҳои мавҷуда, 228 иштирокчӣ дар барномаҳои мубодилаи донишҷӯён фаро гирифта шудаанд. Ин рақам барои мо муҳим аст, аммо боз ҳам натиҷаи сифатӣ муҳимтар мебошад.

Донишҷӯе, ки барои як муддат дар муҳити таълимии дигар кишвар таҳсил мекунад, танҳо донишҳои касбӣ намегирад. Ӯ мустақилият, масъулият, малакаи муошират, қобилияти мутобиқшавӣ ва ҷаҳонбинии васеътар пайдо мекунад. Ҳамин таҷриба баъдтар ба сармояи инсонӣ табдил меёбад.

**- Агар ба ҳамаи ин равандҳо аз нигоҳи як мутахассиси соҳаи иқтисод нигоҳ кунед, робитаҳои байналмилалии донишгоҳ дар рушди иқтисоди миллӣ чӣ саҳм дошта метавонад?**

- Бемуҳобо, саҳми онҳо хеле бузург аст. Иқтисоди миллӣ имрӯз ба кадрҳои дорои ҷаҳонбинии байналмилалӣ, забондон, технологияи рақамиро донанда ва қобили таҳлили равандҳои ҷаҳонӣ ниёз дорад. Агар мо чунин кадрҳо омода намоем, онҳо метавонанд таҷрибаи пешрафтаи хориҷиро ба муҳити Тоҷикистон ворид кунанд. Масалан, донишҷӯе, ки дар доираи табодули академӣ усулҳои нави баҳисобгирӣ, молия, андозбандӣ ё логистикаро меомӯзад, баъд аз бозгашт метавонад ин донишро дар муассисаи худ истифода барад. Аз ин рӯ, дар ниҳояти кор, робитаҳои байналмилалӣ ба натиҷаи иқтисодӣ ва сармояи инсонӣ табдил меёбанд. Ва сармояи инсонӣ, дар навбати худ яке аз муҳимтарин омилҳои рушди иқтисодии кишвар мебошад.

**- Дар арафаи 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва 30-солагии ДДМИТ, Шумо, нақши Истиқлолиятро дар ин дастовардҳо чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Бе Истиқлолияти давлатӣ чунин имкониятҳои васеи байналмилалӣ вуҷуд дошта наметавонистанд. Истиқлолият ба Тоҷикистон имконият дод, ки бо ҷаҳон мустақиман муносибат кунад, таҷрибаи кишварҳои гуногунро омӯзад, муносибатҳои иқтисодиву фарҳангӣ ва илмиро густариш диҳад ва манфиатҳои миллии худро дар арсаи байналмилалӣ ҳимоя намояд.

Имрӯз мо дар донишгоҳҳои хориҷӣ донишҷӯ дорем, профессорони хориҷиро қабул мекунем, дар конференсияҳои байналмилалӣ иштирок мекунем, бо ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ менамоем, аз аккредитатсияи байналмилалӣ мегузарем ва барои грантҳои байналмилалӣ рақобат мекунем. Ҳамаи инро бояд дар заминаи имкониятҳое арзёбӣ кард, ки Истиқлолияти давлатӣ фароҳам овардааст.

**- Ва 30-солагии ДДМИТ барои худи ҷомеаи донишгоҳ чӣ паём дорад?**

- Сӣ сол барои як муассисаи таҳсилоти олӣ ҳам таърих аст ва ҳам оғози марҳилаи нави рушд. Дар ин давра донишгоҳ насли зиёди мутахассисонро тарбия намуд, ки имрӯз дар мақомоти давлатӣ, низоми молиявӣ, бонкҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ фаъолият доранд. Аммо солгарди донишгоҳ набояд танҳо василаи ёдоварӣ аз гузашта бошад. Он бояд имкони андешидан дар бораи оянда бошад.

Имрӯз саволи асосӣ барои мо ин аст: дар сӣ соли оянда ДДМИТ чӣ гуна донишгоҳ бояд бошад?

Ҷавоби ман чунин аст: донишгоҳе, ки дар сатҳи миллӣ эътирофшуда, дар минтақа рақобатпазир ва дар арсаи байналмилалӣ қобили муаррифӣ бошад.

**- Шумо фаъолияти байналмилалии донишгоҳро дар панҷ соли оянда чӣ гуна тасаввур мекунед?**

- Ман мехоҳам, ки дар панҷ соли оянда ҳар як факултети донишгоҳ ҳадди ақал чанд шарики фаъоли хориҷӣ дошта бошад ва ин ҳамкориҳо ба натиҷаҳои мушаххас табдил ёбанд. Мехоҳем шумораи донишҷӯёни дар барномаҳои мубодила иштироккунанда зиёд шавад, теъдоди профессорони хориҷӣ афзоиш ёбад, лоиҳаҳои грантӣ бештар гарданд ва барномаҳои муштараки таълимӣ роҳандозӣ шаванд. Ҳамчунин, мехоҳем донишгоҳ дар шабакаҳои минтақавӣ ва байналмилалии донишгоҳҳо ҷойгоҳи устувор пайдо кунад. Муҳимтар аз ҳама, натиҷаи ҳамаи ин равандҳо дар сифати таҳсилот инъикос ёбад. Ва гузашта аз он, ҳар як кафедра ба як саволи одии «Шарики байналмилалии шумо кист ва ин ҳамкорӣ ба донишгоҳ чӣ натиҷа додааст?», ҷавоби мушаххас дошта бошад.

**- Дар анҷоми суҳбат мехостем аз Шумо ҳамчун муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ ба донишҷӯёни ДДМИТ ва ҷавонони кишвар як паёми самимӣ бишнавем.**

- Паёми ман ба ҷавонон хеле содда аст: имкониятҳоро интизор нашавед, онҳоро ҷустуҷӯ кунед ва ба вуҷуд оред. Ҷаҳони имрӯз барои донишҷӯи тоҷик имкониятҳои зиёде дорад. Барномаҳои мубодила, грантҳо, стипендияҳо, конференсияҳои байналмилалӣ, курсҳои онлайн, озмунҳои илмӣ ва лоиҳаҳои муштарак ҳамаи ин роҳҳои рушди шахсӣ ва касбӣ мебошанд. Аммо барои истифода аз ин имкониятҳо се чиз зарур аст: дониш, забон ва меҳнат.

Ҷавоне, ки забони хориҷиро медонад, касби худро хуб меомӯзад ва барои рушди худ пайваста талош мекунад, метавонад дар ҳар муҳити байналмилалӣ мавқеи худро пайдо кунад. Аз ин рӯ, ман ба донишҷӯён мегӯям: аз тоҷик будани худ ифтихор кунед, аммо ҷаҳонро низ омӯзед, ба фарҳанги дигарон эҳтиром гузоред, аммо арзишҳои миллии худро фаромӯш накунед. Аз таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳон истифода баред, аммо онро бо шароити Тоҷикистон мутобиқ намоед. Ва муҳимтар аз ҳама, ҳар донише, ки мегиред, бояд дар хидмати рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол қарор гирад.

**P/S:**

Аз мухтавои ин суҳбат бармеояд, ки байналмилалӣ шудани донишгоҳ танҳо ба зиёд шудани шумораи созишномаҳо, сафарҳои хориҷӣ ё қабули ҳайатҳои меҳмон вобаста нест. Ин раванд, пеш аз ҳама, тағйири фарҳанги академӣ, боло бурдани сифати таҳсилот, рушди илм, такмили ихтисоси омӯзгорон, тавсеаи ҳаракати академӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ ба талаботи нави иқтисод мебошад.

Фаъолияти солҳои охири ДДМИТ нишон медиҳад, ки дар ин самт заминаи муносиб ташаккул ёфтааст: зиёда аз 160 шарики дохиливу хориҷӣ, созишномаҳои нав бо донишгоҳҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Аврупо, аккредитатсияи институтсионалии байналмилалӣ, ҳамкорӣ бо Erasmus+, JICA, Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки осиёии рушд, фаъолияти «Профессори даъватӣ», мубодилаи донишҷӯён, омӯзиши забонҳои чинӣ ва англисӣ, ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ва таҳияи лоиҳаҳои грантии дорои аҳамияти миллӣ ва минтақавӣ. Аммо муҳимтар аз ҳама, дар назди донишгоҳ холо вазифаи гузаштан аз марҳилаи «ҳамкорӣ доштан» ба марҳилаи «аз ҳамкорӣ натиҷа гирифтан» қарор дорад.

Ин раванд, албатта, кори яксолаву дусола нест. Он фарҳанги нави академӣ, забондонӣ, малакаи лоиҳанависӣ, таҳқиқоти босифат, барномаҳои рақобатпазир, инфрасохтори муосир ва, пеш аз ҳама, тафаккури нави донишгоҳиро тақозо мекунад.

Дар ин замина, таҷрибаи бадастомадаи ДДМИТ дар соли таҳсили 2025-2026 нишон медиҳад, ки заминаҳои зарурӣ тадриҷан ташаккул меёбанд.

35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон танҳо ду санаи тақвимӣ нестанд. Онҳо ду марҳилаи муҳими андеша дар бораи роҳи тайшуда ва вазифаҳои пешорӯ мебошанд.

Дар сӣ соли фаъолияти ДДМИТ на танҳо бинохо, факултетҳо ва кафедраҳо рушд кардаанд. Муҳимтар аз ҳама, муҳити донишгоҳӣ тағйир ёфтааст. Имрӯз донишҷӯи ДДМИТ метавонад дар озмуни байналмилалӣ бо садҳо даста рақобат кунад, дар донишгоҳи хориҷӣ таҳсил намояд, аз профессори хориҷӣ лексия гирад, забони чинӣ ё англисиро омӯзад, дар лоиҳаи байналмилалӣ иштирок кунад ва донишгоҳашро дар муҳити байналмилалӣ муаррифӣ намояд.

Ин имкониятҳо арзиши воқеии байналмилалишавии таҳсилот мебошанд.

Дар баробари ин, масъулият низ бештар мешавад. Донишгоҳе, ки мехоҳад дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи муносиб дошта бошад, бояд пеш аз ҳама сифати худро дар доҳил таъмин намояд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии марҳилаи минбаъда на танҳо зиёд кардани шумораи шарикони хориҷӣ, балки ба натиҷаҳои воқеӣ табдил додани ҳар як ҳамкорӣ мебошад.

Ва дар умум, ин мусоҳиба ниҳоятан ба як андешаи меҳварӣ меорад: байналмилалӣ шудани донишгоҳ ҳадафи худӣ нест: он воситаи баланд бардоштани сифати дониш, илм ва сармояи инсонӣ мебошад. Зеро донишгоҳи воқеан рақобатпазир ҳамон донишгоҳест, ки метавонад ҷаҳонро ба аудиторияи худ ворид кунад ва ҳамзамон дониш, таҷриба, фарҳанг ва дастовардҳои худро ба ҷаҳон пешниҳод намояд.

Аз ин нигоҳ, фаъолияти робитаҳои байналмилалии ДДМИТ метавонад ҳамчун як пул тасаввур шавад, пуле миёни таҷрибаи миллӣ ва дастовардҳои ҷаҳонӣ, миёни донишҷӯи тоҷик ва муҳити байналмилалӣ, миёни илми донишгоҳӣ ва ниёзҳои иқтисоди муосир. Ва қудрати чунин пул на дар дарозии он, балки дар он аст, ки то чӣ андоза устувор, боэътимод ва барои ҳаракати ҳар ду ҷониб кушода мебошад.



# ҚАДАМИ НАХУСТИН БА СӮИ ФАРДОИ ДУРАХШОН

**Донишҷӯи донишгоҳ шудан барои бофарҳанг, худогоҳ ва мутахассиси варзида гардидани ҷавонон мусоидат намуда, роҳи ояндаи онҳоро равшан месозад.**

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон яке аз муассисаҳои олии таълимии бонуфуз буда, дар байни дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҷойгоҳи муайянеро соҳиб гардида, дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ҳамасола аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, мақоми ҷорумро устувор нигоҳ медорад.**

**Имсол низ довталабони муваффақи зиёде маҳз ДДМИТ-ро интихоб намуданд. Дар оғози соли нави хониши 2026-2027 мо, кормандони рӯзномаи донишгоҳии «Молия ва иқтисод» тасмим гирифтем бо донишҷӯёни соли аввал дар мавзуъҳои гуногун суҳбат намуда, андеша ва ҳадафҳои онҳоро пурсон шавем:**

**Фариштa Додарҷонова,**
**донишҷӯи ихтисоси аудит**
**ва ревизияи факултети баҳисобгирӣ ва омор:**



- Ман хатмкунандаи гимназияи рақами 1-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе буда, хушбахтам, ки имсол дар арафаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори номи донишҷӯи ДДМИТ гардидам.

Меҳоҳам ба хотири баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи шахсӣ таҳсил намуда, чун бародарам - Мансур Додарҷонов, ки чанд сол пеш ҳамин донишгоҳро хатм кард, ҳамчун мутахассиси соҳаи молия ба халқу Ватани азиз хизмат намоям.

**Сиёвуш Имомзода,**
**донишҷӯи риштаи аудит**
**ва ревизияи факултети баҳисобгирӣ ва омор:**



- Ман аз ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ буда, айни замон дар хобгоҳи рақами 2 зиндагӣ мекунам. Барои мо, донишҷӯён дар хобгоҳ тамоми шароитҳо фароҳам оварда шуда, бехатарӣ ва тартибот таъмин аст. Ман аз хурдӣ ихтисоси аудит ва ревизияро дӯст медоштам. Имрӯз хушбахтона ба орзуям расидам. Мақсади ман холо фақат хондан ва ҷӯяндаи дониш будан аст.

**Улфатмоҳ Дӯстмаҳмадова,**
**донишҷӯи ихтисоси бухгалтерӣ**
**ва омори факултети баҳисобгирӣ ва омор:**



- Банда хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Шуғнон буда, айни хол дар хобгоҳи донишҷӯён иқомат менамоям. Аз хурдӣ дар дилам ҳаваси кор кардан дар бонк шуъла мезад. Аз ин ҷиҳат, тариқи Маркази миллии тестӣ ДДМИТ-ро интихоб намудам ва хушбахтона, соҳиби номи пуршарафи донишҷӯ гардидам.

Барандаи ҷойи дуюм дар даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» дар соли 2025 дар ноҳияи Шуғнон ва ғолиби ҷойи сеюм дар даври дуюми озмун дар ВМКБ мебошам.

Роҳбарияти мамлакат таълимгирандагони болаёқатро дастгирӣ намуда, ба таҳсилоти онҳо кумак мерасонад, аз натиҷаи хуби таълим барояшон идрорпулии махсуси давлатӣ муқаррар менамояд ва ҳангоми зарурат боз барои таҳсил ба хориҷи кишвар мефиристад. Дар оянда меҳоҳам дар озмунҳои донишгоҳӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, обрӯи донишгоҳро боз ҳам баланд бардорам.

**Амрия Алмамадова,**
**донишҷӯи факултети фаъолияти**
**гумрук ва амнияти иқтисодӣ:**



- Банда фарзанди аввалини оила буда, соли 2026 литсей барои хонандагони болаёқатро дар ноҳияи Шуғнон бомуваффақият хатм намудаам. Айни замон бо ду забон - русӣ ва англисӣ озодона гап зада метавонам. Бояд қайд намоям, ки мисли табиати Шуғнон, ДДМИТ низ саросар гулу гулзор аст, ки бинанда аз тамошояш сер намешавад. Пешаи туризмро дӯст медорам. Шунидам, ки дар донишгоҳ ҳам ин пешаро меомӯзонанд, хеле хурсанд шудам.

Як чизи дигарро қайд намоям, ки ман хунари рақсидан ҳам дорам ва дар литсей дар баромадҳои фарҳангӣ рақс мекардам. Меҳоҳам дар шуъбаи фарҳанги донишгоҳ аъзо шуда, бо хунари худ тамошобинонро хушнуд гардонам.

**Сорбон Исмоилзода,**
**донишҷӯи факултети молия ва қарз:**



- Ман дар оила фарзанди чаҳорум буда, мактаби №124-и маҳаллаи Гулбуттаи шаҳрро ҳамин сол хатм намудаам. Бародарам маълумоти дуюмро низ аз ҳамин донишгоҳ гирифтааст. Ба риштаи ҷудо ва муҳорибаи бидуни коида тамрин намуда, варзишро дӯст медорам. Ҳамчунин, дар озмунҳои забон ва математика иштирок намуда, борҳо сазовори ҷойҳои якум ва ифтихорӣ гардидаам. Пешаи молияро дӯст медорам.

**Ҳамида Амрохонова,**
**донишҷӯи факултети молия ва қарзи донишгоҳ:**



- Аз хурдӣ орзу мекардам, ки мисли тағоям молиячӣ шавам. Ҳамин буд, ки баъди хатми мактаби рақами 7-и деҳаи Оби Шифои ноҳияи Рӯдакӣ ҳуҷҷатҳоямро ба Маркази миллии тестӣ супорида, ин донишгоҳро интихоб намудам.

Ҳангоми дар мактаби миёна таҳсил карданам дар озмунҳои фаннӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои дуюм ва сеюм гардидаам. Бар замми ин, дар баромадҳои фарҳангии мактаб барандагӣ карда, гоҳо суруд ҳам мехондам. Аз хурдӣ орзуи корманди бонк шуданро доштам.

**Адиба Валиҷонзода,**
**донишҷӯи факултети иқтисоди**
**рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ:**



- Муассисаи таҳсилоти умумии №46-и ноҳияи Шаҳринавро бо баҳои хубу аъло хатм намудаам. Соли 2024 дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ҷойи ифтихориро гирифтам. Дар ноҳия бошад, дар озмунҳои фаннӣ иштирок намудаам. Устоди аввалини ман дар ғолибиятҳоям модарам хастанд, ки дар ин мактаб омӯзгори синфҳои ибтидоӣ мебошанд. Меҳоҳам ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ дар озмунҳо баромад намуда, обрӯи донишгоҳро баланд бардорам. Ҳунари эҷод кардани шеър ва таронаро ҳам дорам.

**Файзулло Бухориев,**
**донишҷӯи факултети иқтисоди**
**рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ:**



- Ҳангоми дар мактаби рақами 14-и ноҳияи Фирдавсӣ таҳсил намуданам, дар озмунҳои фаннии математика ва информатика дар сатҳи ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаам.

Дар олимпиадаҳои мактабӣ ва шаҳрӣ ҷойи аввалро гирифта, Академияи «SOFTCLUB»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанберо дар риштаи барномасозӣ хатм кардаам. Варзишро дар риштаи футбол дӯст медорам ва айни замон дар тими миллии ҷавонон бозӣ мекунам. То хол зиёда аз 30 дастовард дорам.

**Абубакр Зарипов,**
**донишҷӯи факултети иқтисоди**
**рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ:**



- Ҳангоми таҳсил дар мактаби рақами 54-и пойтахт дар мусобиқаҳои варзишӣ, озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ва «Шоҳномахонӣ» иштирок намуда, сазовори ҷойи сеюм ва ҷойҳои ифтихорӣ гардидаам. Меҳоҳам дар донишгоҳ бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, дар озмунҳо баромад кунам ва дар оянда ҳуқуқшинос шавам.

**Шаҳзода Ҳамробоева,**
**донишҷӯи факултети иқтисод**
**ва идораи давлатӣ:**



- Банда баъди хатми мактаб донишҷӯи ДДМИТ гардидам. Дар мактаб пайваста дар барномаҳои фарҳангии мактаб баромад мекардам. Аз хурдӣ меҳостам ҳуқуқшинос шавам ва ҳуҷҷатҳоямро ба Маркази миллии тестӣ супоридам, маро ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисод роҳхат доданд. Хурсанд ҳастам, ки ин донишгоҳ дар байни 52 муассисаи олии кишвар ҷойи ҷорумро ишғол менамояд. Баъди хатми донишгоҳ меҳоҳам ҳуқуқшинос шавам.

**Сабрина Нуруллозода,**
**донишҷӯи факултети иқтисод ва идораи давлатӣ:**



- Зодаи ноҳияи Балҷувон ҳастам. Дар озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» иштирок намуда, то даври вилоятӣ расидам. Ман дар оила фарзанди аввалам. Рости гап, ман шеър эҷод мекунам. Барои дар озмунҳо иштирок кардан ва хуб хонданам гирандаи идрорпулии раиси ноҳияи Балҷувон будам. Бояд қайд намоям, ки дар пешравии фаъолияти ман саҳми падарам, ки муаллими забон ва адабиёти тоҷик ҳастанд, хеле зиёд аст. Меҳоҳам дар оянда мутахассиси соҳаи молия шавам.

**Мустафо Шарипов,**
**донишҷӯи факултети иқтисод ва идоракунии давлатӣ:**



- Зодаи ноҳияи Варзоб ҳастам. Акаам Ҳасан Шарипов ин донишгоҳро хатм намуда, дар яке аз идораҳои бонуфузи Вазорати молияи ҷумҳурӣ фаъолият мекунад. Баъди тавассути рӯзнома тарғиб шудани ДДМИТ дар мактаб, ба ман ин донишгоҳ маъқул шуд. Оянда орзу дорам, ки ДДМИТ-ро хатм карда, мутахассиси хуб шуда, ба Ватан хизмат кунам.

Дар мактаб дар олимпиадаҳои математика, информатика ва забони русӣ то сатҳи ҷумҳуриявӣ баромад намудаам. Дар риштаи волейбол дар мусобиқаҳои варзишӣ иштирок намуда, ҷойҳои якум, дуюм ва ифтихориро сазовор гардидаам.

**Сабрина Самадзода,**
**донишҷӯи факултети иқтисод ва идоракунии давлатӣ:**



- Тариқи Маркази миллии тестӣ ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисод роҳ ёфта, айни хол дар хобгоҳ иқомат мекунам. Дар давраи таҳсил дар мактаби миёна дар озмунҳои фаннӣ иштирок намуда, дар давраҳои мактабӣ ва ноҳиявӣ сазовори ҷойҳои намунавӣ гардида, гирандаи стипендияи Президентӣ мебошам. Дар оянда меҳоҳам соҳибкасб шуда, дар ихтисоси худам кору фаъолият намоям.

**Марҷона Нарзуллоева,**
**донишҷӯи факултети**
**муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ:**



- Аз шаҳри бостонии Панҷакент ба шаҳри пургул ва зебои Душанбе омадам, то дониш омӯзам, соҳибкасб шавам ва баъд ба зодгоҳам баргашта, аз рӯйи ихтисоси азбаркардаам ба халқу Ватан хизмат намоям. Фикр мекунам, ки дар оянда бе донистани забонҳои хориҷӣ мутахассиси хуб шуда наметавонӣ.

Дар оила фарзанди аввал буда, ба забономӯзӣ шавқу ҳаваси зиёд дорам. Забони русиро хуб медонам ва меҳоҳам дар оянда забонҳои англисӣ ва хитоиро низ дар сатҳи зарурӣ аз худ намоям.

**Юсуф Раҷабов,**
**донишҷӯи факултети**
**муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ:**



- Ҳангоми дар мактаби рақами 93 хонданам дар олимпиадаҳо аз фанни география баромад намуда, сазовори чандин ҷоиза гардидаам. Аз сабаби он ки ба факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дохил шудаам, меҳоҳам ҳар қадаре ки бошад, забонҳои хориҷиро аз худ намоям. Аллакай, забонҳои русӣ ва англисиро дар сатҳи муошират медонам. Меҳоҳам дар оянда пешаи гумрукро интихоб намоям, чунки хешонам дар ин ришта кор мекунанд ва ин касб ба ман маъқул аст.

**Фармудаи «Илм дар хурдӣ нақш дар санг аст» беҳуда нест. Дар ҳақиқат, дар ДДМИТ имрӯз барои мутахассиси арзандаи соҳаи иқтисод ва молия шудан тамоми шароитҳо муҳайёст. Бояд ҳар лаҳзаи таҳсил дар донишгоҳро самаранок истифода барем, то давраи тиллоии умри хешро беҳуда сипарӣ накарда, пайи азхудкунии илмҳои замон ва техникаву технологияҳо шавем.**

**Мусоҳиб:**
**Тағоймурод ЭШЗОДА**

**Сарзамино, бин, замину осмон моро шинохт,**
**Мо ҷаҳон бишнохтему ин ҷаҳон моро шинохт,**
**Шуд парешон хасм, ҷамъи дӯстон моро шинохт,**
**Парфишон сад парчами рангинкамон моро шинохт.**

**Низом Қосим**

# ФАЛСАФАИ СУЛҲ ДАР ДАВЛАТДОРИИ НАВИН



Дар шароите, ки ҷаҳон рӯз то рӯз бо низоъҳои сиёсӣ, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ, бӯҳронҳои иқтисодӣ ва таҳдидҳои нави амниятӣ рӯ ба рӯст, масъалаи сулҳ ба арзиши олии тамаддуни инсонӣ табдил ёфтааст. Имрӯз сулҳ низоми мукаммали муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад, ки дар заминаи адолат, эҳтироми ҳуқуқи инсон, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ ташаккул меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи давлатҳое мебошад, ки арзиши сулҳро на аз китобҳои таърих, балки аз таҷрибаи талхи ҷанги шаҳрвандӣ омӯхтааст. Маҳз ҳамин таҷрибаи таърихӣ боис гардида, ки сиёсати давлатӣ ба ҳифзи сулҳ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва густариши фарҳанги муколама асос ёбад. Имрӯз Тоҷикистон ташаббускори сиёсати сулҳпарварона дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Дар таърихи афкори сиёсӣ ва фалсафа сулҳ ҳамеша ҳамчун арзиши олӣ арзёбӣ шудааст. Афлотун ҷомеаи одилонаро заминаи сулҳ медонист. Арасту сулҳро шарти рушди давлат меҳисобид. Иммануил Кант бошад, нишон дод, ки сулҳи пойдор танҳо дар асоси ҳуқуқ, адолат ва ҳамкории байни давлатҳо таъмин мегардад.

Ба андешаи ман, таҷрибаи ҷумҳуриамо ин андешаҳои классикиро бо воқеияти сиёсӣ пайваст намуд. Ҳамин тавр, дар давлати мо сулҳ фалсафаи давлатдорӣ гардид. Мақсад ин ки дар Тоҷикистон сулҳу ваҳдат маҳсули муколама, бахшиш, созиш ва эҳтироми манфиатҳои миллӣ гардид. Маҳз ҳамин хусусият ба таҷрибаи сулҳи тоҷикон арзиши нодири сиёсиву фарҳангӣ мебахшад.

Дар марҳилаи бисёр ҳассоси таърихи кишвар, вақте ки ҷомеа бо бӯҳрони амиқи сиёсӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардид, масъалаи асосӣ барқарор намудани сохтори давлатдории миллӣ ва эҳёи эътимоди мардум ба давлат буд.

Дар ин доира, суханони таърихии пурҳикмати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Ман ба шумо сулҳ меорам...» баёнгару таҷассумгари масъулияти таърихӣ, иродаи сиёсӣ ва бовар ба ояндаи миллат гардид.

Аз нигоҳи фалсафа, роҳбарӣ дар шароити бӯҳрон, пеш аз ҳама маънои масъулиятро дорад. Пешвои миллат маҳз ҳамин масъулиятро ба зимма гирифта, сиёсати давлатро ба сӯи оштии миллӣ, муколама ва ҳифзи манфиатҳои умумимиллӣ равона намуданд.

Дар натиҷа, давлатдории миллӣ аз хатари аз байн рафтан ҳифз гардид, низоми идоракунии давлатӣ барқарор шуд, садҳо ҳазор гуреза ба Ватан баргаштанд, фазои эътимод байни ҷомеа ва давлат эҳё гардид, инчунин, ваҳдати миллӣ ба меҳвари рушди ҷомеа мубаддал шуд.

Ин таҷриба нишон дод, ки дар фалсафаи давлатдорӣ қудрати воқеӣ дар эътимоди мардум, адолат ва масъулияти сиёсӣ таҷассум меёбад.

Фалсафаи давлатдорӣ собит месозад, ки сулҳ бидуни ваҳдат устувор буда наметавонад. Агар сулҳ ҷангро хотима диҳад, ваҳдат рушди ҷомеаро таъмин мекунад.

Маҳз баъди барқарор гардидани ваҳдати миллӣ Тоҷикистон тавонист марҳилаи нави рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро оғоз намояд.

Дар ин давра, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил ёфт, сохторҳои давлатӣ мустаҳкам гардиданд, иқтисоди миллӣ рушд кард, инфрасохтори кишвар навсозӣ шуд, соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва фарҳанг густариш ёфтанд. Ин ҳама нишон медиҳад, ки сулҳ сармояи асосии рушди давлат мебошад. Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, ки байни сулҳ, амният ва рушди устувор робитаи ногусастанӣ вуҷуд дорад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан аз ҳалли масъалаҳои дохилӣ ба ҳалли масъалаҳои глобалӣ густариш ёфт.

Аввал ташаббусҳои Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои об ва иқлим аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ гардиданд.

Имрӯз бошад, кишвари мо масъалаи таҳкими сулҳи ҷаҳониро ба яке аз самтҳои муҳими фаъолияти байналмилалии худ табдил додааст.

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълони «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» идомаи мантиқии ҳамин сиёсати сулҳпарварона мебошад.

Қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 25 июни соли 2026 далели он аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ таҷрибаи Тоҷикистонро ҳамчун намунаи арзишманд пазируфтааст. Ин санад дорои аҳамияти бузурги сиёсӣ ва ахлоқӣ мебошад, зеро он ҷаҳонро аз сиёсати вокуниш ба сиёсати пешгирии низоъҳо роҳнамоӣ мекунад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими қатъномаи мазкур дар он аст, ки он ба фарҳанги пешгирии низоъҳо асос ёфтааст.

То имрӯз бисёр давлатҳо танҳо баъд аз сар задани ҷанг барои барқарор намудани сулҳ кӯшиш мекарданд. Аммо ташаббуси Тоҷикистон масъалаи дигарро матраҳ менамояд: бояд пеш аз оғози низоъ шароити сулҳ фароҳам оварда шавад. Ин андеша ба принсипҳои муосири дипломатияи байналмилалӣ пурра мувофиқат мекунад.

Пешгирии низоъҳо тавассути рушди маориф, густариши фарҳанги таҳаммулпазирӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва тақвияти муколама нисбат ба бартараф намудани оқибатҳои ҷанг садҳо маротиба самараноктар мебошад. Аз ин рӯ, қатъномаи мазкур дорои аҳамияти сиёсӣ ва моҳияти амиқи фалсафӣ мебошад.

Дар ҷаҳони муосир сулҳ дар тафаккури инсон ташаккул меёбад. Агар ҷаҳон мехоҳад сулҳи пойдор дошта бошад, бояд ҷомеаи маърифатнок, таҳаммулпазир ва масъулро тарбия намояд.

Дар Паёми шодбошӣ ба муносибати қабули қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид Пешвои миллат ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа, рушди илм, технологияҳои нав, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Ин нишон медиҳад, ки сулҳи асри XXI дигар танҳо бо воситаҳои сиёсӣ таъмин намегардад. Он ба сатҳи дониш, фарҳанг, маърифат ва ҷаҳонбинии ҷомеа вобастагии мустақим дорад.

Таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сулҳ ва ваҳдат маҳсули тафаккури миллӣ, масъулияти роҳбарӣ, иродаи ҷомеа ва эҳтироми арзишҳои инсонист.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷрибаи барқарорсозии сулҳи дохилӣ ба ташаббускори таҳкими сулҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» муваффақияти дипломатияи тоҷик ва эътирофи таҷрибаи таърихии давлатдории навини Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар шароити муосир сулҳ ба сармояи асосии рушди инсоният табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, масъулияти ҳар давлат, ҳар ҷомеа ва ҳар шаҳрванд тарбияи фарҳанги сулҳ барои наслҳои оянда маҳсуб меёбад.

Маҳз дар ҳамин аст моҳияти фалсафии сиёсати давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзиши умумибашарии ташаббусҳои байналмилалии давлати мо ба таҳкими амният, ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди устувори ҷомеаи ҷаҳонӣ хизмат мекунанд.

**Абдулло ДАВЛАТЗОДА,**
**омӯзгори ДДМИТ**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ - КАФИЛИ ОЯНДАИ ДУРАХШОН



Истиқлолият барои миллати тоҷик тоҷик неъмати бузург ва муқаддас, оғози давраи нави таърихӣ, эҳёи давлатдории миллӣ ва заминаи асосии рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад. Бо гузашти 35 сол мо имрӯз бо ифтихор гуфта метавонем, ки Тоҷикистон роҳи пуршарафи созандагӣ ва пешрафтро тай намуда, ба миллати тоҷик имконият дод, ки худро ҳамчун давлати мустақил дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои даврони истиқлолият ин сулҳу ваҳдати миллӣ буда, таҷрибаи Тоҷикистон нишон дод, ки бо роҳи ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва ваҳдат метавон душвориҳоро паси сар кард ва барои рушди устувори давлат шароити мусоид фароҳам овард.

Дар солҳои соҳибистиқлоли дар соҳаҳои иқтисод, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, роҳсозӣ ва энергетика корҳои зиёди созанда анҷом дода шуданд. Бунёди муассисаҳои таълимӣ, марказҳои тиббӣ, роҳҳо, пулҳо, корхонаҳо ва иншооти муҳими иҷтимоӣ ба рушди минтақаҳои кишвар мусоидат менамоянд, ки ин ҳама натиҷаи меҳнати содиқонаи мардуми Тоҷикистон, махсусан талошҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста барои ободии Ватан мебошад.

Имрӯз ҷавонон ҳамчун қувваи созанда ва ояндаи давлат дар пешрафти Тоҷикистон нақши муҳим доранд. Истиқлолият ба мо ҷавонон имконият медиҳад, ки дониш омӯзем, соҳиби касбу ҳунар гардем, аз дастовардҳои илму техника истифода бурда, дар рушди ҷомеа саҳми худро гузорем. Аз ин рӯ, вазифаи ҳар яки мо ҷавонон ин аст. бо дониш, меҳнати ҳалол ва ҳисси баланди ватандӯстӣ барои ободии Ватан хизмат намоем.

35-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ифтихор аст. Маҳз ин сана моро водор месозад, ки дастовардҳои даврони истиқлолиятро қадр намуда, барои ҳифзи сулҳу ваҳдат ва таҳкими давлатдории миллӣ саҳми худро гузорем.

Бо итминон метавон гуфт, ки истиқлолият кафили ояндаи дурахшони Тоҷикистон мебошад. Агар сулҳу ваҳдат пойдор бошад, ҷавонон соҳиби дониш ва касбу ҳунар бошанд ва ҳар як шаҳрванд барои ободии кишвар саҳм гузорад, Тоҷикистон боз ҳам рушд хоҳад кард.

**Моҳрӯ ОРМОНОВА,**
**омӯзгори кафедраи андозбандӣ ва суғуртаи ДДМИТ**

# АЗ ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ТО 35 СОЛИ СОЗАНДАГӢ



Истиқлолияти давлатӣ барои ҳар як миллат бузургтарин арзиши сиёсӣ, таърихӣ ва маънавӣ ба шумор рафта, барои ҳар як фард имконият медиҳад, ки сарнавишти худро мустақилона муайян намояд, давлатдории миллии худро таҳким бахшад ва роҳи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хешро интихоб кунад. Истиқлолияти давлатӣ оғози марҳилаи нави таърихӣ, заминаи эҳёи худшиносии миллӣ, таҳкими давлатдорӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нави шаҳрвандӣ гардид.

Фалсафаи Истиқлолият, пеш аз ҳама ба мафҳуми озодӣ пайвандӣ дорад. Озодии воқеӣ танҳо дар мавҷудияти ҳуқуқи интихоб ифода намеёбад, балки масъулияти қабули қарор ва натиҷаи онҳоро низ дарбар мегирад. Миллате, ки соҳибистиқлол аст, бояд тавонад роҳи рушди худро мустақилона муайян кунад ва барои ояндаи худ масъулият дошта бошад.

Дар фалсафаи истиқлолият мафҳуми худшиносии миллӣ низ ҷойгоҳи махсус дорад. Истиқлолияти сиёсӣ бе худшиносии миллӣ наметавонад пойдор бошад. Миллат бояд таърихи худро омӯзад, забон ва фарҳанги худро ҳифз кунад, мероси маънавии гузаштагонро бишиносад ва дар баробари ин, бо дастовардҳои илму фарҳанги ҷаҳонӣ робитаи созанда дошта бошад.

Пешрафти технология, густариши фазои иттилоотӣ ва наздикшавии фарҳангҳо, имкониятҳои нав, ҳифзи забон, фарҳанг, хотираи таърихӣ ва арзишҳои маънавӣ вазифаи муҳим боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, Истиқлолият на танҳо ҳамчун Итиқлолияти сиёсӣ, балки ҳамчун истиқлолияти фикрӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ низ дарк карда шавад.

Дар давоми 35 соли Истиқлолият, Тоҷикистон марҳилаҳои гуногуни давлатсозиро паси сар намуд. Аз барқарор намудани сулҳу субот то таҳкими институтҳои давлатӣ ва фароҳам овардани заминаҳои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ин ҳама қисми муҳими таҷрибаи давлатдории навини кишвар мебошад. Дар ин раванд сиёсати давлат таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таҳкими давлатдорӣ, ҳифзи субот, рушди кишвар ва муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ равона гардид.

35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, пеш аз ҳама, бояд моро ба андеша дар бораи масъулияти ҳар як шаҳрванд водор созад. Зеро истиқлолият танҳо дастоварди таърихӣ нест; он масъулияти наслҳо мебошад. Насли имрӯз бояд он чизеро, ки аз гузашта ба мерос гирифтааст, ҳифз намояд ва барои наслҳои оянда давлатро боз ҳам нерумандтар, ҷомеаро босуботтар ва фарҳангро пешрафтатар намуда, ба мерос гузорад.

Дар ин раванд ҷавонон нерӯи муҳими рушди давлат ба ҳисоб рафта, аз сатҳи маърифат, ҷаҳонбинӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулияти онҳо ояндаи ҷомеа вобастагии зиёд дорад. Аз ин рӯ, тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи худшиносӣ, донишандӯзӣ, меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ яке аз вазифаҳои муҳими давлати соҳибистиқлол мебошад.

Мафҳуми созандагӣ аз ҳамин ҷо аҳамияти махсус пайдо мекунад. Истиқлолият бояд бо меҳнат ва фаъолияти созанда таҳким ёбад. Ободии кишвар, рушди иқтисод, пешрафти илму маориф, ҳифзи фарҳанг, тарбияи насли солимфикр ва таҳкими қонуният аз самтҳои муҳими давлатсозӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, фалсафаи Истиқлолияти Тоҷикистонро метавон дар ягонагии озодӣ, соҳибихтиёрӣ, ваҳдат, худшиносӣ, дониш, масъулият ва созандагӣ дарёфт. Истиқлолият заминаи эҳёи давлатдории миллӣ гардид, сулҳу ваҳдат имкони таҳкими онро фароҳам овард ва созандагӣ вазифаи асосии идомаи ин роҳ мебошад.

**Орифҷон ФОЗИЛЗОДА,**
**омӯзгори ДДМИТ**

# СИФАТИ ТАЪЛИМ - МЕЪЁРИ АСОСИ

**Мусоҳибаи ихтисосии сардори шуъбаи иттилоот ва нашрия Муҳаммадалӣ Очилдиев бо сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Кӯҳзод Шодиев дар остонаи таҷлили бошукуҳ аз 35- солагии ҷашни Истиқлоли давлатӣ ва 30-юмин солгарди таъсисёбии ДДМИТ.**

**Сифати таҳсилот аз ҷумлаи он мафҳумҳоест, ки ҳар қадар дар бораи он бештар сухан гӯем, ҳамон қадар масъулияти мо дар назди он бештар мешавад. Зеро сифати таълим танҳо натиҷаи як имтиҳон, як баҳо ё як санҷиш нест. Он маҷмӯи дониш, малака, салоҳият, ҷаҳонбинӣ ва омодагии касбии инсонест, ки фардо бояд дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар саҳм гузорад.**



Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар остонаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, масъалаи тарбияи кадрҳои соҳибмаърифат, рақобатпазир ва ба талаботи иқтисоди муосир ҷавобгӯ аҳамияти хос дорад. Дар баробари ин, 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ фурсати муносибест барои ҷамъбасти роҳи тайшуда ва андешидан дар бораи сифати марҳилаи нави рушди донишгоҳ.

Дар ин муддати таърихӣ ДДМИТ дар низоми омодасозии кадрҳои соҳаҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва идоракунӣ ҷойгоҳи худро устувор намуда, ҳамзамон, масъалаи сатҳи сифати таълимро ҳамчун самти муҳими фаъолияти худ пайгирӣ мекунад.

Дар ин раванд Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим нақши махсус дорад. Тибқи маълумотномаи фаъолияти шуъба, он ҳамчун ҷузъи таркибии раёсати таълими донишгоҳ бо мақсади назорат ва рушди сифати таълим фаъолият намуда, кори худро дар асоси нақшаи солона ва талаботи Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот, Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 ва Барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондааст.

Аммо саволи асосӣ ин аст: мониторинг дар амал ба сифати таълим чӣ медиҳад? Камбудиҳо чӣ гуна бартараф мешаванд? Натиҷаҳои имтиҳонҳо дар мавриди сатҳи воқеии дониш чӣ рақамеро бозгӯ мекунанд? Ва дар остонаи ду ҷашни муҳим: Истиқлол ва 30-солагии донишгоҳ барои расидан ба сифати нави таълим чӣ тадбиро роҳандозӣ гардидаанд?

Дар арафаи ин санаҳои муҳими таърихӣ сардори шуъбаи иттилоот ва нашрия Муҳаммадалӣ Очилдиев бо сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими ДДМИТ Кӯҳзод Шодиев суҳбати муфассал анҷом дод, ки муҳтавои он манзури қазовати хонандагони нуктасанҷ мегардад.

**- Муҳтарам Кӯҳзод Шодиев, агар аз муҳимтарин масъала оғоз кунем: барои Шумо ҳамчун роҳбари Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим мафҳуми «сифати таълим» чӣ маъно дорад?**

- Ба назари ман, сифати таълим пеш аз ҳама натиҷаи фаъолияти ҳамоҳангшудаи тамоми низоми донишгоҳ мебошад. Онро танҳо фаъолияти омӯзгор ё натиҷаи донишҷӯ муайян намекунад. Сифат аз барномаи таълимӣ, мазмуни фан, сатҳи омодагии омӯзгор, усулҳои таълим, иштироки донишҷӯ, муҳити таълимӣ, имкониятҳои техникию иттилоотӣ, низоми баҳодиҳӣ ва муҳимтар аз ҳама, қобилияти истифодаи дониш дар амал вобаста аст. Аз ин рӯ, мониторингро набояд танҳо ба маънои «санҷиш» фаҳмид. Мониторинг бояд вазъи воқеиро нишон диҳад, мушкилро ошкор кунад, сабаби онро муайян созад ва барои ислоҳ роҳи мушаххас пешниҳод намояд. Инчунин, ба андешаи банда сифати таълим яке аз меъёрҳои муҳимтарини самаранокӣ ва таъмини рақобатпазирии донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки таълими босифатро таъмин менамоянд, метавонанд мутахассисони рақобатпазир омода карда, мавқеи худро дар низоми таҳсилоти миллӣ ва байналмилалӣ таҳким бахшанд. Вобаста ба ин Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва рақобатпазирии донишгоҳ бо дигар муассисаҳои таълимӣ дар ҳар як синфхонаҳои таълимӣ камераҳои назоратӣ насб карда, он аз тарафи кормандони Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим тавассути мониторхо машғулияти омӯзгорон, ташрифоварии омӯзгорон ба дарсҳои ҳамдигар, баргузории дарсҳои кушод ва давомоти донишҷӯён дар раванди машғулиятҳо назорат бурда мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ натиҷаҳои мониторингҳо ба раёсати донишгоҳ ва Шурои илмӣ-методӣ пешниҳод шуда, масъалаҳои ошкоршуда муҳокима ва вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд. Яъне, мониторинг бояд аз рақам оғоз шуда, ба қарор ва натиҷа анҷом ёбад.

- Соли 2026 барои мардуми Тоҷикистон соли воқеан таърихист. Мо 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро таҷлил мекунем. Ба назари Шумо, дар ин се даҳсола низоми таҳсилоти олии кишвар аз ҷумла, ДДМИТ чӣ роҳи рушдро тай кардааст?

- Истиқлоли давлатӣ барои Тоҷикистон танҳо ба даст овардани соҳибихтиёрии сиёсӣ набуд, балки заминаи асосии ташаккули низоми нави давлатдорӣ, иқтисоди миллӣ, илм, маориф ва тайёр намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замони нав гардид. Дар давоми 35 соли соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Ин равандро метавон дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар низ ба таври равшан мушоҳида кард.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки имсол 30-солагии таъсисёбии худро таҷлил менамояд, дар ин масир ҷойгоҳи махсус дорад. Дар тӯли сӣ сол донишгоҳ аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба як маркази муҳими омодасозии мутахассисони соҳаи иқтисод, молия, идоракунӣ, ҳисобдорӣ, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва дигар самтҳои барои рушди иқтисоди миллӣ зарур табдил ёфт. Дар чунин марҳилаи таърихӣ масъалаи асосӣ танҳо зиёд намудани шумораи донишҷӯён ё ихтисосҳо нест. Масъалаи муҳимтар сифати дониш, сатҳи омодагии касбӣ, ҷаҳонбинӣ, малака ва рақобатпазирии хатмкунанда мебошад. Маҳз аз ҳамин нуктаи назар, фаъолияти Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим аҳамияти махсус пайдо мекунад. Шуъба ҳамчун ҷузъи таркибии раёсати таълим фаъолияти худро барои назорат, таҳлил ва такмили сифати раванди таълим ба роҳ мондааст.

**- Пас, метавон гуфт, ки мониторинг танҳо назорат нест?**

- Албатта. Агар мониторингро танҳо ҳамчун санҷиш ё ошкор намудани камбудӣ фаҳмем, моҳияти аслии онро маҳдуд мекунем. Мониторинг пеш аз ҳама воситаи муайян намудани вазъи воқеӣ, таҳлили натиҷаҳо, ошкор намудани мушкилот ва пайдо кардани роҳҳои беҳтар намудани сифати таълим мебошад.

Мақсади ниҳоии мо ҷазо додан ё эрод гирифтан нест. Ҳадаф ин аст, ки омӯзгор имкониятҳои худро беҳтар истифода барад, донишҷӯ мунтазам дониш ва малакаи бештар ба даст орад ва дар ниҳоят донишгоҳ мутахассисеро ба бозори меҳнат пешниҳод намояд, ки воқеан ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошад.

Фаъолияти шуъба дар асоси нақшаи солонаи корӣ ва ба нақшаи чорабиниҳои оид ба амалигардонии Стратегияи арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 дар солҳои 2025-2027 ба роҳ монда шуда, масъалаҳои марбут ба сатҳи сифати таҳсилот ва донишазхудкунии донишҷӯён мунтазам мавриди санҷиш ва таҳлил қарор мегиранд. Натиҷаҳо ба раёсати донишгоҳ ва Шурои илмӣ-методӣ пешниҳод шуда, вобаста ба масъалаҳои ошкоршуда қарорҳои дахлдор қабул мегарданд.

**- Дар ҳисобот як нуктаи муҳим мавҷуд аст: моҳи декабри соли 2025 Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сифати таҳсилотро дар донишгоҳ санҷидааст. Натиҷаи ин санҷиш барои донишгоҳ чӣ аҳамият дошт?**

- Санҷиши беруна ҳамеша барои ҳар муассисаи таълимӣ як имтиҳони ҷиддӣ мебошад, зеро он имконият медиҳад, ки фаъолияти муассиса на танҳо аз нигоҳи дохилӣ, балки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ низ арзёбӣ шавад.

Аз 15 то 20 декабри соли 2025 дар донишгоҳ санҷиши сатҳи сифати таҳсилот гузаронида шуд. Бо қарори ҷаласаи ҳайати мушовараи Агентӣ аз 26 декабри соли 2025 натиҷаи санҷиш баррасӣ гардида, барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда тахияи нақшаи чорабиниҳо пешниҳод шуд.

Раёсати донишгоҳ 21 январи соли 2026 нақшаи чорабиниҳоро оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда тасдиқ намуд. Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим низ вобаста ба ин масъала нақшаи чорабиниҳои худро тахия карда, иҷрои онро ба роҳ монд.

Барои мо муҳим аст, ки ҳар як санҷиш натиҷаи амалӣ дошта бошад. Яъне камбудӣ танҳо дар санад қайд нашавад, балки барои ислоҳи он масъулият, муҳлат ва механизми мушаххас муайян гардад.

Бинобар ин, натиҷаҳо моро водор мекунанд, ки ба масъалаи сифати дониш бо масъулияти бештар муносибат намоем, зеро натиҷаи имтиҳон танҳо рақам нест, он нишондиҳандаи кори омӯзгор, фаъолияти кафедра, масъулияти донишҷӯ ва самаранокии низоми таълим мебошад.

Барои мо муҳим аст, ки донишҷӯ на танҳо фани таълимро «супорад», балки онро фаҳмад, таҳлил карда тавонад, дар амал истифода барад ва ба донишҳои гирифтааш малакаи касбӣ зам намояд. Аз ин рӯ, масъалаи баланд бардоштани сифати таълим бояд аз сатҳи кафедра оғоз ёбад. Мазмун ва методикаи машғулият, омодагии омӯзгор, муносибати донишҷӯ ба таҳсил, мустақилона кор кардан, робитаи назария бо амалия ва низоми арзёбӣ - ҳамаи ин ба натиҷаи ниҳоӣ таъсир мерасонад.

**- Шумо дар рафти суҳбат ба масъалаи робитаи назария ва амалия, инчунин, баргузории дарсҳои кушод ишора кардед. Дар ин самт чӣ корҳо анҷом дода шуданд?**

- Лозим ба қайд аст, ки масъалаи робитаи назария ва амалия яке аз самтҳои муҳими фаъолияти донишгоҳ ба шумор меравад. Мо имрӯз бояд мутахассисеро омода кунем, ки баъди хатми донишгоҳ дар муҳити воқеии меҳнатӣ худро гум накунад. Барои ҳамин пайвастани донишҳои назариявӣ бо таҷрибаи амалӣ аҳамияти калон дорад.

Дар доираи мониторинги машғулиятҳо таҷрибаҳои гузаронидани дарсҳои амалӣ дар муҳити истеҳсолӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд. Чунки чунин шакли таълим барои пайвастани донишҳои назариявӣ бо таҷрибаи истеҳсолӣ ва омодасозии мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ аҳамияти муҳим дорад. Ин гуна таҷрибаҳоро метавон яке аз намунаҳои татбиқи унсурҳои таълими дуалӣ (назария бо амалия) арзёбӣ кард.

Дар мавриди баргузории дарсҳои кушод, ба назари банда, он бешакк метавонад ба сифати таълим таъсири амиқи худро расонад. Вале агар дарси кушод танҳо барои иҷрои нақша гузаронида шавад, таъсири он маҳдуд хоҳад буд. Аммо агар он майдони мубодилаи таҷриба, омӯзиши усулҳои нав ва таҳлили фаъолияти омӯзгор бошад, аҳамияти хеле калон дорад. Вобаста ба ин, дар соли нави таҳсили ҷорӣ шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим бо мувофиқаи раёсати донишгоҳ, кафедраҳои тахассусиро вазифадор намудааст, ки минбаъд баргузор намудани дарсҳои кушод дар шакли таълимии дуалӣ дар корхонаву ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ вобаста

# РАҚОБАТПАЗИРИИ ДОНИШГОҲ



ба ихтисоси донишҷӯён ба роҳ монда шавад. Ин аз нигоҳи мо ба сатҳу сифати таълим замина гузошта, барои соҳибкасб шудани донишҷӯён ва ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй гардидани онхо мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки дар донишгоҳ ҳамчунин таҷрибаи ҷалби омӯзгорони соҳибтаҷриба ва дорои дараҷаи илмӣ дошта ҳамчун коршинос истифода мешавад. Ин коршиносон ба машғулиятҳо иштирок намуда, паҳлуҳои мусбат ва камбудиҳоро муайян карда, ба омӯзгорон тавсияҳои методӣ медиҳанд. Ҳадаф ин аст, ки таҷрибаи хуб аз як омӯзгор ба омӯзгори дигар гузарад.

**- Ҷойи шакк нест, ки баҳри баланд бардоштани сифати таълим худи омӯзгор низ бояд пайваста такмил ёбад. Дар ин самт чӣ иқдомҳо анҷом дода шуданд?**

- Бидуни рушди касбии омӯзгор рушди устувори сифати таълим ғайриимкон аст. Дар донишгоҳ бо фармоиши ректор барои омӯзгорон курси омӯзишии "Маҳорати педагогӣ", "Забонҳои русӣ ва англисӣ" ташкил гардид. Ин иқдом аз он ҷиҳат муҳим аст, ки омӯзгори муосир бояд на танҳо мутахассиси хуби соҳаи худ бошад, балки ба манбаъҳои нави илмӣ дастрасӣ дошта, аз дастовардҳои илм ва таҷрибаи байналмилалӣ истифода бурда тавонад.

Дар баробари ин, дар донишгоҳ барои такмили малакаи касбӣ ва методии омӯзгорон инчунин семинарҳо, омӯзишҳо ва мушоҳидаи дарсҳои омӯзгорони соҳибтаҷриба ба роҳ монда мешаванд.

**- Лутфан бигӯед, ки шумо роҳҳои арзёбии сифати таълимро дар чӣ мебинед?**

- Ба андешаи ин ҷониб, ҷиҳати расидан ба роҳҳои арзёбӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ як қатор омилҳоро тавсия додан мумкин аст, ки мувофиқ ба мақсад мебошанд, аз ҷумла;

- бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ба низоми бисёрҳолаи арзёбӣ гузаштан;

- аз нав дида баромадани усулҳои арзёбӣ, навсозии барномаҳои таълимӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон ва ҷори намудани технологияҳои инноватсионии таълимӣ;

- тавсеаи мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот дар сатҳи давлатӣ;

- таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорӣ дар раванди таълим;

- дастгирии таҳсилоти фарогир барои ба назар гирифтани ниёзҳои гуногуни таълимгирандагон;

- ҷалби мутахассисони фаъоли ҷомеа ба раванди тахия ва навсозии барномаи таҳсилот, нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ.

Дар ин росто, ҳамзамон метавон зикр намуд, ки омилҳои тавсиявии фавқ баҳри амлигардонии тавсияҳои зикршуда ҷиҳати арзёбии сифати таҳсилот ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва ҳамчунин, дар татбиқи Консепсия ва Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурӣ барои давраи то соли 2044 заминаи мусоид фароҳам меоваранд, ки ин ҳама ба манфиати кор аст.

**- Сессияи имтиҳонӣ яке аз марҳилаҳои пурмасъулияти ҳаёти донишгоҳ ба шумор меравад. Шуъбаи мониторинг дар ин раванд чӣ нақш дошт?**

- Дар давраи имтиҳонҳо ҷиҳати назорати раванди имтиҳонҳо ситоди донишгоҳӣ ва комиссияи апеллятсионӣ таъсис дода шуданд. Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим рафти баргузории имтиҳонҳоро дар факултетҳо назорат намуда, бо садорати факултетҳо ва мудирони кафедраҳо ҳамкорӣ кард.

Дар ин ҷо як масъалаи муҳим вуҷуд дорад: шаффофият ва адолат дар баҳодиҳӣ. Донишҷӯ бояд итминон дошта бошад, ки дониши ӯ бо меъёри муайян ва беғаразона арзёбӣ мешавад. Омӯзгор низ бояд донад, ки масъулияти ӯ танҳо гузоштани баҳо нест, балки муайян кардани сатҳи воқеии дониш мебошад.

**- Агар аз ҳамаи натиҷаҳои мониторинг як масъалаи муҳимтаринро ҷудо кардан лозим бошад, онро дар чӣ мебинед?**

- Ман онро дар зарурати гузариш аз «таълим барои имтиҳон» ба «таълим барои дониш, малака ва касб» мебинам.

Имрӯз донишҷӯ ба иттилооти зиёд дастрасӣ дорад. Аммо иттилоот худ аз худ дониш нест. Дониш ҳам худ аз худ малака нест. Вазифаи донишгоҳ аз он иборат аст, ки донишро ба салоҳияти касбӣ табдил диҳад. Барои ҳамин мо бояд пайваста бипурсем:

- Донишҷӯ чӣ медонад?
- Чиро фаҳмидааст?
- Чиро иҷро карда метавонад?
- Ва ин донишро дар куҷо истифода бурда метавонад?

Ба назари ман, ҷавоб ба ҳамин чор савол меъёри воқеии сифати таҳсилоти муосир мебошад.

**- Дар шароити таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва 30-солагии ДДМИТ аз нуқтаи назари Шумо вазифаи муҳимтарини донишгоҳ дар назди ҷомеа чӣ буда метавонад?**

- Албатта, вазифаи донишгоҳ танҳо додани диплом нест. Донишгоҳ бояд инсонеро тарбия кунад, ки соҳиби дониш, ҷаҳонбинии васеъ, масъулияти шаҳрвандӣ, тафаккури мустақил ва фарҳанги баланди касбӣ бошад.

Истиқлол ба мо имконият дод, ки низоми таҳсилоти миллии худро ташаккул диҳем ва мутахассисонро барои эҳтиёҷоти иқтисоди миллӣ омода намоем.

Имрӯз бошад, дар назди мо марҳилаи дигар истодааст - рақобатпазир кардани таҳсилоти миллӣ ва омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди муосир.

ДДМИТ ҳамчун муассисаи махсусгардонидашудаи иқтисодӣ дар ин раванд масъулияти калон дорад. Бонкдор, молиячӣ, иқтисодчӣ, муҳосиб, менеҷер, мутахассиси иқтисоди рақамӣ ё муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ... ҳар кадоми онҳо дар ояндаи иқтисоди Тоҷикистон нақши худро хоҳанд дошт. Аз ин рӯ, ҳар як машғулият, ҳар як имтиҳон, ҳар як реферату кори курсӣ ва ҳар як рисолаи хатми таҳассусӣ бояд бо ҳадафи бузургтар, яъне хизмат ба рушди иқтисоди миллӣ пайванд дошта бошад.

**- Шумо ҳамчун роҳбари сохторе, ки сифати таълимро назорат мекунад, ба 30 соли фаъолияти ДДМИТ чӣ баҳо медиҳед?**

- Баҳои воқеиро пеш аз ҳама ҷомеа медиҳад: хатмкунандагони мо дар куҷо кор мекунанд, то чӣ андоза дар фаъолияти касбӣ муваффақанд ва чӣ саҳме дар рушди иқтисоди кишвар мегузоранд. Аммо аз нуқтаи назари фаъолияти дохилӣ метавон гуфт, ки дар донишгоҳ низоми мониторинг ва идораи сифати таълим ҳамчун яке аз механизмҳои муҳими такмили раванди таълим амал мекунад.

Мо талош дорем, ки мониторинг ба воситаи объективии қабули қарор табдил ёбад. Барои ҳамин натиҷаҳои санҷишҳо ба раёсати донишгоҳ, Шурои илмӣ-методӣ ва дигар сохторҳои дахлдор пешниҳод гардида, масъалаҳо муҳокима ва вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул мешаванд.

Албатта, ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб вуҷуд доранд. Сифат ҳадафе нест, ки як бор ба он расидему дигар кор тамом шуд. Сифат ин раванди доимии такмилёбанда аст. Вобаста ба ин лозим ба қайд аст, ки дар шароити муосир сифати таълим нуқтаи назари роҳ нест, балки роҳи доимии ҷустуҷӯ, навоварӣ, арзёбӣ ва такмил мебошад. Яъне ҳар қадаре, ки талаботи ҷомеа ва бозори меҳнат тағйир ёбад, ҳамон қадар низоми таълим бояд рушд кунад.

**- Яъне 30-солагии донишгоҳро метавон на танҳо ҷамъбасти гузашта, балки оғози марҳилаи нав ҳам донист?**

- Бешубҳа. Сӣ сол барои як муассисаи таҳсилоти олӣ ҳам синни кам нест ва ҳам марҳилаи анҷомёфта ба маънои таърихӣ нест. Ин синни таҷриба, ташаккул ва гузариш ба марҳилаи нави рушд аст.

Имрӯз ДДМИТ бояд ба натиҷаҳои сӣ соли фаъолияти худ такя намуда, ба масъалаҳои нав авлавияти бештар диҳад: рақамикунонии таҳсилот, рушди иқтисоди рақамӣ, технологияҳои нав, забондонӣ, робитаҳои байналмилалӣ, таҳкими робитаи донишгоҳ бо бозори меҳнат, рушди илм ва баланд бардоштани рақобатпазирии хатмкунандагон. Дар ин раванд Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим низ бояд пайваста усулҳои кории худро такмил диҳад.

**- Ва дар фарҷоми суҳбат ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва 30-солагии ДДМИТ ба омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ чӣ таманно доред?**

- Пеш аз ҳама, ба тамоми устодону кормандон, донишҷӯён ва хатмкардагони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки дар рушди ин боргоҳи маърифат саҳми худро гузоштаанд, саломатӣ, неруи созандаву зиндагии арзанда ва дастовардҳои нав орзу менамоям.

35-солагии Истиқлоли давлатӣ барои ҳар яки мо бояд танҳо як ҷашни таквимӣ набошад. Истиқлол масъулияти ҳар як шаҳрванди кишвар аст. Барои мо, аҳли маориф, ин масъулият пеш аз ҳама дар тарбияи насли донишманд, соҳибмаърифат, ватандӯст ва касбдӯст зоҳир мегардад.

Ба донишҷӯён гуфтаниам: имрӯз имкониятҳои шумо аз ҳар давраи дигар бештар аст. Аз донишгоҳ танҳо бо диплом на, балки бо дониш, ҷаҳонбинӣ, касб, малака ва масъулияти шаҳрвандӣ берун шавед.

Ба устодону омӯзгорон ва ҳамкасбонам бошад, бо итминон муроҷиат менамоям, ки ҳар дарсе имрӯз медиҳем, ба қисмати фардои кишвар таъсир дорад. Шояд мо натиҷаи он таъсирро фавран набинем, аммо донишҷӯе, ки имрӯз дар назди мо нишастааст, фардо метавонад иқтисодчӣ, роҳбар, муҳаққиқ, бонкир, соҳибкор ё сиёсатгузор бошад. Аз ин рӯ, сифати таълим танҳо масъалаи як шуъба нест. Он масъулияти муштараки омӯзгор, донишҷӯ, кафедра, факултет ва тамоми сохтори марбути донишгоҳӣ мебошад.

Бовар дорам, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар марҳилаи нави фаъолияти худ бо такя ба таҷрибаи сӣсола ва имкониятҳои давронӣ истиқлол ба дастовардҳои боз ҳам бузургтар ноил мегардад.

35 соли Истиқлоли давлатӣ ва 30 соли фаъолияти донишгоҳи барои мо ҳамзамон ҷашни дастовардҳо ва оғози масъулияти нав мебошанд. Ва муҳимтарин дастоварди оянда, ба назари ман, донишҷӯест, ки донишро ба амал, касбро ба хизмат ва имкониятро ба пешрафти Тоҷикистон табдил медиҳад.

**P/S:**

**Суҳбат бо сардори Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими ДДМИТ як ҳақиқати муҳимро боз ҳам равшан кард: сифати таълим бо фармон, ҳисобот ё як санҷиш ба вуҷуд намеояд. Он натиҷаи фарҳанги доимии масъулият, меҳнат, таҳлил ва такмили пайваста аст.**

**35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва 30-солагии ДДМИТ аз ин нигоҳ на танҳо санаҳои муҳими тақвимӣ, балки ду марҳилаи пурмаънои ҷамъбаст ба гузашта ва масъулият дар назди ояндаанд.**

**Истиқлол ба кишвар имкони сохтани давлат ва ниҳодҳои миллӣ дод. Донишгоҳ дар ин давра барои иқтисоди миллӣ кадр омода кард. Акнун марҳилаи дигар фаро расидааст: кадр бояд на танҳо соҳиби диплом, балки соҳиби салоҳият бошад; донишгоҳ на танҳо муассисаи таълимӣ, балки муҳити тавлиди дониш ва ҳалли масъалаҳои иқтисоди миллӣ гардад.**

**Дар ин раванд нақши мониторинг низ тағйир меёбад. Мониторинги асри нав бояд танҳо посух ба саволи «чӣ шуд?» набошад. Он бояд ба саволҳои «чаро чунин шуд?», «чӣ бояд тағйир ёбад?» ва «чӣ гуна натиҷаи беҳтар ба даст меорем?» ҷавоб диҳад.**

**Ва шояд ҳамин аст муҳимтарин паёми 30-солагии ДДМИТ:**

**- Донишгоҳ бо гузаштаи худ ифтихор мекунад, аммо бо сифати ояндаи худ арзёбӣ хоҳад шуд. Зеро истиқлол давлатро соҳибихтиёр кард, донишгоҳ барои он мутахассис омода мекунад ва сифати кадрҳои баландихтисос бошад, яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои неруи фардои миллат аст.**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ҲАҚИҚИИ ШАҲРВАНДӢ

Ташаккули тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ амали босуръат ва дарбаргирандаи кадом як марҳилаи таърихӣ набуда, балки равандест, ки ба бисёр омилҳо такя менамояд ва муддати тулониро тақозо мекунад.

Омили асосии ташаккули ҳам шаҳрванд ва ҳам тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ, қабл аз ҳама, ба он алоқамандӣ дорад, ки ин ва ё он умумиятҳо дар қаламраве муттаҳид гардида, дар ин қаламрав давлати худро ба вуҷуд оварда бошанд. Барои он муаллиф умумиятҳо гуфта истодааст, ки мурури таърих воқеан чунин шудааст, ки дар тамоми манотиқи олам, миллатҳо ва давлатҳои онҳо на бар асоси ин ва ё он умумияте ба вуҷуд омада бошанду ташаккул ёфта бошанд, балки бар асоси муттаҳид гардидани намояндагони умумиятҳои гуногуни сукунаткунанда дар ин ва ё он қаламрав арзи вуҷуд кардаанд.

Ба вуҷуд омадани давлат ва ташаккулёбии ин ва ё он миллат ва аз тарафи онҳо аз сар гузаронидани зинаҳои гуногуни рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, махсусан, аз сар гузаронидани сохти зербинои иқтисодии сармоядорӣ ва дар заминаи мазкур арзи вуҷуд кардани шаҳрҳои калон-калони саноатӣ, ба маорифи ҳамагонӣ фаро гирифтани мардум, ташаккули муассисоти фарҳангӣ ва ба онҳо ҷалб гардидани бошандагон аз масоили муҳими ташаккулёбии шаҳрванд ва тафаккури шаҳрвандӣ иборат дониста мешавад.

Агар марҳилаи зиёда аз садсолаи сипаришударо таҳлил намоем, ба хулоса меоем, ки марҳилаи мазкур барои бошандагони имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон замоне будааст, ки онҳо дар тули 67 соли он дар масъалаи ташаккули тафаккури шаҳрвандӣ дар чаҳорроҳаи номуайянӣ қарор дошта, танҳо ба мансубияти худ ба тоҷикон такя менамуданд, вале ҳамчун шаҳрванд ё шаҳрванди Узбекистон (аз соли 1924 то ба соли 1929) ба расмият даромада буданд ва ё ҳамчун шаҳрванди шуравӣ то ба соли 1991 ташаккул меёфтанд. Ин ҳолати ҳам мо - тоҷикон ва ҳам мардумони ҷумҳуриятҳои дигари шуравӣ ба он алоқамандӣ дошт, ки мо ҳоло давлати куллан мустақили худро надоштем. Тафаккури шаҳрвандие, ки дар он замон дар мо ташаккул меёфт, як навъ тафаккури номукаммал, норавшан ва ҳамеша дар калавиш буд. Сарфи назар аз он, ки аз ҷумла, дар давраи шуравӣ мо ҳама худро шаҳрванди давлат ва низоми мазкур медонистем, вале, азбаски, ҳамчун умумияти таърихӣ ба мардуми ориёӣ мансубият доштем, забону фарҳанги худро доштем, худро чандон роҳат ҳис намекардем. Дар тафаккурамон ҳамеша номуайяние амал менамуд.

Мо ин амали таърихро, ки сарнавишти моро муайян карда буд, ба эътибор гирифта будем, вале ҳаргиз қаноати маънавӣ надоштем, зеро ҳамаҷониба ва, махсусан, рӯҳан мустақил набудем, дар дил орзуву омоли мустақил будан, дорои қаламрав, давлати миллӣ буданро мепарваридем. На танҳо мо - тоҷикон, балки тамоми мардумони ҷумҳуриятҳои дар зери парчами шуравӣ муттаҳидшуда низ ҳамин орзуву омолро доштанд. Омили мазкур буд, ки дар натиҷаи фаро расидани имконияти таърихӣ хамаи мардумони ҷумҳуриятҳои шуравӣ яке паси дигар истиқлолияти хешро эълон кардан гирифтанд ва, дар натиҷа, давлати абарқудрати шуравӣ аз ҳам пош хӯрд ва мавҷудияти он дар як муддати на чандон калон ба таърих рафт.



Доир ба он ки давлати шуравӣ чӣ гуна давлат буд ва чӣ сифатҳо дошт, чизе намегӯем, зеро ин масъалаи баҳси дигар аст. Танҳо дар як ҷумла ишора ба он менамоем, ки ба мисли ҳама гуна давлатдориҳои дигар, давлати шуравӣ низ шебу фарозҳо, ҷиҳатҳои мусбату манфии худро дошт, ки онҳо дар давлатдориҳо амри ногузир ба шумор мераванд.

Тоҷикистон истиқлолияти хешро 9-уми сентябри соли 1991 эълон ва ба расмият даровард. Аз он рӯзи таърихӣ 35 сол сипарӣ шуда истодааст. Миллати тоҷик барои бо шаъну шукӯҳи муносиб таҷлил кардани 35-солагии истиқлолияташ ҳама тадбирҳои созандаро андешид ва онҳоро дар амал татбиқ кард. Дар ВАО мавзуи мазкур густурда таҳлил, баррасӣ ва натиҷагириҳо шуда истодаанд. Бинобар ин, мо ба ин масъала низ даст намезанем, зеро мавзуи баррасии мо чизи дигар - ташаккули тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ ба шумор меравад.

Мубрамияти ин мавзуъ ба он алоқамандӣ дорад, ки агар ҳар як бошандаи кишвар дар худ тафаккури ҳақиқии шаҳрвандиро ташаккул надода бошад, пояҳои давлати мустақил мустаҳкам намешавад.

Ташаккули фарҳанги мазкур якчанд арзишҳоро дар бар мегирад, ки ба онҳо, сараввал, шинохти худ ва мансуб донистани худ ба миллат, шинохти миллати худ, ки ба ташаккули маърифати таърихиву фарҳангии миллат такя менамояд, дохил мешаваанд.

Дуввум, дар худ ташаккул додани муназзамиву муташаккилӣ ва бар ҳамин асос ташаккули масъулиятшиносӣ ва дар ҳама кору фаъолият бо ҳисси масъулият амал кардан, бартараф намудани ҳама гуна бетарафӣ дар тамоми масъалаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии миллат.

Севум, худро ҳамчун соҳибкасби босалоҳият ташаккул додан ва истифодаи ҳамешагии салоҳият дар фаъолияти шахсӣ, ки бе он рушди бомароми ҷомеаро тасаввур кардан имконнопазир мебошад.

Чаҳорум, татбиқи ахлоқи ҳамида чӣ дар оила ва чӣ дар тамоми зинаҳои таҳсил, зеро фарҳанги ахлоқӣ дар ҳама давру замон аз рукни асосии хайрияти ҷомеа иборат буду ҳаст.

Панҷум, дар ташаккули тафакури ҳақиқии шаҳрвандӣ, ҳамчунин чигунагии муассисаи идораи ҷомеа ва режими сиёсии он низ нақши ҳалкунанда мебозанд. Ин ифодаро бо он далел исбот кардан мехоҳем, ки дар таърих бо ба вуҷуд омадани давлатҳо яку якбора шаҳрванд ба маънии муосираш ба вуҷуд наомадааст, зеро давлатҳо дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар иртибот ба тарзи истеҳсолот ва сохти ҷомеа дар сатҳҳои мухталиф, аз ҷумла сатҳи бардаӣ, деҳқонии крепостноӣ, коргарии кироя ташаккул меёфтанд. Дар ин марҳилаҳо инсон ҳаргиз истиқлолият надошт ва озод ҳам набуду буда ҳам наметавонист.

Дар замони муосир дар натиҷаи муборизаҳои шадиди назарӣ, ки онҳо бар асоси таҳлили авзои таърихии арзивуҷудкарда ташаккул меёфтанд, дар ниҳояти амр тамоюли давлатсозии муосир низ ташаккул ёфт. Ин тамоюл давлатсозии ҳақиқатан демократӣ ва ҳақиқатан ҳуқуқбунёдро дар назар дорад.

Бояд зикр кард, ки ҳақиқатан демократӣ ва ҳақиқатан ҳуқуқбунёд будан ва дар амал бемайлон татбиқ кардани арзишҳои сиёсии мазкур ногузир истиқлолият ва озодии даркшудаи инсонро таъмин менамоянд, ки он заминаи бечунучарои ташаккулёбии тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ ба шумор меравад, зеро истиқлолияти давлатӣ, таъсис ва бунёди давлатдории ҳақиқатан демократӣ ва ҳақиқатан ҳуқуқбунёд ба истиқлолият ва озодии ҳақиқии даркшудаи ҳар як шаҳрванд иртиботи ҷудонопазир дорад. Вақте дар ҷомеа чунин давлат ва чунин режими сиёсӣ ташаккул ва амал менамоянд, тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ низ ташаккул меёбад.

Бо эълон кардан ва ба расмият даровардани истиқлолият, ки он танҳо ибтидои кор ба шумор меравад, тамоми корҳои давлатсозӣ ва, махсусан, давлатсозии ҳақиқатан демокративу ҳақиқатан ҳуқуқбунёд дафъатан ба анҷом намерасад, балки акнун имкон ба вуҷуд меояд, то ин ки тадриҷан ҳама арзишҳои марбут ба тамоюли давлатсозии муосир татбиқ карда шаванд. Доир ба ин масъала қонуни асосии давлат, яъне Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, арзишҳо ва тақозоҳои давлатсозии муосир ба он дохил карда шуданд, ки онҳо бояд зина ба зина дар амал татбиқ карда шаванд.

Шашум, дар раванди давлатсозии муосир бояд ҳама гуна муносибатҳои ғайришаръӣ, аз ҷумла итоат накардан ба Конститутсия ва қонунҳо, таъмин кардани баробарии ҳамагон дар назди қонун, таъмини бемайлони арзишҳои конститутсионӣ, бартараф кардани ҳама гуна амалҳои коррупсионӣ, ки ба шикасти пойдевори давлат оварда мерасонанд, таъмини фаъолияти тақозоии тамоми сохторҳои қудратӣ ва ғайра аз омилҳои таъминкунандаи давлатсозии муосир ба шумор мераванд, ки дар чунин муҳит тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ ташаккул наёфтанаш мумкин нест.

Ҳафтум, ташаккули тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ ба арзише оварда мерасонад, ки онро озодии инсон меноманд ва ин арзиш орзуи таърихии инсон ба шумор меравад. Вақте инсону шаҳрванд дар ин сатҳ ташаккул меёбад, вай дар ҳама гуна фаъолият бо масъулият ва бо дарки маънӣ рафтор мекунад.

Ҳаштум, яке аз мушкилаҳои муҳимтарини тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ ба бошуурона иштирок кардани шаҳрванд дар умури идораи ҷомеа алоқамандӣ дорад. Инсони озод ва дар худ ташаккулдодаи тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ дар умури идораи ҷомеа ҳаргиз бетараф намемонад. Аз воситаҳои таъминкунандаи чунин амал низ бошуурона истифода мебарад. Ба ин воситаҳо, қабл аз ҳама, интихобот ва раъйпурсиҳо дохил мешаванд, ки шаҳрванди дар худ ташаккулдодаи тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ аз он оқилона ва бар асоси на манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ, маҳаллӣ, балки манфиатҳои миллӣ истифода мебарад ва ғайра.

Дар ташаккули ҳама арзишҳои мазкур нақши асосиро маорифи ҳамагонӣ мебозиду мебозад. Дар давоми 35 соли сипаришудаистода дар ин ҷода корҳои азим ба анҷом расонида шуданд. Дар тамоми манотиқи кишвар ҳамаи кӯдакону ҷавонон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Теъдоди хеле зиёди макотиби олӣ таъсис ва фаъолият карда истодаанд. Дар ин хусус, муваффақияти кишвар хеле назаррас буда, ҳар он чӣ боқӣ мондааст, сифати таълиму тарбия ба шумор меравад. Ин мавзуъ ҳам аз масъалаи дигари баҳс иборат аст, ки ҳоло мо ба он низ даст намезанем. Аммо як чизро бояд хотирнишон кард, ки ташаккули тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ ба ин масъала низ робитаи ногусастанӣ дорад, зеро ҳар он шаҳрванде, ки дар макотиби хоҳ ибтидоӣ (ин бисёр муҳим, зеро кӯдак марҳилаи аввалини инкишофи зеҳнии худро дар макотиби ибтидоӣ сипарӣ менамояд), хоҳ миёна ва хоҳ олӣ фаъолият мекунад, муназзаму муташаккил, масъулиятшинос, босалоҳият набошад, кӯдакону ҷавононро на дуруст таълим дода метавонад ва на дуруст тарбия карда метавонад.

Масъалаи мазкур аз мавзуъҳои мубрамтарини соҳаи маориф ба шумор меравад ва таваҷҷуҳи истисноӣ тақозо менамояд. Бинобар ин, ҳам муассисаҳои идораи соҳа ва ҳам ҳар як нафаре, ки дар ин соҳа фаъолият мекунад, бояд, пеш аз ҳама, худро ҳамчун шаҳрванд шиносад ва дар ташаккули тафаккури ҳақиқии шаҳрвандии муҳассилин саҳми арзандаи худро гузорад.

Дар хулосаи ин навишта бояд изҳор кард, ки ташаккули тафаккури ҳақиқии шаҳрвандӣ тамоми масъалаҳои болозикрро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи он миллати бафарҳангу ба маърифат ва таъминкунандаи пешрафти бомароми ҷомеа ба вуҷуд омаданаш мумкин аст.

**Ғуломҷон МИРЗОЕВ,**
**устоди кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДДМИТ**

## АРМУҒОНИ ҶАШНӢ

# «СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН» БА ТАБЪ РАСИД




Ин китоб ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Раҳимзода Баҳодур Карим таҳия гардида, таҳлили ҳамаҷонибаи ташаккул, рушд ва натиҷаҳои сиёсати иқтисодии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар давраи соҳибистиқлолии кишвар фаро мегирад.

Китоб дар асоси омӯзиш ва таҳлили паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, адабиёти илмии соҳавӣ, маълумоти расмии оморӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ватаниву хориҷӣ таҳия гардида, дар он масъалаҳои муҳими зерин мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд:

- дидгоҳи роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масоили сиёсати иқтисодӣ;
- марҳилаҳои асосии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлоли давлатӣ;
- ташаккули фарҳанги низоми банақшагирии стратегӣ ва нақши стратегияҳои миллӣ дар рушди кишвар;
- пешбурди сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон;
- рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии ҳадафҳои рушди глобалӣ;
- таҳлили имкониятҳои рушди соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, сайёҳӣ, иқтисоди рақамӣ ва бахши молиявӣ.

Таҳияи китоби мазкур дар остонаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ як иқдоми муҳим буда, нишони эҳтироми хосса ба хизматҳои арзандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ташаккул ва рушди иқтисоди кишвар мебошад.

Китоб барои олимон, муҳаққиқон, коршиносон, хизматчиёни давлатӣ, ҷомеашиносони масоили иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин донишҷӯён, рӯзноманигорон ва доираи васеи хонандагон пешбинӣ гардидааст.

Ин китоб ҳамчун маводи илмӣ барои таҳияи корҳои таҳқиқотӣ, аз ҷумла стратегияҳо, барномаҳо, китобҳо, рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ, инчунин барои баргузории мизҳои мудаввар, семинарҳо, машваратҳо ва форумҳои сатҳҳои гуногун истифода шуда, дар рушди афкори илмӣ ва таҳқиқоти иқтисодӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

# ТАҚДИМИ КИТОБ БА ДОНИШҶӮЁНИ СОЛИ АВВАЛ



Дар арафаи Рӯзи дониш бо мақсади ҷалби ҷавонон ба китобхонӣ, баланд бардоштани маърифату ҷаҳонбинӣ ва тарғиби фарҳанги мутолиа дар даромадгоҳи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба донишҷӯёни курси якум китобҳо тақдим карда шуданд.

Ин иқдом барои донишҷӯёне, ки қадами нахустини худро ба остонаи илм гузошта, роҳи нави донишандӯзиро оғоз менамоянд, аҳамияти хоса дорад. Китоб ҳамчун беҳтарин сарчашмаи дониш ва маърифат метавонад дар ин масири пуршараф ҳамсафари доимии онҳо бошад.

Зимни маросим устодони донишгоҳ оид ба аҳамияти китоб ва китобхонӣ дар ҳаёти инсон, нақши он дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, рушди тафаккур ва баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҷавонон ибрози андеша намуданд.

Донишҷӯёни курси якум, ки имрӯз нахустин қадамҳои худро ба остонаи донишгоҳ ва ҷаҳони бузурги илм мегузоранд, бо гирифтани китоб метавонанд саҳифаи нави ҳаёти донишҷӯии худро бо донишандӯзӣ ва мутолиаи судманд оғоз намоянд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# THE 35TH ANNIVERSARY OF THE STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE DEVELOPMENT OF EDUCATION

State independence is a fundamental foundation for every nation and country in terms of national identity, state-building, and sustainable development. For the Republic of Tajikistan, the achievement of state independence on September 9, 1991, marked the beginning of a new historical stage. Over the 35 years of independence, Tajikistan has made significant progress in political, economic, social, cultural, scientific, and educational spheres.

Within this process, education has acquired a particularly important position as one of the priority areas of state policy. The development of a modern state and society largely depends on the level of knowledge, education, worldview, and professional competence of the younger generation.

Today, on the eve of the celebration of the 35th anniversary of the State Independence of the Republic of Tajikistan, it is particularly important to assess the progress achieved in the education sector, examine its major accomplishments, and identify the priorities and challenges for the future.

Independence and the Formation of a New Education System

The first years of independence were a complex and highly responsible period for Tajikistan. Despite considerable economic and social difficulties, preserving and developing the national education system remained an important component of state-building and received continued attention.

During the years of independence, consistent measures have been implemented to develop educational institutions, improve the quality of education, strengthen teacher training, and expand vocational and professional education.

According to official information, thousands of new educational institutions have been constructed and commissioned during the independence period. In particular, one official state report indicates that 3,670 new institutions of general and primary education, 262 preschool institutions, and 35 higher professional education institutions have been established.

These figures demonstrate that the development and modernization of educational infrastructure have been among the important priorities during the period of independence.

Development of General Secondary Education

One of the key directions of state policy in education has been the creation of favorable conditions for universal access to general secondary education.

In 1991, there were 3,229 general secondary educational institutions in the country, with approximately 1.3 million students enrolled. In subsequent years, both the number of educational institutions and the student population increased considerably. According to official statistics, the number of general secondary education institutions has exceeded 4,000, while the number of students has surpassed 2.3 million.

Alongside conventional general education schools, new types of educational institutions, including lyceums and gymnasiums, have also expanded. By 2025, their number had reached approximately 170, with more than 121,000 students receiving education in these institutions.

The construction of new educational facilities has continued in recent years. For example, during 2024 and the first six months of 2025 alone, 304 new general secondary schools and additional school buildings were commissioned, creating educational opportunities for more than 61,000 students.

Preschool Education and Child Development

Preschool education has also developed considerably during the independence period as an important stage in preparing children for social life and further education.

According to information from the Ministry of Education and Science, by 2025 the number of preschool educational institutions had reached 757, while the number of child development centers had increased to 2,931. In total, more than 251,000 children were enrolled in preschool education and development programs.

This expansion has created important conditions for increasing children's access to early education and supporting the development of their intellectual, social, communicative, and creative abilities.

Development of Higher Professional Education

One of the notable achievements of the independence period has been the significant expansion of the higher professional education system.

In 1991, Tajikistan had only 13 higher education institutions, with approximately 69,000 students enrolled. According to official data, this number has increased to 48 higher education institutions, while the number of students has exceeded 214,000.

The growth of higher education institutions has provided young people with broader opportunities to obtain professional qualifications within the country. At the same time, the development of master's programs, doctoral education, and other forms of postgraduate study has contributed to the preparation of scientific and academic personnel.

Education, Science, and Technological Development

In the context of globalization, education cannot fully respond to the requirements of the modern world without close integration with science and technology. Therefore, in recent years, increasing attention has been given to mathematics, natural and exact sciences, digital technologies, innovation, and research capacity.

In 2026, for example, the State Targeted Program for the Development of Mathematical, Exact, and Natural Sciences for 2026-2030 and the Strategy for the Study and Development of Mathematical, Exact, and Natural Sciences in Education and Science until 2030 were incorporated into the strategic framework of the sector.

At the same time, long-term approaches to assessing educational quality have been established, including the development of the National Strategy for Assessing the Quality of Education until 2044.

These initiatives demonstrate that the development of education is gradually moving beyond issues of access and infrastructure toward broader priorities such as educational quality, digitalization, assessment, competitiveness, innovation, and the preparation of graduates who can meet the changing requirements of the labor market.



Improving the Quality of Education: A Key Priority of the New Stage

Despite significant achievements, further development of the education sector requires addressing a number of important challenges. These include improving the quality of teaching and learning, strengthening teachers' professional development, expanding the effective use of digital technologies, improving the material and technical facilities of educational institutions, and further developing vocational education.

In this context, the role of the modern teacher is particularly important. A 21st-century teacher should possess not only strong subject knowledge but also digital competencies, the ability to apply interactive teaching methodologies, analytical thinking skills, and the capacity to work effectively with emerging technologies.

Therefore, investment in teachers should essentially be regarded as an investment in the future of the state and society.

Education as a Factor in Strengthening National Identity

Independence has influenced the development of education not only from economic and infrastructural perspectives but also in terms of national education and character formation.

Educational institutions play an important role in developing patriotism, national identity, respect for the Tajik language, culture, history, traditions, and national values. At the same time, the education of the younger generation should remain closely connected with modern knowledge, global competencies, and universal human values.

The ultimate goal should be to develop an educated, independent-minded, responsible, open-minded, and competitive individual who can contribute meaningfully to the development of society.

Independence and the Future of Education in Tajikistan

The 35th anniversary of State Independence represents not only the celebration of an important historical milestone but also an opportunity to evaluate the achievements of the education sector and define its future priorities.

Today, alongside the continued construction and modernization of educational institutions, greater attention should be given to improving the quality of education, developing modern curricula, digitalizing the learning process, expanding STEM education, strengthening foreign-language instruction, enhancing cooperation between science and industry, and further developing vocational and professional education.

In 2026, the Ministry of Education and Science has also emphasized, within the framework of preparations for the 35th anniversary of independence, the importance of improving the educational environment, enhancing the quality of education, and fostering a well-educated and socially responsible younger generation.

The State Independence of the Republic of Tajikistan created an important foundation for the development of a national education system. During the 35 years of independence, substantial progress has been made in constructing and expanding educational institutions, developing preschool, secondary, and higher education, preparing qualified specialists, strengthening scientific potential, and introducing modern technologies into the educational process.

Today, education is one of the fundamental pillars of Tajikistan's sustainable development. The country's future economic, social, and cultural progress is directly connected with the knowledge, skills, values, and professional competence of its younger generation.

Therefore, the celebration of the 35th anniversary of the State Independence of the Republic of Tajikistan should be viewed by the education community not only as an important national celebration but also as a new stage of responsibility, innovation, and constructive development.

The central task for the coming years should not merely be to increase the number of educational institutions, but, above all, to improve the quality of education, strengthen scientific research, develop modern professional competencies, prepare competitive specialists, and educate a knowledgeable, patriotic, responsible, and globally competent generation.

Independence created the opportunity to build and strengthen a national education system. The responsibility of the present generation is to transform this opportunity into high-quality education, advanced science, technological innovation, and a knowledge-based society capable of meeting the challenges of the 21st century.

**Sharafjon RAZZOQBERDIEV,**
**candidate of philological science, Associate Professor**

# LANGUAGE IS THE FOUNDATION OF A NATION'S EXISTENCE AND SURVIVAL!

Today, learning foreign languages has become one of the important factors contributing to personal development and social progress. It is widely regarded as a key to growth and success. Language is an essential means of gaining access to knowledge, science, technology, and global culture. The speeches delivered by the Leader of the Nation, His Excellency Emomali Rahmon, in the Tajik language from prestigious international platforms, including the United Nations and other international organizations, demonstrate the influence and strength of the Tajik language on the international stage.

Looking back at the history of the Tajik language, it becomes clear that it has passed through important historical stages from the Achaemenid period to the Samanid era. It was during the Samanid period that the Tajik language acquired official state status. Throughout the centuries, the Tajik language has played an important role in preserving the national identity, culture, and spiritual values of the Tajik people.

In the modern world, anyone who seeks to succeed in life and in their professional career should have a good command of at least two foreign languages, particularly Russian and English. The importance of learning foreign languages is increasing day by day in the context of a market economy and the rapid development of international relations.

Learning foreign languages can broaden a person's worldview and provide an opportunity to become familiar with the ways of thinking, values, traditions, and cultures of different nations. This process undoubtedly enhances a person's intellectual and cultural awareness, while also playing an important role in developing analytical thinking and strengthening mutual respect among peoples.



Today, English holds a particularly important position among foreign languages. It is widely used in various fields, including science, technology, economics, business, and diplomacy. A significant proportion of scientific achievements, research articles, and information resources available on the Internet are accessible in English. Knowledge of English enables people to keep up directly with global developments and acquire modern knowledge and skills.

It is well known that a large proportion of the world's scientific achievements, textbooks, and research papers are published in international languages, particularly English. Therefore, knowledge of foreign languages enables researchers and students to use original sources directly, stay informed about the latest scientific developments, and improve their level of knowledge.

In the independent Republic of Tajikistan, the role of foreign languages in the labor market is also increasing day by day. Today, many enterprises, institutions, and organizations give preference to employees who have a good command of foreign languages, particularly Russian and English. Being proficient in foreign languages enables people to work for reputable organizations, cooperate with international partners, and expand the scope of their professional activities. This factor also plays an important role in improving living standards and achieving personal success.

Furthermore, learning foreign languages has a positive impact on intellectual development and personality formation. Learning several languages can strengthen memory and cognitive abilities, while also developing problem-solving skills and creative thinking. At the same time, through the process of learning languages, people develop patience, perseverance, a sense of responsibility, and a strong work ethic.

In the modern era, information technologies have made foreign-language learning much easier and more accessible. Today, through the Internet, mobile applications, educational platforms, and online courses, anyone can study a foreign language at any time and from virtually anywhere. These opportunities make the learning process more accessible, effective, and engaging.

On the international stage, the Tajiks are among the peoples who have preserved their ancient language to this day. We read and understand the valuable works of our classical writers and incorporate their literary and cultural heritage into our spiritual life. This rich linguistic and cultural heritage also provides a solid foundation for learning other languages.

Thus, learning foreign languages is one of the important factors contributing to personal development, success, and progress. It enables people to find a достойное place in the global community, improve their knowledge and skills, and take confident steps toward a brighter future. In the modern world, where international relations are expanding day by day, knowing one or more foreign languages has become a genuine necessity.

In the context of the digital economy, people who know foreign languages can access a wide range of scientific and informational resources, study the experience of developed countries, and apply it in practical life. At the same time, language learning contributes to the development of human thinking and improves one's ability to reason, analyze information, and make decisions. It also contributes to greater self-awareness, self-confidence, and a broader worldview. Therefore, learning languages is important not only for professional advancement but also for the development of a well-rounded personality.

As Tajikistan approaches the celebration of the 35th anniversary of its State Independence, the administration of the Tajik State University of Finance and Economics has created all the necessary conditions for learning foreign languages, including Russian, English, and Chinese. Special classrooms for foreign-language instruction have been established at the university, and those interested can study languages free of charge at a convenient time. They are taught by experienced and highly qualified instructors.

Indeed, it is worth emphasizing that language is the foundation of a nation's existence and survival, and preserving its purity and showing respect for it is a sacred duty of every patriotic citizen. Therefore, scholars, teachers, journalists, and intellectuals should make a meaningful contribution to strengthening the status of the state language, enriching the literary language, and raising the level of language culture.

**Manuchehr DILOVAROV,**
**candidate of philological sciences, associate professor, department of foreign languages, TSUFE**

Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
№ 7 (240) 16.09.26


# ИҚТИСОДИ САБЗ - ЗАМИНАИ РУШДИ УСТУВОР



Истиқлолияти давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рӯйдоди бузурги таърихӣ имконият фароҳам овард, ки кишвар роҳи мустақили рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии худро муайян намуда, барои бунёди ҷомеаи муосир ва таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ заминаҳои устувор гузорад. Дар давраи соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон дар баробари ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим ва рушди устувор таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд.

Иқтисоди сабз модели рушди иқтисодиест, ки афзоиши некӯаҳволии инсон ва адолати иҷтимоиро бо ҳифзи муҳити зист, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва коҳиши таъсири манфии фаъолияти иқтисодӣ ба табиат пайваст менамояд. Ҳадафи он танҳо зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот набуда, балки таъмини рушди устуворест, ки барои наслҳои имрӯз ва оянда муҳити солим ва захираҳои кофӣ боқӣ гузорад.

Тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари кӯҳистонӣ хатари ҷиддӣ эҷод мекунанд. Аз ин рӯ, ҳифзи пиряхҳо, истифодаи самараноки об ва татбиқи технологияҳои сарфакунандаи об бояд яке аз самтҳои муҳими иқтисоди сабз бошад.

Тоҷикистон барои истифодаи энергияи офтоб низ имкониятҳои хуб дорад. Шумораи зиёди рӯзҳои офтобӣ имкон медиҳад, ки дар баробари гидроэнергетика аз панелҳои офтобӣ васеъ истифода шавад. Ин манбаъ махсусан барои минтақаҳои дурдаст ва кӯҳистон муҳим буда, метавонад дастрасии аҳолиро ба неруи барқ беҳтар намояд. Истифодаи энергияи бод, биомасса ва дигар манбаъҳои барқароршаванда низ ба диверсификатсияи сохтори энергетикии кишвар мусоидат мекунад.

Рушди иқтисоди сабзро бе технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ тасаввур кардан душвор аст. Рақамикунонӣ имконият медиҳад, ки истифодаи захираҳои табиӣ ва энергетикӣ самараноктар идора карда шавад. Технологияҳои рақамӣ метавонанд дар назорати истеъмоли неруи барқ, идоракунии захираҳои об, пешгӯии тағйирёбии иқлим, кишоварзии оқилона, нақлиёти экологӣ ва коркарди партовҳо истифода шаванд.

Масалан, низомҳои рақамии идоракунии обёрӣ талафоти обро коҳиш дода, сенсорҳо намнокии хок ва зарурати обёриро муайян менамоянд. Дар энергетика бошад, ҳисобкунакҳо ва низомҳои рақамии назорат ба кам шудани талафоти неруи барқ мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ, рақамикунонӣ ҳамчун воситаи муҳими идоракунии оқилонаи захираҳо метавонад гузариш ба иқтисоди сабзро суръат бахшад.

Иқтисоди сабз танҳо масъалаи муҳити зист нест. Он ба рушди иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ низ таъсири мустақим мерасонад. Рушди энергетикаи барқароршаванда, истеҳсоли таҷҳизоти каммасраф, коркарди партовҳо, кишоварзии органикӣ, сайёҳии экологӣ ва дигар соҳаҳои сабз метавонанд ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳанд.

Дар ин замина омода намудани мутахассисони дорои донишҳои муосир аҳамияти калон дорад. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд масъалаҳои иқтисоди сабз, рушди устувор, идоракунии захираҳои табиӣ, технологияҳои рақамӣ ва тағйирёбии иқлимро ба раванди таълим ва таҳқиқоти илмӣ бештар ворид намоянд.

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди Тоҷикистон буда, истифодаи оқилонаи обу замин дар он аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар шароити тағйирёбии иқлим зарурати гузариш ба усулҳои устувори кишоварзӣ меафзояд. Кишоварзии сабз истифодаи технологияҳои сарфакунандаи об, беҳтар намудани ҳосилхезии замин, пешгирии эрозияи хок, истифодаи оқилонаи нуриҳо ва пеститсидҳо ва истеҳсоли маҳсулоти органикиро дар бар мегирад.

Рушди истеҳсоли маҳсулоти органикӣ барои Тоҷикистон ҳам аҳамияти экологӣ ва ҳам иқтисодӣ дорад. Афзоиши талабот ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар бозорҳои ҷаҳонӣ метавонад имконияти васеъ намудани содироти маҳсулоти кишоварзии кишварро фароҳам созад.

Яке аз самтҳои дигари иқтисоди сабз рушди нақлиёти экологӣ мебошад. Афзоиши истифодаи воситаҳои нақлиёти барқӣ метавонад партовҳои зарароварро коҳиш дода, сифати ҳаворо беҳтар намояд. Дар шаҳрҳои калон, аз ҷумла Душанбе, рушди нақлиёти барқӣ, инфрасохтори зарядгирӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ ва роҳҳои пиёдагардиву велосипедронӣ ба ташаккули муҳити солим ва бароҳат мусоидат мекунад.

«Шаҳри сабз» танҳо зиёд намудани дарахтон ва боғҳо нест, балки низоми мукаммали идоракунии шаҳр мебошад, ки истифодаи оқилонаи энергия, об, замин, нақлиёт ва дигар захираҳоро таъмин менамояд.

Барои Тоҷикистон тағйирёбии иқлим масъалаи воқеии рушди иқтисодӣ ва амнияти экологӣ мебошад. Заминларза, сел, тарма, хушксолӣ, обшавии пиряхҳо ва дигар равандҳои табиӣ метавонанд ба кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт ва инфрасохтор таъсир расонанд. Аз ин рӯ, сиёсати иқтисоди сабз бояд на танҳо ба коҳиши партовҳо, балки ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим низ равона шавад. Сармоягузорӣ ба инфрасохтори устувор, системаҳои огоҳкунии барвақт, ҳифзи ҷангалҳо, барқарорсозии заминҳо ва идоракунии оқилонаи захираҳои об аз ҷумлаи чунин тадбирҳо мебошанд.

Қабули Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037 аз таваҷҷуҳи хоссаи давлат ба ташаккули модели нави рушди иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Ҳадафи гузариш ба иқтисоди сабз истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рушди технологияҳои муосиру инноватсионӣ, коҳиши таъсири манфӣ ба муҳити зист ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад.

Истиқлолияти давлатӣ заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии ин роҳи созанда мебошад.

**Нигина ҚАРАХОНОВА,**
**муаллими кафедраи андозбандӣ ва суғуртаи ДДМИТ**

# ҶАВОНОН - НЕРУИ АСОСИИ ҶОМЕАИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ



Истиқлолияти давлатӣ барои ҳар як миллат рамзи соҳибихтиёрӣ, худшиносӣ ва интихоби мустақилонаи роҳи рушди ҷомеа мебошад. Барои Тоҷикистон низ истиқлолият заминаи муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмӣ ба шумор меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки техникаву технология бо суръати бесобиқа рушд мекунанд, нақши ҷавонон дар таҳкими истиқлол ва пешрафти кишвар боз ҳам муҳимтар мегардад. Ҳамин тавр, рушди давлатро бе илму техника ва технологияҳои муосир тасаввур кардан душвор аст. Агар дар гузашта қудрати давлатҳо бештар аз захираҳои табиӣ ва иқтидори ҳарбӣ вобаста бошад, дар асри XXI дониш, технология, иттилоот ва сармояи инсонӣ ба яке аз омилҳои асосии рақобатпазирии давлатҳо табдил ёфтаанд. Аз ин рӯ, истиқлолияти воқеӣ дар замони муосир ба қобилияти кишвар барои тавлид, истифода ва рушди технологияҳои нав вобаста мебошад.

Ҷавонон қисми фаъоли ҷомеа ва неруи асосии меҳнатӣ, зеҳнӣ ва эҷодии ҳар кишвар мебошанд. Тоҷикистон низ дорои аҳолии нисбатан ҷавон аст. Ин имконияти бузург барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат мебошад, зеро ҷомеаи ҷавон метавонад қувваи меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва навовариро таъмин намояд.

Технологияҳои муосир ҳаёти инсонро ба куллӣ дигар кардаанд. Интернет, телефони ҳушманд, зеҳни сунъӣ, робототехника, технологияҳои иттилоотӣ, автоматикунонӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ имрӯз ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт ворид шудаанд. Масалан, рушди технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои давлатӣ, бонкӣ, таълимӣ ва тиҷоратӣ зудтару қулайтар гарданд. Барои кишваре чун Тоҷикистон, ки дорои минтақаҳои кӯҳистон ва маҳалҳои аз марказҳои шаҳрӣ дур мебошад, рақамикунонӣ метавонад имкониятҳои нави дастрасӣ ба таҳсил, иттилоот ва хизматрасониҳоро фароҳам созад.

Яке аз далелҳои равшани суръати пешрафти техника рушди зеҳни сунъӣ (AI) мебошад. Системаҳои зеҳни сунъӣ имрӯз метавонанд матн таҳия кунанд, маълумотро таҳлил намоянд, забонҳоро тарҷума кунанд, тасвир созанд ва дар ҳалли масъалаҳои мураккаб ба инсон ёрӣ расонанд.

Ин раванд барои ҷавонон ҳам таҳдид ва ҳам имконият аст. Агар ҷавон технологияро танҳо барои фароғат истифода барад, имконияти бузургро аз даст медиҳад. Аммо агар ӯ онро ҳамчун воситаи омӯзиш, таҳқиқ, соҳибкорӣ ва эҷодкорӣ истифода кунад, метавонад дар муддати кӯтоҳ малакаҳои нав пайдо намуда, ҳатто ба бозори ҷаҳонии меҳнат ворид шавад.

Дар асри иттилоот мафҳуми истиқлолият маънои васеътар пайдо кардааст. Истиқлолияти сиёсӣ бе рушди иқтисодӣ устувории кофӣ надорад ва рушди иқтисодӣ низ бе технологияҳои муосир душвор аст.

Истиқлолияти технологӣ маънои онро дорад, ки кишвар то ҳадди имкон дорои мутахассисон, инфрасохтор ва донишҳои зарурӣ барои истифода ва рушди технологияҳои муҳим бошад. Барои Тоҷикистон ин масъала махсусан дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, энергетика, телекоммуникатсия, киберамният, кишоварзии рақамӣ ва илмҳои дақиқ аҳамияти стратегӣ дорад.

Дар ин самт, ҷавонон нақши ҳалкунанда доранд. Донишҷӯе, ки имрӯз барномасозӣ меомӯзад, муҳандисе, ки технологияи нав таҳия мекунад, ё муҳаққиқе, ки дар соҳаи илм таҳқиқот мегузаронад, дар асл ба таҳкими иқтидори технологии кишвар саҳм мегузорад.

Мо ҷавонон бояд ихтироъкор, муҳандис, барномасоз, муҳаққиқ ва соҳибкори навовар бошанд. Дар ниҳоят, истиқлолияти устувор он вақт қавӣ мегардад, ки ҳар як насли ҷавон онро ҳамчун дастоварди таърихӣ, масъулияти шахсӣ барои сохтаниояндаи беҳтар дарк намояд. Зеро техника ҷаҳонро тағйир медиҳад, аммо самти ин тағйирро дониш, ирода ва масъулияти инсон муайян мекунад.

**Фахриддин РАҶАБОВ,**
**донишҷӯи курси 3-юми ДДМИТ**

# ҲОЛО, КИ МАН ҶАВОНАМ, ДУНЁ ПУР АЗ ҶАВОНИСТ!



Бахшида ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шоми 8-уми сентябри соли равон дар саҳни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чорабинии фарҳангӣ таҳти унвони «Шоми ҷавонон» баргузор гардид.

Дар чорабинӣ ансамбли «Ҷавонӣ» -и назди донишгоҳ таҳти роҳбарии Ҷӯрамуроди Муҳаммадназар барномаи рангини фарҳангӣ пешниҳод намуд. Ҳунармандон бо иҷрои суруду таронаҳои дилнишин, ки саршор аз ғояҳои ватандӯстӣ, хештаншиносии миллӣ, дӯстиву ваҳдат, ҷавонӣ ва муҳаббат ба Ватани биҳиштосо буданд, ба маҳфил ҳусну ТАРОВАТИ тоза бахшиданд.

Барномаи рангини консертӣ ба иштирокчиён рӯҳияи идона бахшида, эҳсоси ифтихор аз соҳибистиқлолӣ ва дастовардҳои даврони истиқлолро боз ҳам таҳким бахшид.

Қобили зикр аст, ки баргузории чунин чорабиниҳо дар баробари аҳамияти фарҳангӣ доштан, барои таҳкими ҷаҳонбинии сиёсӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҷавонони худшиносу ватандӯст, инчунин, шаҳрвандони бошуур ва масъулиятшинос, нақши муҳим дорад.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# СУРУД РӮҲРО БОЛИДА ВА АСАБРО ОРОМ МЕСОЗАД

Дар доираи нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шоми 29 августи соли равон дар Боғи фарҳангу фароғатии «Кӯли ҷавонон»-и пойтахт бо иштироки ансамбли «Ҷавонӣ»-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ҷӯрамуроди Муҳаммадназар ва бо иштироки бевоситаи муовини ректор оид ба тарбия Шаҳноза Ғаффорова маҳфили фарҳангии идона доир гардид.

Дар ҷараёни маҳфил суруду таронаҳои дилнишин, саршор аз ғояҳои ватандӯстӣ, хештаншиносии миллӣ, дӯстиву ваҳдат, ҷавонӣ ва муҳаббат ба Ватани биҳиштосо садо доданд.

Баромадҳои фарҳангӣ ба ҳозирин рӯҳияи идона бахшида, эҳсоси ифтихор аз дастовардҳои даврони соҳибистиқлолиро боз ҳам таҳким бахшиданд.

Ҳамин буд, ки пирону ҷавонон зери тараннуми таронаҳои дилнишин мерақсиданд ва ба маҳфил ҳусни дигар зам мекард. Ҳама аз



тинҷиву ободӣ ва созандагиву пешрафти давлату миллат шукргузорӣ мекарданд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

## ТАЪЗИЯ ВА ҲАМДАРДӢ

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон аз даргузашти **Иброҳимов Темуралӣ Раҷабович,** собиқ муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омори донишгоҳ андуҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум изҳори ҳамдарӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Убайдов Фахриддин Сайфиддинович, декани факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии донишгоҳ нисбати даргузашти
**МОДАРАШ**
изҳори ҳамдарӣ ва тасаллият менамояд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Нуров Сорбон Эмомалиевич, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ нисбати даргузашти
**МОДАРАШ**
изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Тилакмуродова Сурайё Давлатмуродовна, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омори донишгоҳ нисбати даргузашти
**МОДАРАШ**
изҳори ҳамдарӣ ва тасаллият менамояд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Кибриё ва Давлатбӣ Қодироваҳо, фаррошони раёсати маъмурию хоҷагидории донишгоҳ бинобар даргузашти
МОДАРАШОН
изҳори ҳамдарӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Мирзоев Ғуломҷон, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи умумидонишгоҳии фанҳои гуманитарӣ нисбати даргузашти
**БАРОДАРАШ**
изҳори ҳамдарӣ ва тасаллият менамояд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Мираков Қудрат, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии донишгоҳ.нисбати даргузашти
**БАРОДАРАШ**
изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Нуриддинов Сунатулло Зубайдуллоевич, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории донишгоҳ нисбати даргузашти
**ҲАМСАРАШ**
изҳори ҳамдарӣ ва тасаллият менамояд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба професори кафедраи забони тоҷикии донишгоҳ Мадислом Раҳмонов нисбати даргузашти
**БАРОДАРАШ**
изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Алишер Асоев, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии донишгоҳ нисбати даргузашти
ҲАМСАРАШ
изҳори ҳамдарӣ ва тасаллият менамояд.